ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

ТДУ 001(092) +52 (575.3)
ТКБ 71:22.6 (2 тоҷик)
Р - 43

Бо ҳуқуқи дастнавис

РАҲМАТОВА РАҲИЁНГУЛ БАДАРҒАЕВНА

САҲМИ АКАДЕМИК БОБОҶОНОВ ПУЛОД БОБОҶОНОВИЧ ДАР РУШДИ ИЛМИ СИТОРАШИНОСИИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. Таърихи илм

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,профессор
Бобоев Х.Ю.

КӮЛОБ 2026

МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО.....2
МУҚАДДИМА 5
БОБИ 1. ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ ИЛМӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ 19
1. 1. Ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов 19
1. 2. Таҳсил, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти касбии академик П. Б. Бобоҷонов 42
БОБИ 2. АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ ВА РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН 67
2. 1. Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ.....67
2. 2. Фаъолияти роҳбарикунандаи академик П. Б. Бобоҷонов дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди таҳсилоти олӣ.....79
БОБИ 3. САҲМИ АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ ДАР РУШДИ АСТРОНОМИЯИ ТОҶИКИСТОН.....103
3. 1. Мероси педагогӣ ва фаъолияти ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов 103
3. 2. Фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии академик П. Б. Бобоҷонов.....118
ХУЛОСА 152
РУЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА 157
ЗАМИМАҲОШ.....183

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

МТММ - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус

МТМУ - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТОК - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

АИ ҶТ - Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Институти астрофизикаи АМИТ - Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АМИТ - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

УДТ -Универистети Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин

ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

МАС - Ассамблеяи Генералии Иттиҳоди байналмилалии астрономия

ДДМ ба номи М. В. Ломоносов – Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов

РАС (ИМА) – Расадхонаи астрофизикаи Смитсон (ИМА)

СБГ - Соли байналхалқии геофизикӣ

СОО - Соли Офтоби ором

СБО - Соли байналхалқии Офтоб

МЭҲ - Машинаи электронии ҳисоббарор

ИДПЛ - Институти Давлати Педагогии Ленинград ба номи С.М.Киров

ТАО (РАТ) - расадхонаи астрономии Тоҷикистон

ИМА – Иёлоти мутаҳидаи Америка

АФ РСС Тоҷикистон - Академияи фанҳои Республикаи Совети Сотсиалистии Тоҷикистон

АИ ҶШС Тоҷикистон - Академияи илмҳои Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ Тоҷикистон

ДДК ба номи А. Рӯдакӣ - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

IAS - Маркази байналмилалии метеорҳо

Шурои махсуси ГАИШ - Шурои диссертатсионии Институти давлатии ба номи Штернберг

Барномаҳои байналхалкӣ (IH\W) - Барномаҳои байналмилалии мушоҳидаи кометаи Галлей

Барномаҳои Советӣ (СОПРОГ) - Барномаҳои шуравии татқиқоти кометаи Галлей

РАҲис - Расадхонаи астрономии Ҳисор

МАОС- Ассосиатсияи байналмилалии мушоҳидачиёни Офтоб

КОА - и назди Президенти ҶТ - Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМИҶТ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Илм ҳамчун соҳаи махсуси фаъолияти ҷамъиятӣ дар ташаккул ва рушди ҷомеа, пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва техникию технологӣ нақши муҳим дошта, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди илм яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, омӯзиши фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ташкилотчигии олимони намоён барои муайян намудани саҳми онҳо дар ташаккули мактабҳои илмӣ, рушди самтҳои алоҳидаи илм, омодасозии кадрҳои илмӣ ва таҳкими иқтидори илмии мамлакат аҳаммияти муҳим дорад.

Мавриди таҳқиқ қарор додани мероси илмии олимони ватанӣ имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккул ва рушди соҳаҳои алоҳидаи илм, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин нақши шахсиятҳои илмӣ дар рушди илми миллӣ муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти олимони намоёни Тоҷикистон ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар таърихи илми ватанӣ аз масъалаҳои муҳими таърихи илм ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии хеш бо аҳли илм ва маорифи кишвар қайд карданд, ки «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа дониста, ба мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст. Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд» [166].

Дар таърихи илмҳои табиӣ - риёзии Тоҷикистон як қатор олимоне фаъолият намудаанд, ки дар ташаккул ва рушди соҳаҳои физика, математика ва астрономия саҳми назаррас гузоштаанд. Дар байни онҳо академик Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷонов ҳамчун яке аз намояндагони намоёни астрономия ва астрофизикаи тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Фаъолияти илмии ӯ ба омӯзиши кометаҳо, астероидҳо, сайёраҳои хурди манзумаи Офтобӣ, нурафкании кометаҳо ва дигар масъалаҳои астрономӣ равона гардида, фаъолияти омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва илмии ӯ бо омодасозии мутахассисон ва рушди иқтидори илмии ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад.

Аҳаммияти омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ба зарурати муайян намудани саҳмгузории ӯ дар ташаккул ва рушди астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ вобаста мебошад. Фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии ӯ дар даврaҳои гуногуни рушди илм дар Тоҷикистон сурат гирифта, омӯзиши марҳилавии он барои муайян намудани тағйироти самтҳои таҳқиқоти астрономӣ ва нақши муассисаҳои илмӣ дар рушди ин соҳа аҳаммияти илмӣ дорад.

Мавриди омӯзиши махсус қарор додани фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ҳамчунин аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки нақши ӯ дар рушди астрономия ва астрофизика, ташаккули заминаҳои илмии таҳқиқоти кайҳонӣ, фаъолияти Институти астрофизика, омодасозии кадрҳои илмӣ ва рушди робитаҳои илмӣ то ҳол ба таври мукаммал ва низомманд ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихию илмшиносӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти ӯ барои пурра намудани саҳифаҳои таърихи илмҳои табиӣ - риёзӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи астрономияи тоҷик дар низоми таҳқиқоти илмии давраи мазкур аҳаммияти махсус дорад.

Мавқеи илмӣ ва аҳаммияти фаъолияти П. Б. Бобоҷоновро дар рушди илмҳои астрономия, физика ва математика инчунин таваҷҷуҳи

олимон ва муҳаққиқон ба мероси илмии ӯ тасдиқ менамояд. Дар адабиёти илмӣ хидматҳои ӯ дар рушди астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон қайд гардида бошад ҳам, таҳқиқоти фарогири ҳаёт, фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии ӯ, ки тамоми марҳилаҳои асосии фаъолияти илмии олимро дар бар гирад, то ҳол ба таври низомманд анҷом дода нашудааст.

Мубрам будани мавзуи илмӣ ва зарурати таҳқиқи масъалаҳои мазкурро ҳолатҳои зерин муайян менамоянд:

Якум, Пӯлод Бобоҷонов таҳқиқотчӣ, арбоби давлатию ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раванди фаъолияти илмиаш асарҳои илмии бузург, ихтирооти сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар навовариҳои илмие, ки дар тамоми ҷаҳон татбиқоти худро ёфтаанд ва боиси рушди техника гардидааст, аз худ мерос гузошт. Ӯ аз зумраи олимоне маҳсуб меёфт, ки дар рушди илми астрономия ва кайҳоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалсозии марказҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таъсиси шуъбаҳои нави илмӣ корҳои назаррас анҷом додааст. Ҳамзамон, ӯ дар омода намудани мутахассисони илмӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он яке аз пешсафон маҳсуб меёфт. Бинобар ин, ба риштаи пажӯҳиш кашидани ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятию касбии вай тақозои замон мебошад, ки дигар паҳлуҳои фаъолияти номаълуми Пӯлод Бобоҷонов муайян ва мавриди истифодаи омма қарор дода шавад. Доир ба фаъолияти ҷамъиятӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ ва педагогии Пӯлод Бобоҷонов аз ҷониби пайвандон, ҳамкасбон ва дигар ҷамъияти илмии хориҷиву ватанӣ фишурдаву мақолаҳои илмӣ нашр гардида бошанд ҳам, лекин тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ӯро фарогир намебошанд.

Дуюм, Пӯлод Бобоҷонов дар даврони Шуравӣ таваллуд шуда, ҳаёти касбиаш аз ҳамин марҳилаи созандагию бунёдкории Тоҷикистони советӣ оғоз гардида, ба рушди таҳсилоти астрономия ва илми кайҳоншиносии Тоҷикистон мусоидат мекунад, ҳарчанд таҳияи китобҳои дарсии

астрономияи тоҷикӣ ба ӯ рабт дошта бошанд ҳам, нақши он дар рушди астрономияи ҷаҳонӣ низ бориз арзёбӣ карда мешавад.

Сеюм, давраи фаъолияти пурсамари илмию ҷамъиятии ӯ ба солҳои роҳбарӣ дар Институти Астрофизикаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон пайвандии қавӣ дорад. Дар ин марҳила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои илм ва таҳсилот ба пешравиҳои муҳими назаррас ноил гардиданд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми баррасии марҳилаҳои муҳими ҳаёт ва фаъолияти илмии ӯ, бояд дастоварҳои муассир ва арзандаи олимро дар пешбурди таҳсилоти олӣ ва илм, бунёд ва такмилу таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои илмию таълимӣ, бахусус, Институти астрофизикаи назди АМИТ ба таври возеҳ нишон дод.

Чорум, Пӯлод Бобоҷонов, асосан ба омӯзиши падидаҳои кайҳонӣ, ки асоси онро илмҳои физика, математика ва астрономия ташкил медиҳад ҳаёти худро бахшида, дар ин самт мактаби бузурги илмии худро созмон дод. Осори илмии ӯ, ки ҳам дар давраи Шуравӣ ва ҳам дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба нашр расидаанд, дорои арзиши баланди илмӣ ва аҳаммияти муҳими амалӣ мебошанд. Тӯшаи гаронбаҳои илмие, ки Пӯлод Бобоҷонов дар тӯли фаъолияти илмиаш мерос мондааст, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои амалию назариявӣ дар раванди бунёди давлати миллӣ, рушд ва пешрафти илмҳои бунёдӣ ва таҳқими таҳсилоти олии ватанӣ заминаи муфиду мусоид маҳсуб меёбад.

Панҷум, аҳаммияти омӯзиши фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов пеш аз ҳама дар арзиши илмӣ - назариявӣ ва аҳаммияти амалии фаъолияти ӯ барои таҳқиқи таърихи рушди астрономия зоҳир меёбад. Асоси методологии таҳқиқотро маҷмӯйи усулҳое ташкил медиҳанд, ки барои муайян ва бозсозӣ намудани марҳилаҳои муҳими ташаккули шахсият, фаъолияти роҳбарӣ ва нақши ӯ ҳамчун олими соҳибтаҷриба, дурандеш, инсондӯст ва созандаи низоми илмии Пӯлод Бобоҷонов мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин, муҳим будани интихоби мавзуи мазкур ба талаботи иҷтимоии ҷомеа алоқамандӣ дошта, афзалият мешуморем, ки ба таърих ворид шуда, омӯзиши заминаҳои ибтидоии илми ватаниро аз нигоҳи олим, муҳаққиқ ва ташкилотчигии ҷамъиятӣ Пӯлод Бобоҷонов муайян намуда, барои истифодаи наслҳои баъдӣ тавсия намоем.

Дар баробари ин, масъалаи таҳияи усулҳо ва технологияҳои муосири илмӣ, ба инобат гирифтани равандҳои навин ва самтҳои афзалиятноки рушди илм ва таҳсилот дар шароити имрӯза низ аз омилҳои муҳими интихоби мавзуи таҳқиқот ба шумор меравад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Гарчанде ки баъзе паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти академик П. Б. Бобоҷонов дар асарҳои ҳамзамонон, ҳамсафон ва шогирдон инъикос шуда бошад ҳам, то имрӯз рӯзгор, фаъолияти илмӣ - таҳқиқотӣ ва ҷамъиятии ӯ мавриди таҳқиқоти махсуси илмӣ қарор нагирифтаанд. Бояд қайд кард, ки дар мақолаҳои интишоротҳои даврӣ, маҷмуаи мақолаҳо ва маводҳои конфронсҳои илмӣ фаъолияти педагогӣ, илмӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов инъикос гардидаанд.

Дар бораи Пӯлод Бобоҷонов олимони зиёд, аз ҷумла Н. Т. Хоҷазода, У. Мирсаидов, Далер Почоҷонов, Фозил Тоҳиров, Кароматулло Олимов, Мансур Бобохонов, Абдулоҷон Орифов, Обид Олимов, Муҳаббат Абдураҳмонова, Н. Абдуллоев, Хайринисо Расулӣ, Г. Коҳирова ва дигарон ёддоштҳои худро навишта ба табъ расонидаанд.

Фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии Пӯлод Бобоҷонов дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ намунаи ҳамкории илмӣ ва фарҳангии халқҳои бародар дар роҳи рушди илм ва фарҳанг ба ҳисоб меравад. Фаъолияти асосии П. Б. Бобоҷонов бо ташаккул ва рушди муҳити илмӣ, маърифати ҷамъиятӣ ва таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ робитаи зич дошта, ба таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва рушди самтҳои астрономия ва кайҳоншиносӣ мусоидат кардааст.

П. Б. Бобоҷонов ба иҷрои корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ машғул гардида, ҳамзамон ҳамчун олими барҷаста, омӯзгор ва шахси самимӣ боқӣ монд. Вай ба насли аввалини олимони Осиёи Миёна, ки ба души онҳо бунёди пойдевори рушди илм ва низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон вогузор шуда буд, дохил мешуд. Қобилиятҳои бузурги П. Б. Бобоҷонов ҳамчун олим бо қобилиятҳои ғайриодии ташкилкунандаи илм ҳамоҳанг буданд. Фаъолияти пурсамари зиёди П. Б. Бобоҷонов дар маснади ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) (1971 - 1982) ва хидматҳои бузурги ӯ дар рушди илми астрономия дар ҷумҳурии мо маҳсуб меёбанд. Бо иштироки бевосита ва зери назари П. Б. Бобоҷонов як қатор нашрияҳои илмии Академияи илмҳо нашр карда шуданд. Вобаста ба ин, мо адабиёти марбут ба мавзуи мазкур ва ҳамзамон ҳангоми таҳқиқ истифодашударо метавонем ба гурӯҳҳои зерин тақсим намоем:

Ба гурӯҳи якум осори илмӣ, мақолаю маърӯзаҳои Пӯлод Бобоҷоновро ки ҷиҳати омӯзиши таърих, масоили астрономия ва илми Тоҷикистон ки сарчашмаи арзишманд маҳсуб меёбанд, дохил кардан мумкин аст. Асарҳои илмии интишоргардидаи академик Пӯлод Бобоҷонов, назарияю идеяҳои муҳими таҳқиқотҳои ӯро бобати масъалаҳои омода намудани мутахассисони баландтахассус, ҳамзамон таъсиси шуъбаю марказҳои илмӣ ва ташаккули илмҳои астрономӣ иникос менамояд. Нақши бузурги ӯ дар рушди илмҳои ватанӣ, аз ҷумла: астрономия, физика, математика ҳамзамон, навгониҳои илмӣ дар бахши илмҳои астрономӣ, ки Пӯлод Бобоҷоновро на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар арсаи ҷаҳонӣ машҳур гардонид, маълум менамояд.

Ба гурӯҳи дуюм, мақолаҳои Пӯлод Бобоҷонов, ки характери илмӣ-оммавӣ дошта, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд ва ба таҳқиқоти илмии дар Тоҷикистон ва хориҷа баанҷом расида бахшида шудаанд, ташкил додааст. Интишороти илмии ӯ таҷассумгари истеъдоди волои ӯ дар бахши астрономия ва ситорашиносӣ, тарғиботгари соҳаи

илм миёни ҷавонон ва таҳкиму тақвияти баззаҳои модию техникии озмоишгоҳҳои илмию таълимии мамлакат мебошад.

Ба гурӯҳ сеюм ҳуҷҷатҳо аз бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бойгонии хусусии Пӯлод Бобоҷонов, бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бойгонии Институти астрофизикаи назди АМИТ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба фаъолияти кори олим алоқамандӣ доранд, дохил мешаванд. Ин маълумотҳо бобати амиқу дақиқ кардани тарҷумаи ҳол, ҳаёту фаъолияти олим, муайян намудани нозукиҳои ташаккулёбии ӯ ҳамчун шахсият ва муҳаққиқ ба мо кӯмак расонид.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар кафедраҳои таърихи халқи тоҷик ва кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар доираи лоиҳаи “Таърихи халқи тоҷик барои солҳои 2020-2026” ва нақшаи дурнамои «Омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди илмҳои физика ва астрономия дар замони истиқлол» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи илмӣ муайян намудани мақом ва саҳми академик Пӯлод Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илми астрономия, физика ва математика, таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии ӯ дар давраи шӯравӣ ва истиқлолияти давлатӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст. Бо назардошти мақсади асосии мавзуъ, мо иҷрои вазифаҳои зеринро зарур донистем:

- баррасии ҳаёт ва муҳити ташаккулёбии шахсияти илмии Пӯлод Бобоҷонов;
- муайян кардани оғози фаъолияти илмӣ ва омӯзгории Пӯлод Бобоҷонов;

–таҳлили фаъолияти илмӣ ва ташкилии Пӯлод Бобоҷонов дар муассисаҳои илмӣ ва таълимии Тоҷикистон;

–таҳқиқи самтҳои асосии фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов дар соҳаҳои физика, математика ва астрономия;

–муайян намудани саҳми Пӯлод Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илми астрономия ва мактаби астрономии Тоҷикистон;

–омӯзиши нақши ӯ дар рушди таҳсилоти олии касбӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси илмӣ;

–баррасии фаъолияти роҳбарӣ ва ташкилотчигии академик Пӯлод Бобоҷонов дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ;

–муайян намудани саҳми Пӯлод Бобоҷонов дар рушди ҳамкориҳои илмӣ ва густариши робитаҳои байналмилалии илмӣ;

–омӯзиши фаъолияти ҷамъиятӣ ва илмии Пӯлод Бобоҷонов ва муайян намудани аҳаммияти мероси илмии ӯ дар рушди илми муосири Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот: Ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов аз оғози фаъолияти касбӣ, ташаккулёбии ӯ ҳамчун олими соҳаи физика ва астрономия, фаъолият дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимии ҷумҳурӣ то давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти асосии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Мавзуъ (предмет) - и таҳқиқот. Саҳми академик Пӯлод Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илми астрономия, физика ва математика, таҳсилоти олии касбӣ, инчунин фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии ӯ дар давраи шӯравӣ ва истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи вазифаҳои Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии факултети физика, математика ва информатикаи

Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, се марҳиларо дар бар мегирад:

– марҳалаи аввал солҳои 2022–2023-ро дар бар гирифта, дар ин муддат интихоби мавзуъ ва роҳбари илмӣ, таҳияи нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод оид ба мавзуи интихобшуда, ҷустуҷӯ ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, мавриди омӯзиш қарор додани адабиёти илмӣ ва дигар сарчашмаҳо, инчунин муайян намудани самтҳои асосии таҳқиқот анҷом дода шуд;

– марҳалаи дуюм солҳои 2023–2024-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳала омӯзиши амиқи фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва роҳбарии академик П. Б. Бобоҷонов, таҳлили мероси илмии ӯ, таҳияи бобҳои диссертатсия, нашри мақолаҳои илмӣ аз рӯйи мавзуи рисола ва иштирок дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявию байналмилалӣ амалӣ гардид;

– марҳалаи сеюм солҳои 2025–2026-ро фаро мегирад. Дар ин давра диссертатсия аз ҷониби роҳбари илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, камбудиҳои он ислоҳ ва матни рисола такмил дода шуд. Ҳамчунин диссертатсия ба муҳокимаи кафедраи дахлдор пешниҳод гардида, пас аз қабули қарори ҷаласа оид ба пешниҳоди рисолаи илмӣ барои ҳимоя, он ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шуд.

Аз нигоҳи замонӣ, таҳқиқот солҳои 1950–2021-ро фаро мегирад, ки ба ду марҳалаи асосии фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов мувофиқат менамояд:

– марҳалаи аввал солҳои 1950–1991-ро дар бар гирифта, фаъолияти ӯро дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон фаро мегирад;

– марҳалаи дуюм солҳои 1991–2021-ро дар бар гирифта, фаъолияти ӯро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди ташаккул ва рушди фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии академик Пӯлод Бобоҷоновро дар давраи шӯравӣ ва сӣ соли аввали истиқлолияти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифта, саҳми ӯро дар пешрафти илми ватанӣ ва таҳкими иқтидори илмии кишвар муайян менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба принсипҳои умумиилмии саҳеҳияти таърихӣ, воқеият, муттасилият ва маърифати илмии раванди таърихӣ такя мекунанд. Заминаи методологии таҳқиқотро усули таърихӣ ташкил дода, истифодаи он омӯзиши ҳамаҷониба ва пайдарпайи фаъолияти илмии академик П. Б. Бобоҷоновро дар заминаи шароити таърихӣ пешбинӣ менамояд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таърихии умумиилмӣ, инчунин усулҳои маъхазшиносӣ ва таърихнигорӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, бо мақсади таҳлили марҳилаҳои асосии фаъолияти илмӣ ва ташаккули шахсияти академик П. Б. Бобоҷонов аз усули шарҳиҳолӣ низ васеъ истифода гардида, ба тавсифи пайдарпай ва таҳлили воқеаҳои таърихӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки бори нахуст саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илми ситорашиносии тоҷик дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, педагогӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии ӯ мавриди таҳқиқи мукаммал қарор гирифтааст. Дар ин замина, марҳилаҳои асосии ташаккули шахсияти илмии академик, фаъолияти ӯ дар самти рушди илму маориф, омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ ва густариши таҳқиқоти астрономӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Вобаста ба ин, навгонии илмии рисола дар бандҳои зерин инъикоси худро пайдо намудаанд:

- бори аввал дар таърихшиносии ватанӣ, паҳлуҳои гуногунҷанбаи рӯзгор ва ҳаёту фаъолияти илмӣ - ҷамъиятии Пӯлод Бобоҷонов ба таври умумӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст;

- фаъолияти роҳбарӣ ва ташкилотчигии ҷамъиятию илмии Пӯлод Бобоҷонов маълум шуда, самтҳои муҳиму асосии ӯ ҳамчун шахсият ба таври умумӣ тавзеҳ карда шудааст;

- асарҳои илмии ӯ, ки ба самти омӯзиши ҷирмҳои осмонӣ, аз ҷумла: кометаҳо, галаситораҳо ва дигар обектҳои кайҳонӣ алоқамандӣ доранд, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфтанд.

- дар таҳияи диссертатсия маҷмуи маълумоту, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар маводи сарчашмавие истифода гардидаанд, ки як қисми онҳо бори аввал ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда мешаванд;

- интишороте, ки саҳми Пӯлод Бобоҷоновро дар ташаккули таҳсилоти мамлакат, омода намудани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмидошта, тақвият бахшидан ба рушди марказҳои илмӣ ва таҳкими базаҳои техникӣ алоқамандӣ дорад, ба синфҳо ҷудо карда шудааст;

- исбот гардидааст, ки натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои Пӯлод Бобоҷонов ҷиҳати мукаммалгардонии усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаи астрономия, техника ва илм мубрамияти худро дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ гум намекунанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки олими барҷаста, физик, ситорашинос, табиатшинос ва академики АМИТ П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илмҳои физика, математика ва астрономия, инчунин дар пешрафти таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва минтақа саҳми арзишманд гузоштааст, самтҳои асосии фаъолияти илмӣ ва ташкилии ӯ ба омӯзиши масъалаҳои калидии астрономия ва кайҳоншиносӣ, муайян ва рушди самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва таҳкими иқтидори илмӣ-таҳқиқотии Институти астрофизикаи АМИТ равона гардидаанд;

– муайян карда шуд, ки Пӯлод Бобоҷонов фаъолияти илмии худро дар соҳаҳои физика, математика ва астрономия оғоз намуда, дар Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва Институти астрофизикаи АМИТ ба камол расида, дар ташаккул ва

рушди муҳити илмӣ ва мактаби астрономии Тоҷикистон нақши назаррас гузоштааст;

– натиҷаи таҳқиқот собит намуд, ки самтҳои асосии фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов ба омӯзиши табиати кометаҳо, метеорҳо, астероидҳо, сайёраҳои хурди манзумаи Офтобӣ, нурафкании метеорҳо ва дигар масъалаҳои астрономӣ равона гардида, натиҷаҳои бадастовардаи ӯ дар рушди самтҳои алоҳидаи астрономия ва кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон аҳаммияти муҳими илмӣ доранд;

– таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов бо корҳои илмӣ маҳдуд нагардида, масъалаҳои омодасозӣ ва тарбияи мутахассисони баландихтисос, фаъолияти омӯзгорӣ ва роҳбарии илмиро низ фаро гирифтааст. Бо роҳбарӣ ва иштироки ӯ конференсияҳо, ҳамоишҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ баргузор гардида, барои рушди муҳити илмӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳқиқи минбаъдаи таърихи илми Тоҷикистон, хондани курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, коркарди дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ - методӣ истифода кард. Маводҳо ва хулосаҳои диссертатсия, бахусус, оид ба масоили рушди илми астрономияи Тоҷикистон, фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, инчунин, оид ба дигар масоили мубрами таърихи илм ва техникаи тоҷикро ҷиҳати рушди ҷаҳонбинии миллии халқи тоҷик, дар тарбияи зеҳнӣ ва ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи маҷмуи сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ ва бойгонӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маводи оморӣ ва матбуоти даврӣ таъмин менамояд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин ба истифодаи усулҳои муқоисавӣ - таърихӣ, хронологӣ, таҳлил ва таркиб, системавӣ ва

оморӣ, инчунин ба муқоисаи маълумоти сарчашмаҳои гуногун асос меёбад. Натиҷаҳои бадастомада дар асоси таҳлили воқеаҳо, равандҳо ва фаъолияти илмии П. Б. Бобоҷонов мавриди санҷиш ва муқоисаи илмӣ қарор гирифта, бо далелҳои сарчашмаҳои истифодашуда асоснок карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. Таърихи илм мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаб аз интихоби мавзӯъ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва низомномандии сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ ва бойгонӣ, таҳқиқи фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ташкилотчигии П. Б. Бобоҷонов, муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ дар соҳаҳои физика, математика ва астрономия, инчунин таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада иборат мебошад. Муаллиф маводи зарурирро мустақилона ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро таҳия ва хулосаҳои илмиро асоснок кардааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар муайян намудани нақши П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди астрономия ва кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон, омодасозии кадрҳои илмӣ ва таҳкими муҳити илмии ҷумҳурӣ ифода меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дигар чорабиниҳои илмӣ мавриди баррасӣ ва муҳокимаи мутахассисон қарор гирифтаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърӯзаҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-амалӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба

номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод ва муҳокима гардидааст.

Диссертатсия дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои физикаи умумӣ ва назариявӣ ва таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи №11 аз 26.06.2026) мавриди муҳокима қарор гирифта, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифода дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихи илм, аз ҷумла таърихи рушди физика, математика, астрономия ва кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон, инчунин дар таҳияи маводи таълимӣ ва илмӣ оид ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгории Пӯлод Бобоҷонов пешниҳод карда мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 189 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манобеъ, адабиёти илмӣ ва замимаҳо таркиб ёфтааст.

БОБИ 1. ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ ИЛМӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ

1.1. Ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов

Пӯлод Бобоҷонов 15 октябри соли 1930 дар гузари Намозгоҳи шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) - и вилояти Суғд, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро ӯ дар омӯзишгоҳи педагогии зодгоҳаш гирифта, маълумоти олиро бошад дар Институти давлатии педагогии шаҳри Хуҷанд (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров) гирифтааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ асосан ба «соҳаи илм ва маориф марбут буда, дар вазифаҳои гуногуни масъул, аз ҷумла ходими илмии Расадхонаи астрономии Сталинобод (ҳоло Душанбе) - и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ходими калони илмӣ, мудири шуъба, директори Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ), саркотиби илмӣ ва ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият намудааст» [153, с.468 - 469].

Мақсади баррасии фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии П. Бобоҷонов дар ин зербоб таҳлили омилҳои ташаккули шахсияти ӯ, муайян намудани хусусиятҳои инсонӣ ва нишон додани самаранокии истифодаи вақт дар ҳаёти пурбаракати ӯ мебошад.

Таҳлили давраи наврасии П. Бобоҷонов нишон медиҳад, ки маҳз ҳамин марҳилаи ҳаётӣ дар ташаккули хислат ва ҷаҳонбинии шахс нақши ҳалкунанда мебозад. Дар адабиётҳои педагогӣ ва равоншиносӣ таъкид мегардад, ки давраи наврасӣ марҳилаи ташаккули сифатҳои шахсӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ ва муайян намудани самти ояндаи фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин давра баъзе наврасон бо хислатҳои хоси

худ, аз ҷумла фаъолиятнокӣ, ташаббускорӣ ва қобилияти роҳнамоӣ миёни ҳамсолон фарқ мекунанд.

Пӯлод Бобоҷонов низ дар айёми наврасӣ чунин сифатҳоро зоҳир намуда, миёни ҳамсолон мавқеи муайян дошт. Ӯ бо ахлоқи намунавӣ, масъулиятшиносӣ, ростқавлӣ ва омодагии ҳамешагӣ барои кумак ба дигарон фарқ мекард. Ҳамзамон, шавқи ӯ ба фанҳои дақиқ, аз ҷумла физика, математика ва астрономия барвақт зоҳир гардида, тадриҷан ба интихоби роҳи минбаъдаи илмии ӯ замина гузошт.

Дар ин замина, андешаи мутафаккири бузург Абӯалӣ ибни Сино аҳаммияти махсус дорад, ки таъкид кардааст: «Ба қадри тоқати инсонӣ ба улум воқиф шудам ва ҳар чӣ имрӯз медонам, ҳамон аст, ки он рӯз омӯхтам». Ин гуфтаҳо нақши муҳими давраи ҷавониро дар ташаккули дониш ва ҷаҳонбинии инсон тасдиқ мекунанд. Ҳамзамон, таҷрибаи зиндагӣ ҳолатҳои муқобилро низ нишон медиҳад, ки дар онҳо имкониятҳои давраи ҷавонӣ самаранок истифода намешаванд. Чунонки Абдутоҳири Хусравонӣ бо эҳсоси надомат зикр менамояд:

Ҷавонӣ ба беҳудагӣ ёд дорам,
Дареғо ҷавонӣ, дареғо ҷавонӣ.

Таваҷҷуҳи Пӯлод Бобоҷонов ба олами табиат ва махсусан ба осмони ситоразор аз овони кӯдакӣ оғоз ёфтааст. Аз даврaҳои қадим инсон ба мушоҳида ва омӯзиши осмон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш мекард асрори онро дарёбад. Файласуфи Рими қадим Сенека таъкид кардааст, ки агар дар рӯйи Замин маконе вуҷуд медошт, ки танҳо аз ҳамон ҷо мушоҳидаи ситораҳо имконпазир мебуд, он макон ҳамеша пур аз одамон мегардид. Ин андеша шавқи табиии инсонро ба шинохти кайҳон ифода менамояд [153, с.468 - 469].

Дар чунин замина, Пӯлод Бобоҷонов низ зери таъсири ин гунбази пурасрор ба воя мерасид. Ӯ шабҳо дар паҳлуи модараш Ҳамроой Файзиева (1900 – 1947) дар ҳавлӣ зери осмони кушод мехобид ва ба осмони пурҷилои ситорагон менигарист. Модар ба ӯ қиссаву ривоятҳои

гуногунро дар бораи осмон ва ситораҳо нақл мекард, ки ин ҳолат дар бедор намудани шавқи маърифатандӯзии ӯ таъсири амиқ гузошт.

Пӯлоди хурдсол, мисли дигар кӯдакони орзупарвар, кӯшиш мекард дар байни ситораҳои бешумор «ситораи худро» пайдо намояд. Ба гуфтаи модараш, ҳар инсон дар осмон ситораи худро дорад ва ин андеша дар шуури кӯдаконаи ӯ ҷой гирифта буд. Ӯ бо содагӣ чунин тасаввур мекард, ки ситораи ӯ низ мисли худаш хурд аст, дар ҳоле ки ситораи падараш бояд бузург ва дурахшон бошад.

Аммо ёдоварии падар барои ӯ ҳамеша бо эҳсоси андӯҳ ҳамроҳ буд. Пӯлод дар синни чорсолагӣ аз парастории падар маҳрум гардида, аз овони барвақт бо мушкилоти зиндагӣ рӯ ба рӯ шуд. Бо вуҷуди ин, хотираи падар ва тарбияи модар дар ташаккули хислатҳои инсонӣ ва ҷаҳонбинии ӯ нақши муҳим бозиданд [151, с.55 - 62].

Пӯлод Бобоҷонов, сарфи назар аз он, ки дар синни хурдсолӣ падарашро аз даст дод, ҳамеша бо номи ӯ ифтихор мекард ва фаъолияти ҷамъиятии падари худро намунаи ибрат медонист. Падараш Бобоҷон Файзиев (1866 – 1934) аз ҷумлаи шахсони босавод ва маърифатпарвари ҷомеаи маҳаллӣ ба ҳисоб мерафт.

Тибқи маълумоти овардашуда дар асари «Тазкираи олимони Истаравшан», Бобоҷон Файзиев то Инқилоби октябри соли 1917 ба ҳайси мирзо (референт) фаъолият намуда, баъд аз тағйироти сиёсӣ фаъолияти худро ба шароити нави иҷтимоӣ мутобиқ гардонидааст. Ӯ ҳамчун шахси донишманд ва соҳибтаҷриба дар соҳаи маориф низ саҳм гузошта, дар ибтидои асри XX мудири шуъбаи маорифи шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) тайин гардид. Минбаъд ҳамчун омӯзгори пешқадам ва сипас котиби суди халқии шаҳр фаъолият намудааст [135, с.45 - 47].

Бобоҷон Файзиев ба арзишҳои ахлоқии ҷомеа, аз ҷумла аҳаммияти оила, тарбияи фарзанд ва меҳнати ҳалол таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Ӯ бо ҳамсараш Ҳамроой Файзиева (1900 - 1947) ду фарзанд -

Икром ва Пӯлодро дар руҳияи маърифатпарварӣ ва инсонгароӣ тарбия мекарданд.

Марги бармаҳали падар дар соли 1934 ба зиндагии оила таъсири ҷиддӣ расонд. Дар он вақт Пӯлод ҳамагӣ чорсола буд ва аз ҳамин давраи хурди «замони нокомии» ӯ оғоз гардид. Ин ҳодиса на танҳо талафоти оилавӣ, балки як зарбаи равонӣ барои кӯдаки хурдсол ба ҳисоб мерафт.

Хотираи ин воқеа дар зеҳни ӯ ба таври равшан нақш бастааст. Манзараи мотам, гирдиҳамоии хешу табор ва ҳамсоягон, нолаву фиғони модар ва наздикон дар шуури кӯдаконаи ӯ таассуроти амиқ гузошт. Гарчанде ӯ моҳияти воқеаро пурра дарк намекард, аммо ҳолати ғайриодӣ - ором ва беҳаракат будани падар ӯро ба андеша водор месохт. Ин таҷрибаи аввалини рӯ ба рӯ шудан бо мафҳуми марг дар ташаккули эҳсосоти дохилии ӯ нақши муҳим бозид.

Дар айни замон, эҳтироми мардум ба шахсияти Бобоҷон Файзиев низ дар хотири кӯдак таъсир гузошт. Шумораи зиёди сокинони шаҳр барои изҳори тасаллият ва хондани дуову фотиҳа ба хонадони онҳо меомаданд, ки ин аз ҷойгоҳи иҷтимоии падари ӯ дарак медод.

«Дар давраи кӯдакӣ ва наврасӣ Пӯлод Бобоҷонов, мисли дигар намояндагони муҳити иҷтимоии худ, зери таъсири баъзе тасаввуроти мардумӣ қарор дошт. Аз ҷумла, ӯ бовар дошт, ки ҳангоми канда шудани ситора аз осмон риштаи умри инсон қатъ мегардад. Ин гуна боварҳо, ки хусусияти рамзӣ доштанд, дар баробари шавқи табиии ӯ ба осмони ситоразор, заминаи ибтидоии таваҷҷуҳи ӯро ба астрономия фароҳам оварданд» [153, с.50-52].

Соли 1936, ҳанӯз ба синни мактабӣ пурра нарасида, Пӯлод Бобоҷонов ба таҳсил ҷалб гардид. Ӯро ба дабистони маъруф бо номи «Мактаби таги мадраса» дохил намуданд, ки яке аз муассисаҳои маъмулии таълимии он давра ба ҳисоб мерафт.

«Муҳити таълимӣ ва фарҳангии зодгоҳ ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ таъсири назаррас расонид. Дар айёми мактабхонӣ, ӯ бо қиссаву

ривоятҳои таърихии маҳаллӣ, аз ҷумла дар бораи ёдгориҳои бостонӣ ва шахсиятҳои қаҳрамон шинос гардид. Ҳикоятҳо дар бораи далерӣ ва ватандӯстии Рустамбек ва дигар шахсиятҳо ҳисси ифтихори миллӣ ва таваҷҷуҳи ӯро ба таърих тақвият медоданд» [140].

Бояд зикр намуд, ки солҳои 30 - юми асри XX бо тағйироти ҷиддии сиёсиву фарҳангӣ тавсиф мешаванд. Дар ин давра бисёре аз муассисаҳои анъанавии таълимӣ, аз ҷумла мадрасаҳо, барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо мактабҳои нави типи Шуравӣ таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, мадрасаи зебое, ки бо унсурҳои хоси меъмории миллӣ оро ёфта буд, вайрон гардида, ба ҷойи он мактаби нав бунёд ва ба номи Калинин гузошта шуд. Ин равандҳо, ҳарчанд ба рушди низоми нави маориф нигаронида шуда буданд, дар баробари ин боиси аз байн рафтани баъзе арзишҳои фарҳангии миллӣ низ гардиданд.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии Пӯлод Бобоҷонов муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии зодгоҳаш шаҳри бостонии Истаравшан, нақши муҳим бозидааст. Ӯ аз овони мактабхонӣ бо гузарҳои маъруфи ҳунармандии шаҳр, аз қабили заргарӣ, собунгарӣ, дегрезӣ, читбофӣ, пилтабофӣ, чармгарӣ, шонатарошӣ, хосабофӣ, пӯстиндӯзӣ, кордгарӣ ва мехчагарӣ ошно гардида буд. Ин муҳити ҳунармандӣ дар ташаккули завқи эстетикӣ, эҳтиром ба меҳнат ва қадршиносии касбу ҳунар дар шуури ӯ таъсири мусбат расонид [142, с. 92 - 99].

Тавре ки омӯзгорони мактаб таъкид менамуданд, Истаравшан ҳамчун маркази қадимаи ҳунармандӣ ва фарҳангӣ шинохта шуда, макони зисти устоёни моҳир ва шахсиятҳои маърифатпарвар ба ҳисоб мерафт. Ин фазои фарҳангӣ барои рушди маънавии насли наврас, аз ҷумла П. Бобоҷонов, заминаи мусоид фароҳам овард.

«Солҳои таҳсили ӯ (1936 - 1945) ба давраи ниҳоят душвори таърихӣ - солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омаданд. Ӯ аввал дар мактаби ибтидоӣ таҳсил намуда (1936-1942), баъдан таҳсили худро дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Ӯротеппа (1942 - 1945) идома дод. Ин

давра бо камбудиҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин норасоии кадрҳои омӯзгорӣ тавсиф мешуд» [143].

Бо оғози ҷанг, бисёре аз омӯзгорон ба фронт сафарбар гардиданд, ки дар натиҷа дар муассисаҳои таълимӣ норасоии шадиди омӯзгорон ба вуҷуд омад. Бо мақсади ҷуброни ин камбудӣ, хонандагони болаёқат ва аълохон ба омӯзишгоҳҳои педагогӣ ҷалб карда мешуданд. Пӯлод Бобоҷонов низ пас аз хатми синфи шашум ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Ӯротеппа дохил гардид.

Дар муҳити омӯзишгоҳ ӯ бо саъю кӯшиши пайваста, шавқи баланд ба донишандӯзӣ ва серталабӣ нисбат ба худ фарқ намуда, ба яке аз донишҷӯёни пешқадам табдил ёфт. Дар натиҷа, омӯзишгоҳро дар синни понздаҳсолагӣ бо дипломи аъло хатм кард. Истеъдод ва қобилияти баланди ӯ аз тарафи роҳбарияти муассиса баҳои арзишманд гирифта, ҷиҳати идомаи таҳсил дар муассисаи олии таълимӣ тавсия дода шуд.

Дар солҳои 1942 - 1945, сарфи назар аз синни нисбатан хурд, Пӯлод Бобоҷонов фаъолнокии назаррас нишон медод. Ӯ ҳамзамон бо таҳсил ба корҳои хонаводагӣ, аз ҷумла кумак ба модар машғул буд. Ин ҳолат аз ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва камолоти барвақтии ӯ шаҳодат медиҳад. Муваффақиятҳои таҳсилии ӯ, аз ҷумла аълохонӣ ва шавқи баланд ба китобхонӣ, мавриди таваҷҷуҳи омӯзгорон қарор гирифта буд.

Аз ҷумла, омӯзгори математика Маҳмудҷон Бобоҷонов ва омӯзгори ҷуғрофия Сангинов аз аввалин нафароне буданд, ки қобилияти зеҳнӣ ва истеъдоди ӯро дарк намуда, барои рушди минбаъдаи он мусоидат карданд. Панду насиҳатҳои омӯзгори ҷуғрофия, ки зарурати доштани мақсади нек ва саҳмгузорӣ барои ҷомеаро таъкид менамуд, дар ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқии ӯ нақши муҳим бозид.

Пӯлод Бобоҷонов дар муҳити роҳнамоии омӯзгорони некхоҳ ва дастгирии оила тадриҷан ба камол мерасид. Солҳои 1945 - 1946, ки ба анҷоми ҷанг ва оғози давраи баъдиҷангӣ рост меоянд, дар ҳаёти ӯ давраи хотирмон ба ҳисоб мераванд. Ӯ ҳамчун донишҷӯи аълохон соҳиби

идрори сталинӣ гардид, ки нишонаи эътирофи расмии дастовардҳои таҳсилии ӯ буд.

Дар ҳамин давра, бародараш Икромҷон Бобоҷонов аз ҷабҳа ба Ватан баргашт, ки ин воқеа ба зиндагии оила руҳияи нав бахшид. Икромҷон, ки аз Пӯлод калонтар буд, минбаъд барои ӯ ҳамчун саробон ва роҳнамо хизмат намуда, дар интихоби роҳи минбаъдаи зиндагӣ ва фаъолияти илмии ӯ таъсири назаррас расонд [153, с. 45 - 46].

Бо вуҷуди ин, солҳои ҷанг барои хонаводаи Бобоҷоновҳо давраи пурмашаққат ва маҳрумиятҳо буд. Аъзои оила, аз ҷумла модараш Ҳамроой, бародараш Икромҷон ва дигар наздикон, ҳамаи душвориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро паси сар намуда, барои нигоҳдории оила ва таълиму тарбияи фарзандон кӯшиш мекарданд.

Дар ташаккули шахсияти Пӯлод Бобоҷонов нақши муҳимро бародари калониаш - Икромҷон Бобоҷонов бозидааст. Икромҷон Бобоҷонов, ки хатмкардаи Институти педагогии тоҷикии шаҳри Тошканд буд, то саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ кору фаъолияти худро аз соҳаи маориф оғоз намуда, дар ноҳияҳои ҷанубии мамлакат ба ҳайси омӯзгори фанни математика кору фаъолият мебурд. Бо сар задани ҷанг, ӯ низ ба сафи мудофеони Ватан пайваста, дар ҳимояи марзу буми кишвар иштирок намуд ва пас аз гирифтани ҷароҳат соли 1942 ба зодгоҳаш шаҳри Истаравшан баргашт [143].

Дар бораи фаъолияти ҷангӣ ва зиндагии баъдиҷангии ӯ дар осори публитсистӣ, аз ҷумла навиштаҳои рӯзноманигор Сайфуллоҳ Маҳкамов, маълумоти арзишманд оварда шудааст. Аз ҷумла, дар рӯзномаи «Омӯзгор» (12 июли соли 2000) оид ба зиндагии Икромҷон Бобоҷонов ва ҳамсараш омӯзгори забони русӣ Нина Михайловна Кириллова матлаби хотирмон ба нашр расидааст.

Муносибати Икромҷон Бобоҷонов бо додар - Пӯлод Бобоҷонов - хусусияти тарбиявӣ ва роҳнамоӣ дошт. Дар солҳои ҷанг, вақте ки Пӯлод ҳанӯз наврас буд, ӯ аз вазъи душвори ақибгоҳ ва мушкилоти зиндагӣ ба

бародараш нақл мекард. Ҳузури бародари калон, ки таҷрибаи ғании зиндагӣ ва ҷаҳонбинии васеъ дошт, ба ташаккули маънавӣ ва равонии ӯ таъсири мусбат расонид.

«Пас аз хатми омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Ӯротеппа, Икромҷон Бобоҷонов ба Пӯлод ҳамчун роҳнамо ва саробони оила маслиҳат дод, ки таҳсилро дар муассисаи олии таълимӣ идома диҳад. Бо дарназардошти қобилияти ӯ дар фанҳои дақиқ, тавсия дода шуд, ки ба факултети физика-математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷанд дохил шавад. Ин интихоби касбӣ ба шавқу рағбати ӯ ба илмҳои дақиқ ва дурнамои рушди минбаъдаи илмии ӯ мувофиқ буд» [161].

Дар асоси тавсияву роҳнамоии бародараш, моҳи июли соли 1945 Пӯлод Бобоҷонов ба факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷанд ба номи С. М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров) ҳуҷҷат супорида, қабул гардид. Ин давра оғози марҳилаи нави ташаккули илмии ӯ ба ҳисоб меравад.

«Факултети физика - математикаи донишгоҳи мазкур ҳанӯз дар солҳои 30 – 40 - уми асри XX бо ҳайати омӯзгорони соҳибтаҷриба ва сатҳи баланди таълим маъруф буд. Пӯлод Бобоҷонов дар байни донишҷӯёни гурӯҳ, ки шумораашон маҳдуд (8 нафар) буд, хурдсолтарин маҳсуб мешуд, аммо бо вуҷуди ин бо дониши амиқ ва рафтори намунавӣ сазовори эҳтироми ҳамсабақон гардид» [138, с.122 - 128].

«Тибқи ёддоштҳои ҳамкурси ӯ, омӯзгори варзида Абдурасул Разоқов, Пӯлод Бобоҷонов аз овони донишҷӯӣ бо дониши фарогир, махсусан дар соҳаи илмҳои дақиқ, фарқ мекард ва миёни донишҷӯён мақоми хосса дошт. Бо дарназардошти дастовардҳои таълимӣ ва фаъолияти ҷамъиятии ӯ, маъмурияти донишгоҳ ӯро аз курси дуюм ба гирифтани идрори сталинӣ пешниҳод намуд. Ин иқдом нишонаи эътирофи қобилияти баланди илмӣ ва фаъолиятнокии ӯ буд» [153, с.46].

Пӯлод Бобоҷонов солҳои 1945 - 1949 дар ин макотиби олӣ таҳсил карда, ба рушди ояндаи илмии худ, заминаи бузург гузошт.

Солҳои аввали таҳсил омӯзгорон маҳорати баланди азхудкунӣ, мушоҳидавӣ ва илмомӯзии ӯро муайян намуда, барои таҳкиму ташаккули донишҳои ояндаи ӯ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд.

Дар ташаккули илмии ӯ заҳмати устодони донишгоҳ низ назаррас буд. Аз ҷумла, тибқи маълумоти овардашуда дар асари «Шиҳоби рахшон», вохӯрии донишҷӯён бо омӯзгори ҷавон Муҳаммад Осимӣ (хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд) барои онҳо аҳаммияти махсус дошт. Ӯ ҳамчун омӯзгори соҳибдониш, бо услуби хоси баён ва ҷаҳонбинии васеъ, тавонист таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба фанни физика бештар намояд.

Машғулиятҳои ӯ бо донишҷӯён, аз ҷумла бо Пӯлод Бобоҷонов, дар муҳити самимӣ ва илмӣ баргузор гардида, барои рушди тафаккури таҳлилӣ ва шавқи илмии онҳо мусоидат мекарданд. Шахсияти Муҳаммад Осимӣ, ки дорои таҷрибаи зиндагии ғанӣ ва ҷаҳонбинии васеъ буд, дар ташаккули диди илмии донишҷӯён, аз ҷумла Пӯлод Бобоҷонов, таъсири мусбат гузошт.

«Муаллими ҳалиму босубот, ки ҳанӯз дар бадан осори захм ва тирҳои ҷангӣ боқӣ дошт, ба донишҷӯён рӯ оварда таъкид мекард, ки шахси толибилм ҳамеша бо дафтар, китоб ва қалам ҳамнишин аст. Ӯ таъкид менамуд, ки ояндаи илмҳои техникии ҷумҳурӣ ба донишу меҳнати онҳо вобаста буда, аз ин рӯ омӯзиши амиқи фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла физика, математика ва кимиё зарур мебошад. Ба гуфтаи ӯ, ин илмҳо асосан таҷрибавӣ буда, инсоният дар тули таърих ҷаҳонро тавассути таҷриба, мушоҳида ва ақлу идрок дарк намудааст. Ҳамчунин, ӯ таъкид мекард, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад: рушду нумуи илмҳои дақиқ - математика, физика, кимиё, биология ва геология пояи асосии пешрафти ҷомеа мебошад. Дар ҳамин замина, мактабҳои илмии шаҳрҳои бузурги собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз

қабили Маскав, Ленинград (Санкт - Петербург), Киев, Минск, Воронеж ва Новосибирск дар тарбияи мутахассисони ҷавон саҳми назаррас гузоштаанд» [115, с.65].

«Ҳангоми донишҷӯйи омӯзгори физика, ки аз фанни механикаи назариявӣ дарс медоданд, Муҳаммад Осимӣ бемор гардид. Шогирдони ӯ, аз ҷумла Пӯлод Бобоҷонов ва чанд ҷавони дигар, ба аёдати устод рафтанд. Бо вуҷуди вазъи вазнини саломатӣ ва дарди захмҳои ҷангӣ, устод дар ҳолати нимхоб низ китоб мутолиа мекард, ки ин муҳаббати беандозаи ӯро ба илм ва дониш нишон медод. Ӯ бо як самимияти хоса донишҷӯёнро истиқбол намуда, изҳори миннатдорӣ кард ва тавсия дод, ки онҳо мавзуъҳои илмии таҳқиқотиро интихоб намоянд. Ба гуфтаи ӯ, баргузории конференсияи илмӣ - амалӣ метавонад ба рушди фаъолияти кафедра ва факултет мусоидат кунад. Дар ин раванд, ба Пӯлод Бобоҷонов низ ҳамчун донишҷӯи фаъол ва гирандаи стипендияи сталинӣ тавсия дода шуд, ки мавзуи мувофиқ барои таҳқиқ интихоб намояд» [164, с. 6 - 8.

Бо вуҷуди шароити танги зиндагии донишҷӯӣ, Пӯлод Бобоҷонов бо шавқу завқи баланд ва таҳсили аъло миёни ҳамсабақон ва устодон эҳтироми хоса пайдо карда буд. Давоми чор соли таҳсил дар факултети физика ва математикаи Институти педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М. Киров (ҳозира Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров) ба ӯ муяссар гардид, ки бо асосҳои муосири табиатшиносӣ шинос гардад. Ӯ дар байни донишҷӯёни фаъол ҷой гирифта, бо хониши аъло ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ сазовори стипендияи давлатӣ гардид. Ин давра барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва инкишофи қобилияти таҳқиқотии ӯ аҳаммияти муҳим касб намуд.

«Аввалин мақолаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотии Пӯлод Бобоҷонов ҳанӯз дар асри гузашта ба нашр расида бошанд ҳам, шавқу завқи ӯ ба омӯзиши кайҳон, ситораҳо, моҳтоб ва хусусиятҳои ҳамсафари табиии Замин аз солҳои донишҷӯйӣ ба таври равшан ташаккул ёфта,

тадриҷан қувват мегирифт. Ба таъкиди доктори илмҳои физикаю математика Хурсанд Ибодинов, «шавқи Пӯлод Бобоҷонов ба астрономия ҳангоми таҳсилаш дар курсҳои болоии факултаи физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷанд зоҳир гашта буд». Ӯ донишгоҳро соли 1949 бо баҳои аъло хатм намудааст» [146, с. 68].

Пас аз хатми донишгоҳ, дар марҳалаи ибтидои фаъолияти илмӣ, яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсталаби астрономия, сабабҳои пайдоиши сели метеорҳо, диққати асосии олимонро ба худ ҷалб мекард. Солҳои зиёд байни муҳаққиқон доир ба ин масъала баҳсу мунозира идома дошт. Равшан шудани ин муаммо ба ҳалли як қатор масъалаҳои дигар, аз ҷумла муайян намудани суръати афканиши моддаҳо аз ядрои комета, ки манбаи пайдоиши сели метеорҳо мебошад, вобаста буд. Ин нишондиҳандаи муҳими физикӣ дар таҳқиқи метеорҳо нақши калидӣ дорад ва ҷавоби он ба саволи дигар - мансубияти метеорҳо ба системаи Офтоб равшанӣ меандохт.

Дар чунин шароит барои олими ҷавон марҳалаи пурзаҳмати илмӣ оғоз гардид. Норасоии маводи мушоҳидавӣ, махсусан аксҳои босифати кометаҳо, яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, дар натиҷаи ҷанг, қисми зиёди маводи бойгонии расадхонаҳо, аз ҷумла аксҳои муҳими илмӣ нобуд гардида буданд. Бо вуҷуди ин, Пӯлод Бобоҷонов пажуҳиши худро на танҳо дар асоси маводи мавҷуда, балки бо истифода аз манбаъҳои бойгонишуда ва таҳти роҳбарии олимони кафедра идома дод. Дар ин раванд, ҳамкории олимон, аз ҷумла Н. М. Моисеев, барои ӯ аҳаммияти муҳим дошт.

Натиҷаи ин ҳамкорӣ пайваста дар он зоҳир гардид, ки Пӯлод Бобоҷонов қонунияти тағйирёбии суръати афканиши моддаҳо аз ядрои кометаро зери таъсири Офтоб бо ифодаи математикӣ (формула) асоснок намуд. Дар соли 1954, дар синни 24 - солагӣ, ӯ рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя кард. Ин комёбӣ аз ҷониби Шурои илмии

Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов баҳои баланд гирифт.

Як сол баъд монографияи илмии ӯ зери унвони «Баланди ва қиматҳои ситоравии метеорҳои равшан» (Высоты и заведные величины ярких метеоров) ба нашр расид. Дар синни 25 - солагӣ чоп шудани чунин асари илмӣ барои як муҳаққиқи ҷавон дастоварди назаррас ба ҳисоб мерафт ва аз сатҳи баланди таҳқиқоти илмии ӯ шаҳодат медод. Ин марҳала оғози роҳи устувори илмии Пӯлод Бобоҷонов дар соҳаи астрономия ва астрофизика гардид, ки минбаъд бо корҳои муҳими таҳқиқотӣ ва кашфиётҳои илмӣ идома ёфт.

Баъди бозгашти Пӯлод Бобоҷонов аз шаҳри Москва ба Душанбе, ӯ фаъолияти илмии худро дар самти омӯзиши метеорҳо бо ҳамон ҷиддият ва пайдарҳамӣ идома дод. Ҳамчун олими дурандеш ва таҷрибадор, ӯ дар асоси мушоҳидаҳои илмӣ ба чунин хулоса расид, ки бидуни истифодаи усулҳои даҳқиқ ва санҷидашуда дар илм, бахусус дар соҳаи астрономия, ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод ғайриимкон мебошад. Ин андеша ӯро водор сохт, ки ба такмили усулҳои аксбардории метеорҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд.

«Бо дарназардошти он ки метеорҳо танҳо чанд сония дар фазо намоён мегарданд ва самти пайдоиши онҳо пешакӣ дақиқ маълум нест, раванди аксбардории онҳо дорои хусусияти тасодуфӣ буд. Аз ин рӯ, зарурати кам намудани таъсири омилҳои тасодуфӣ дар мушоҳидаҳои илмӣ ба миён омад. Дар ҳамин замина, таҳти роҳбарии бевоситаи Пӯлод Бобоҷонов ва дар ҳамкорӣ бо профессори одессагӣ Е. Н. Крамер дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) дастгоҳи махсус барои аксгирии метеорҳо таҳия гардид. Ин таҷҳизот имконияти ба даст овардани натиҷаҳои дақиқи илмиро ба маротиб баланд бардошт» [9, 10, 11, 12, с. 55, 90 - 92, 67 - 69, 5 – 6 - 48].

Хусусияти асосии ин дастгоҳ дар он буд, ки ба ҷои як камераи ягона, ҳафт таҷҳизоти аксбардорӣ насб гардида, онҳо ба самтҳои гуногуни фазо нигаронида шуда буданд. Ҳамзамон, байни ин дастгоҳҳо ва нуқтаҳои гуногуни мушоҳидавӣ тавассути алоқаи радиоӣ иртиботи доимӣ таъмин карда мешуд, ки ин имкони назорати ҳамоҳангшудаи равандро фароҳам меовард. Аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим усули аскгирии яклаҳзавӣ мебошад, ки аз ҷониби худи Пӯлод Бобоҷонов пешниҳод ва таҳия шудааст. Мувофиқи ин усул, метеор дар фосилаи ниҳоят кӯтоҳ - ҳамагӣ дар 0,005 сония аксбардорӣ мегардад. Ин навоварӣ саҳеҳияти натиҷаҳои илмиро ба таври назаррас баланд бардошта, имконияти омӯзиши амиқи хусусиятҳои метеорҳоро фароҳам овард.

Аҳаммияти ин кашфи илмиро Раиси Шурои астрономии Академияи илмҳои умумииттифоқ (1963 - 1987), академик Э. Р. Мустел, махсус таъкид намуда, изҳор доштааст, ки усули аксгирии лаҳзавӣ имконият медиҳад, ки яке аз масъалаҳои мураккаби системаи Офтобӣ, яъне пайдоиш ва табиати метеорҳо ба таври илмии дақиқ таҳқиқ карда шавад.

«Дар асоси такмили усулҳои суратгирии метеорҳо, олимони тоҷик таҳти роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ба як қатор натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ ноил гардиданд. Ин таҳқиқот на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ доштанд, зеро дар баъзе мавридҳо мушоҳидаи сели метеорҳо боиси нигаронии аҳолӣ мегардид. Таърихан маълум аст, ки дар ҳолатҳои пайдоиши чунин падидаҳо, дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Ҷопон ва Португалия, мардум бо тарсу ҳарос ба чораҳои ғайриоддӣ даст мезаданд. Аммо имрӯз сабабҳои илмии ин падидаҳо ба таври дақиқ асоснок шудаанд, ки дар ин раванд саҳми Пӯлод Бобоҷонов назаррас мебошад» [13, с. 303 - 307].

Аз нуқтаи назари илмӣ, метеорҳо ҷузъи муҳими фазои байнисайёравӣ ба шумор мераванд. Дар гирди Офтоб сайёраҳо, кометаҳо, астероидҳо ва заррaҳои хурди кайҳонӣ ҳаракат мекунанд. Метеорҳо ҳангоми ворид шудан ба атмосфераи Замин бо суръати баланд

бо ҳаво соиш хӯрда, месӯзанд ва равшанӣ медиҳанд, ки ин падида дар шакли хатҳои равшан дар осмон мушоҳида мегардад. Ҳамин раванд асоси илмии пайдоиши метеорҳоро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Пӯлод Бобоҷонов дар ин самт на танҳо ба рушди астрономия дар Тоҷикистон мусоидат намуд, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ ҳамчун саҳми назаррас дар омӯзиши сохтори системаи Офтобӣ эътироф гардид.

Дар назари бинанда чунин менамояд, ки ҳамаи метеорҳо аз як бурҷи осмонӣ ё ба истилоҳ аз як радиант баромада ба фазо паҳн мешаванд. Аммо дар асл метеорҳо аз як нуқтаи ягона сарчашма намегиранд, балки роҳҳои ҳаракати онҳо ба якдигар мутавозӣ (параллел) мебошанд. Ин хулоса дар асоси мушоҳидаҳои астрономӣ ва таҳлили траекторияҳои метеорӣ ба даст омадааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти тулонии илмӣ имрӯз радианти бисёр селҳои метеорӣ ва лаҳзаи бархӯрди онҳо бо Замин муайян карда шудааст. Дар ин раванд нақши кормандони Шуъбаи метеории Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ), ки онро солҳои тӯлонӣ Пӯлод Бобоҷонов роҳбарӣ мекард, хеле муҳим мебошад. Таҳқиқотҳои онҳо ба рушди омӯзиши динамикаи ҷирмҳои хурди кайҳонӣ ва таъсири онҳо ба муҳити наздики Замин мусоидат намуданд.

«Яке аз падидаҳои муҳими метеорӣ сели Геминидҳо мебошад, ки ҳар сол дар моҳи декабр ба Замин наздик мешавад. Ин сел аз бурҷи Ҷавзо сарчашма мегирад. Хусусияти фарқкунандааш дар он аст, ки давраи таъсири он ба Замин нисбат ба дигар селҳои метеорӣ нисбатан кӯтоҳ буда, тақрибан шаш шабонарӯзро ташкил медиҳад. Ин хусусият таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқонро аз кишварҳои гуногун ба худ ҷалб намудааст» [19, с. 1 - 22].

Аввалин мушоҳидаҳои расмии сели Геминидҳо ба соли 1862 рост меоянд. Бо вуҷуди ин, як қатор олимон чунин фарзия пешниҳод кардаанд, ки ин сел метавонад таърихи хеле қадим дошта бошад ва

тақрибан панҷ ҳазор сол пеш низ фаъол будааст, вале шароити номувофиқи мушоҳида имконияти сабти дақиқи онро надодааст. Ин масъала ҳамчун масъалаи баҳсталаб мавриди таҳқиқи Пӯлод Бобоҷонов қарор гирифт.

Ҳалли масъалаи мазкур талаб мекард, ки мадори ибтидоии сели Геминидҳо дар давраи мушоҳидаҳои аввал муайян карда шавад. Зеро маълум аст, ки сайёраҳои бузург, махсусан Муштарӣ ва Зуҳал, тавассути қувваи ҷозибавии худ метавонанд ба ҳаракати метеорҳо таъсир расонида, мадори онҳоро бо мурури вақт тағйир диҳанд. Дар натиҷа, барои барқарор намудани мавқеи ибтидоии сел зарурати ҳисобҳои баргашт ба даврaҳои пешин ба миён меояд.

Бо ин мақсад дар Институти астрофизикаи АИҶТ (ҳоло АМИТ) барои мошинҳои ҳисоббарории электронӣ барномаи махсус таҳия карда шуд. Истифодаи ин барнома имконият дод, ки мавқеи сели Геминидҳо дар даврaҳои зиёда аз як аср, пеш аз мушоҳидаҳои муосир таҳлил карда шавад. Натиҷаҳои ҳисобҳо нишон доданд, ки радианти селҳои метеорӣ бо гузашти вақт на танҳо тағйир меёбад, балки дар баъзе ҳолатҳо метавонад пурра заиф шуда, муддати тулонӣ бо Замин бархӯрд накунад. Инчунин, собит гардид, ки давраи дубора фаъол шудани чунин селҳо аз хусусиятҳои мадорӣ ва ҷойгиршавии онҳо дар фазои байнисайёравӣ вобаста мебошад.

Таҳқиқотҳо инчунин нишон доданд, ки тағйирёбии радианти селҳои гуногуни метеорӣ яксон нест. Ин фарқият ба шакли мадор ва таъсири мутақобилаи он бо ҷирмҳои калони системаи Офтобӣ вобаста мебошад. Натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби Пӯлод Бобоҷонов дар соли 1981 дар як ҷамъомади байналмилалии илмӣ дар Югославия пешниҳод гардиданд.

«Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун муҳаққиқи дақиққор ва серталаб ба дастовардҳои худ қаноат накарда, таҳқиқоти минбаъдаро идома дод. Вай ба омӯзиши селҳои нави метеорӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар

фазои байнисайёравӣ таваққуҳи махсус зоҳир менамуд. Ин масъала махсусан дар шароити муосир, ҳангоми рушди парвозҳои кайҳонӣ, аҳаммияти амалӣ пайдо мекунад, зеро зарраҳои метеорӣ метавонанд барои киштиҳои кайҳонӣ хатари ҷиддӣ эҷод намоянд» [30, 31, 35, 36, с. 40 - 50, 98, 11].

Омӯзиши таркиби ҷирмҳои метеорӣ инчунин барои ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими астрофизика, пайдоиши системаи Офтобӣ аҳаммияти назаррас дорад. Дар ин самт як қатор фарзияҳо мавҷуданд. Яке аз онҳо ба номи астрофизики шведӣ, Лауреати ҷоизаи Нобел Ҳ. Алвен марбут аст. Мувофиқи назарияи ӯ, сайёраҳои калон ва ҷирмҳои осмонӣ метавонанд дар натиҷаи ҷамъшавӣ ва эволютсияи зарраҳои хурди кайҳонӣ, аз ҷумла метеорҳо, ба вуҷуд омада бошанд.

Ҳ. Алвен барои асоснок кардани назарияи худ ба далелҳои мушоҳидавӣ такя мекунад. Аз ҷумла, сели метеории Леонидҳо, ки даври гардиши он тақрибан сиву се солро ташкил медиҳад, бо Замин давра ба давра бархӯрд мекунад. Мушоҳидаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки ин сел ҳанӯз тақрибан 3800 сол пеш низ сабт шудааст, дар ҳоле ки кометаи мувофиқи он танҳо дар давраи нисбатан нав, яъне соли 1866 мушоҳида гардидааст. Ин муқоиса ҳамчун яке аз далелҳои муҳокимашаванда дар баҳсҳои марбут ба пайдоиши ҷирмҳои системаи Офтобӣ истифода мешавад [31, с. 136].

Барои ҳалли масъалаи пайдоиши системаи Офтобӣ Пӯлод Бобоҷонов бори нахуст дар ҷаҳон усули аксгирии лаҳзавиро истифода бурда, спектри қисмҳои ало ҳидаи метеорро ба даст овард. Ин усул имконият дод, ки таркиби физикӣ ва кимиёвии зарраҳои метеорӣ бо дақиқии баланд таҳлил карда шавад. Навоварии мазкур дарҳол диққати ҷомеаи илмии байналмилалиро ҷалб намуд, зеро он барои омӯзиши динамика ва пайдоиши ҷирмҳои хурди кайҳонӣ имкониятҳои нав фароҳам овард.

Тобистони соли 1965 ба Пӯлод Бобоҷонов аз номи мудири Расадхонаи астрофизикаи Смитсон (ИМА), профессор Ф. Л. Уиппл, телеграмма ирсол гардид, ки дар он даъват ба сафари илмӣ ба Иёлоти Муттаҳида ва пешниҳоди маъруза дар мавзуи «Натиҷаҳои омӯзиши моддаҳои метеорҳо аз рӯйи мушоҳидаҳои фотографӣ» ифода ёфта буд. Ин далел аз сатҳи баланди эътирофи байналмилалии корҳои илмии ӯ шаҳодат медиҳад. Пӯлод Бобоҷонов бо Ф. Л. Уиппл солҳои тулонӣ ҳамкории илмӣ дошт, ки ин ҳамкори дар рушди назарияҳои муосири метеоршиносӣ нақши муҳим бозид.

Дар масъалаи муайян намудани суръати метеорҳо дар фазои берун аз атмосфераи Замин як қатор формулаҳои назариявӣ пешниҳод гардида буданд. Аммо танҳо натиҷаҳое, ки дар асоси мушоҳидаҳои фотографӣ таҳти роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ба даст омадаанд, дурустии фарзияҳои Ф. Л. Уипплро тасдиқ намуданд. Ин натиҷаҳо собит карданд, ки усулҳои аксгирии лаҳзавӣ метавонанд ҳамчун воситаи боэътимоди таҳқиқи динамикаи метеорҳо истифода шаванд.

Кумитаи геофизикаи Раёсати Академияи илмҳои СССР соли 1968 экспедитсияи илмиро ба Ҷумҳурии Сомалӣ ташкил намуд, ки масъулияти роҳбарии он бар зимаи Пӯлод Бобоҷонов гзошта шуд. Ҳадафи асосии экспедитсия омӯзиши изи метеорҳо ва дар асоси онҳо муайян намудани қонуниятҳои тағйирёбии бодҳои атмосфера дар минтақаи экватории Замин буд. Дар ҷараёни ду соли таҳқиқот бо истифода аз асбобҳои махсус, ки барои ин экспедитсия таҳия шуда буданд, маълумоти илмии арзишманд ба даст оварда шуд. Ин натиҷаҳо барои сохтани модели муосири гардиши атмосфераи Замин аҳаммияти назаррас доранд [31, с. 53].

Моҳи октябри соли 1981 дар шаҳри Душанбе баргузор гардидани Пленуми Шурои астрономии Академияи илмҳои СССР низ аз аҳаммияти баланди корҳои илмии анҷомдода шаҳодат медод. Дар натиҷаи дастовардҳои назарраси Пӯлод Бобоҷонов Институти астрофизикаи

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) дар соли 1969 бо Ордени Байрақи Сурхи Меҳнат сарфароз гардид. Ҳамзамон, саҳмгузории шахсии ӯ низ аз ҷониби давлат қадр шуда, бо як қатор мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардид, аз ҷумла ордени «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шоён», инчунин медали ҷашнии ба муносибати 100 - солагии зодрӯзи В. И. Ленин.

Пӯлод Бобоҷонов фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии хешро дар сатҳи баланд анҷом дода, узви як қатор ташкилотҳо ва шуроҳои илмӣ буд. Ӯ аъзои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон (аз соли 1955), узви раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1958), узви Ҷамъияти байналмилалии ситорашиносон, раиси гурӯҳи «Моддаи метеорӣ» - и Академияи илмҳои СССР, инчунин раиси шуъбаи душанбегии Ҷамъияти астрономию геодезии умумииттифоқ буд [107].

Илова бар фаъолияти илмӣ, ӯ дар тарғиби илму дониш низ саҳмгузории назаррас дошт. Ҳамчун аъзои Президиуми Ҷамъияти ҷумҳуриявии «Дониш» дар паҳн намудани донишҳои илмӣ байни аҳолӣ фаъолона иштирок мекард. Ба қалами ӯ ду рисолаи илмӣ барои истифодаи умум тааллуқ дошта, барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи тарғиби илм бо медали ба номи В. И. Вавилов (1977) аз тарафи созмони Ҷамъиятии умумииттифоқии «Дониш» қадрдонӣ гардидааст.

«Фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии Пӯлод Бобоҷонов бо як қатор мукофотҳо, унвонҳо ва ифтихорномаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ қадр шудааст, ки ин аз сатҳи баланди фаъолияти пурсамари ӯ дар рушди астрофизика ва илми ватанӣ шаҳодат медиҳад. Дар байни онҳо Ифтихорномаи фахрии Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон (солҳои 1958, 1964, 1965), ордени «Нишони Фахрӣ» (1965), медали «Барои меҳнати шоиста» (1970), Нишони сарисинагии «Комёбиҳои аъло дар меҳнат» (1972), нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (1973), Мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино,

инчунин ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва дигар мукофотҳои давлатӣ ҷой доранд» [153, с. 38].

Инчунин ӯ бо ордени «Нишони Фахрӣ» (1980), медали «Собиқадори меҳнат» (1984), Мукофоти давлатии СССР дар бахши астрофизика (1989), унвони фахрии «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1994) ва бо ҷоизаи баланди илмии “Ситораҳои иттиҳод” (ИДМ) соли 2009 қадрдонӣ шудааст. Тақдими ин гуна мукофотҳои сатҳи олӣ арзиши бузурги фаъолияти ӯро дар ҳудуди ҷумҳуриявӣ, иттифоқӣ ва байналмилалӣ таҷассум менамояд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, Пӯлод Бобоҷонов дар як қатор вазифаҳои муҳими илмӣ, таълимӣ ва ҷамъиятӣ фаъолият намудааст. Дар соли таҳсили 1949 - 1950 вай фаъолияти омӯзгориашро ба ҳайси ассистенти кафедраи физикаи умумии Донишкадаи давлатии педагогии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) оғоз намудааст. Баъдан дар солҳои 1954 - 1958 ба ҳайси ходими калони илмии Расадхонаи астрономии Сталинобод (ҳоло Душанбе) - и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият мебурд.

Дар баробари бурдани корҳои илмӣ, ҳамзамон ӯ солҳои 1954 - 1961 ба ҳайси муаллими калони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) фаъолият мебурд. Натиҷаҳои пайдарҳамии корҳои илмӣ боис ба он гардид, ки соли 1958 вай мадири шуъбаи метеорҳоии Институти астрофизикаи назди АМИТ таъйин гардида, баъдан дар ҳамин Институт ҳамчун директор фаъолият намудааст.

Солҳои 1968 - 1970 ӯро роҳбари Экспедитсияи советии экваториалии омӯзиши метеорҳо дар Ҷумҳурии Сомалӣ интихоб намуданд, ки ин барои нишон додани илми ватанӣ дар арсаи ҷаҳонӣ барои ӯ имконияти зиёдеро пеш оварда. Баъд дар соли 1971 саркотиби илмии Президиуми Академияи илмҳои Тоҷикистон тайин гардид.

«Солҳои 1971 - 1982 ӯ вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) - ро ба уҳда дошт. Дар ҳамин давра, ӯ ҳамзамон вазифаҳои муҳими дигарро иҷро мекард, аз ҷумла сарвари гурӯҳи кории «Моддаҳои метеорӣ» - и бахши системаи Офтобии Шурои астрономии Академияи илмҳои СССР (1972), вакили мардумӣ дар Шурои шаҳри Душанбе (1973 - 1982), Раиси Шурои ректорони мактабҳои олии Тоҷикистон (1974 - 1982) ва раиси Шуъбаи тоҷикистонии Ҷамъияти умумииттифоқии астрономию геодезӣ (1978 - 1992) буд» [153, с. 55 - 62].

«Илова бар ин, ӯ раиси Шурои махсусгардонидашуда оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1972 - 1987), аъзои фаъоли Шурои илмии назди Академияи илмҳои СССР оид ба масъалаҳои Моҳ ва сайёраҳо (1983), Президенти комиссия оид ба метеорҳо ва ченакҳои байнисайёравии Иттиҳоди байналмилалии астрономӣ (1985 - 1988), раиси Кумитаи ҷумҳуриявии мукофотҳои комсомолии Ленинӣ дар соҳаи илм ва техника (1986 - 1991) ва ноиби Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон (1986 - 1989) буд» [165].

Солҳои баъдӣ Пӯлод Бобоҷонов ба ҳайси таҳриргари илмӣ дар маҷаллаи «Кометаҳо ва метеорҳо» (1990), сардабири маҷаллаи «Бюллетени Пажуҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон» (1993), ҳамзамон, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун мудири кафедраи астрономия (1999) фаъолият кардааст.

Аз соли 1991 то 2010 ӯ узви Комиссияи байналмилалии астрономӣ оид ба метеорҳо ва ҷисмҳои байнисайёравӣ буд ва аз соли 2010 то охири умраш (2023) фаъолияти илмии худро дар яке аз шуъбаҳои Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон идома дод.

Номи Пӯлод Бобоҷонов дар як қатор энсиклопедияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла энсиклопедияҳои ҷаҳонӣ, энсиклопедияи Федератсияи Россия ва кишварҳои узви ИДМ сабт гардидааст, ки ин

далели эътирофи ҷаҳонии ҷойгоҳи илмии ӯ дар рушди астрофизика ва омӯзиши ҷирмҳои кайҳонӣ мебошад [151, с.57].

Академик Пӯлод Бобоҷонов дар баробари фаъолияти густурдаи илмӣ ва ҷамъиятӣ, шахсияти дорои арзишҳои баланди ахлоқӣ, оиладӯст ва падари ғамхор буд. Ӯ соли 1967 бо Абдураҳмонова Муҳаббат оиладор шуда, ба ҳаёти оиладории худ оғоз бахшид.

«Муҳаббат Абдураҳмонова дар хотироти худ аз шиносоии аввалин бо Пӯлод Бобоҷонов ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки баҳори соли 1955, ҳангоми таҳсил дар синфи 9 - уми мактаби миёнаи №1 ба номи А. С. Пушкин дар шаҳри Хуҷанд, дар маҷаллаи умумииттифоқии «Советский Союз» (Иттиҳоди Шуравӣ) мақолае бо расми як олими ҷавон таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намудааст. Ин вохӯрии ғайримустақим ангезаи аввалини шавқ ва робитаи эҳсосии минбаъда ба шахсияти олим гардидааст» [153, с.248 - 253].

Соли 1956 ӯ мактаби миёнаро хатм намуда, ба факултаи биология ва хокшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А. А. Жданов дохил шуда, онро соли 1961 бомуваффақият хатм намуд. Баъд аз хатм намудани Донишгоҳ ӯро дар Пажӯҳишгоҳи физиологияи растаниҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) ба кор қабул намуданд, ки баъдан соли 1962 аз ҳамин боргоҳи илмӣ барои таҳсил дар зинаи аспирантура ба Академияи илмҳои СССР сафарбар намуданд. Дар ҳамин давра Пӯлод Бобоҷонов вазифаи роҳбарии Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт.

Вохӯрии шахсии онҳо соли 1963 дар яке аз шабнишиниҳои идона ба муносибати 7 ноябр сурат гирифт. Ин мулоқот дар ташаккули робитаи минбаъдаи онҳо нақши муҳим бозид. Дар давоми солҳои минбаъда вохӯриҳои илмӣ ва шахсӣ байни онҳо идома ёфта, муносибат ба ҳамдигар таҳким ёфт.

Соли 1964 дар ҷараёни ҳимояи рисолаи номзадии яке аз ҳамкорон вохӯрии навбатӣ сурат гирифт, ки дар рафти он робитаи илмӣ ва шахсӣ

боз ҳам қавитар гардид. Соли 1967, ҳангоми будубоши муваққатии Пӯлод Бобоҷонов дар шаҳри Москва дар робита ба экспедитсияи илмӣ ба Африқо (Сомалӣ), онҳо қарор доданд, ки издивоҷ намоянд. Моҳи октябри соли 1967 дар толори қаҳвахонаи «Бадахшон» маросими хоксоронаи никоҳ баргузор гардид, ки дар он ҳамкорон, дӯстону хешовандон иштирок намуданд [145, с.16-17].

Зиндагии муштараки онҳо зиёда аз 54 сол идома ёфт. Дар ин давра ду фарзанд - духтараш Малика ва писараш Ҷамшед ба воя расиданд. Тарбияи фарзандон дар оилаи Бобоҷонов ба арзишҳои ахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ ва масъулияти иҷтимоӣ асос ёфта буд. Дар ин раванд, Пӯлод Бобоҷонов вақти холии худро ба тарбияи фарзандон, омӯзонидани ахлоқи ҳамида ва ташаккули малакаҳои меҳнатӣ равона мекард.

Духтараш Малика бо пайравӣ аз падар ба соҳаи илм ворид гардида, дар рушди илми ватанӣ саҳм гузоштааст. Писараш Ҷамшед бошад, дар соҳаи иқтисодиёт фаъолият менамояд.

Пӯлод Бобоҷонов то лаҳзаҳои вопасини умраш 92 сол дошт ва дар ин умри пурбаракаташ масъулиятҳои гуногуни илмӣ, таълимӣ ва идоравиро бар душ дошт. Дар давраи зиёда аз 70 соли фаъолияти касбиаш ӯ ба ҳайси педагог, мудири шуъба, директори Институти астрофизикаи назди АМИТ, Ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ), ноиби президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон ва дигар масъулиятҳо адои вазифа намудааст.

Ӯ дар фаъолияти бисёрҷабҳаи худ на танҳо ба рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ, балки ба бунёд ва таҷдиду таҳкими низоми маориф, фарҳанг ва рушду нӯмуи ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири калон намудааст. Ӯ ҳамчун шахсияти мақсаднок ва масъулиятшинос тамоми вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо бо садоқат ва дақиқӣ иҷро менамуд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамеша ба ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, кӯшиш мекард, ки муҳити илмӣ барои рушди фикрии онҳо мусоид бошад. Ӯ эҳтироми ақидаи ҳар шахсро яке аз принсипҳои муҳими фаъолияти худ медонист.

Натиҷагириҳо ҳангоми таҳлили адабиёти илмӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ муайян карданд, ки фаъолияти касбии Пӯлод Бобоҷонов, ки зиёда аз 70 солро ташкил медод, ба таҳкиму тармими баззаҳои моддӣ - техникӣ ва ташаккулу рушди илмҳои бунёдӣ алоқамандии зич дорад.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҳаёт ва фаъолияти ташкилӣ - ҷамъиятии Пӯлод Бобоҷонов нишон медиҳад, ки ташаккули шахсияти ӯ натиҷаи ҳамгироии омилҳои гуногун, муҳити оилавӣ, тарбияи маънавӣ, шароити таърихӣ ва саъю кӯшиши шахсӣ будааст. Аз давраи кӯдакӣ шавқи ӯ ба табиат ва осмони ситоразор, ки таҳти таъсири муҳаббат ва ғамхории модар ба вуҷуд омада буд, тадриҷан ба интихоби роҳи илмӣ табдил ёфт. Бо вуҷуди душвориҳои зиндагӣ, аз ҷумла аз даст додани падар дар синни барвақт ва мушкилоти солҳои ҷанг, ӯ тавонист бо иродаи қавӣ ва меҳнатдӯстӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Давраи таҳсил ва фаъолияти ибтидоии илмии ӯ заминаи устувори ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва қобилияти таҳқиқотии ӯро фароҳам овард. Бо дастгирии омӯзгорон ва роҳнамоии бародараш, ӯ дар роҳи илм устуворона қадам гузошта, дар соҳаи астрономия ва астрофизика ба яке аз чеҳраҳои барҷаста табдил ёфт. Навовариҳои илмии ӯ, аз ҷумла таҳияи усулҳои муосири омӯзиши метеорҳо, на танҳо дар рушди илми миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ аҳаммияти калон доштанд.

Ҳамзамон, фаъолияти ҷамъиятӣ ва роҳбарии ӯ дар муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ аз масъулиятшиносӣ ва садоқати баланд ба рушди ҷомеа шаҳодат медиҳад. Ӯ ҳамчун роҳбари донишгоҳ ва муассисаҳои илмӣ дар тарбияи кадрҳои ҷавон ва таҳкими пояҳои илмии кишвар нақши арзанда гузошт. Дар маҷмӯъ, ҳаёт ва фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов

намунаи равшани инсони комил, олими навовар ва шахсияти ҷамъиятии масъул мебошад, ки мероси илмӣ ва маънавии ӯ барои наслҳои оянда аҳаммияти бузург дорад.

1.2. Таҳсил, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти касбии академик П. Б. Бобоҷонов

Пӯлод Бобоҷонов яке аз олимони барҷастаи соҳаи астрофизика ба ҳисоб рафта, дар самти омӯзиши хосиятҳои ҷирмҳои байнисайёравӣ натиҷаҳои назаррас гузоштааст. Вай дар давоми фаъолияти касбиаш зиёда аз 400 мақолаҳои илмӣ ва 7 монография таълиф намуда, дар бахшҳои мухталифи астрономия ва астрофизика таҳқиқот гузаронидааст. Аз он ҷумла, ӯ ба мавзуъҳои вобаста ба тақсимоти моддаҳои метеорӣ дар фазои байнисайёравӣ, зичии метеорҳо, омӯзиши параметрҳои қабати болоии атмосфераи Замин, таҳаввулоти метеорҳо ва дигар усулҳои коркард ва мушоҳидавии метеорҳо пажӯҳиш бурда, натиҷаҳои бадаст овардаашро дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ нашр кардааст.

Пӯлод Бобоҷонов Соли 1949 Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров)-ро бо дипломи аъло хатм карда, худи ҳамон сол фаъолияти омӯзгорӣ ва аз соли 1950 фаъолияти илмиашро дар расадхонаи астрономии Сталинобод (ҳоло Душанбе) оғоз намуд. Баъдан соли 1951 идомаи фаъолияти илмиашро дар Донишкадаи давлатии астрономии ба номи П. К. Штернберги назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов идома додааст [1].

Дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ӯ хидматҳои роҳбарони илмиаш назаррас буд. Аз ҷумла, зери роҳбарии узви вобастаи Академияи илмҳои СССР С. В. Орлов ва бо машваратҳои профессор Н. Д. Моисеев, П. Б. Бобоҷонов дар самти омӯзиши метеорҳо, кометаҳо ва механикаи осмонӣ корҳои амиқи илмӣ анҷом дод. Ин ҳамкорӣ ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва методологияи илмии ӯ заминаи устувор фароҳам овард.

Пажӯҳишҳои Пӯлод Бобоҷонов ба самти аксбардорӣ, таҳлилу муқоисаи селҳои метеорӣ ва мушоҳидавӣ алоқамандӣ дошта, ба қабатҳои болоии атмосфераи Замин табиати метеорҳо, астероидҳо ва каметаҳо, ки яке аз обектҳои кайҳонӣ маҳсуб меёбанд, пайвандӣ дошт. Ӯ бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ тавонист як қатор қонуниятҳои вобаста ба ҳаракат ва тақсимоти ҷирмҳои метеориро муайян намояд.

Дар фаъолияти илмии ӯ мавқеи махсусро масъалаҳои методологӣ ишғол мекунанд. Тавре ки дар мактаби илмии С. В. Орлов таъкид мегардид, принсипи интиқод ва таҳлили амиқ асоси пешрафти илм ба шумор меравад. П. Б. Бобоҷонов ин равишро дар фаъолияти худ татбиқ намуда, дар интихоби масъалаҳои муҳим ва коркарди натиҷаҳои илмӣ ба усулҳои таҳлилии дақиқ такя мекард.

Риёзати бардавом, хониши муттасил, муошират бо олимони варзида ва муҳити илмӣ-эҷодии расадхонаҳо дар ташаккули шахсияти илмии П. Б. Бобоҷонов нақши ҳалкунанда гузоштанд. Фаъолияти пайвастаи таҳқиқотӣ ва омӯзиши масъалаҳои мубрами астрономия ба баланд гардидани сатҳи касбии ӯ мусоидат намуд.

«Профессори Донишгоҳи давлатии Москва Николай Дмитриевич Моисеев дар ёддоштҳои худ таъкид мекунад, ки аспиранти ҷавон П. Б. Бобоҷонов бо масъулиятшиносӣ ва интизоми баланд ба корҳои илмӣ хуб муносибат намуда, мунтазам барои машварат ҳозир мешуд ва супоришҳои илмиро сари вақт ва бо сифати баланд иҷро мекард. Ба андешаи ӯ, чунин хусусиятҳо нишонаи муҳими ташаккули олими касбӣ ба ҳисоб мераванд» [153, с. 226 - 231].

Дар баробари ин, таъсири мактаби илмии Сергей Владимирович Орлов дар рушди ҷаҳонбинии илмии П. Б. Бобоҷонов назаррас мебошад. Дар ин мактаб ба принсипҳои таҳлили интиқодӣ, дақиққории илмӣ ва қобилияти ҷудо кардани масъалаҳои муҳим аҳаммияти махсус дода мешуд. Маҳз ҳамин равишҳо дар фаъолияти минбаъдаи ӯ ба таври возеҳ мушоҳида мегарданд.

Давраи аспирантии П. Б. Бобоҷонов (1951 - 1954) марҳилаи муҳими ташаккули ӯ ҳамчун муҳаққиқ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра ӯ ба омӯзиши амиқи масъалаҳои астрономияи метеорӣ ва механикаи осмонӣ машғул гардида, заминаи устувори фаъолияти минбаъдаи илмии худро гузошт. Ин марҳила бо густариши ҷаҳонбинии илмӣ, ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ ва муайян гардидани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ӯ тавсиф меёбад.

Соли 1954 П. Б. Бобоҷонов рисолаи номзадии худро бо муваффақият ҳимоя намуд. Ин пажуҳиш ба яке аз масъалаҳои калидии космогонияи системаи Офтобӣ ва астрономияи метеорӣ ва робитаи селҳои метеорӣ бо кометаҳо бахшида шуда буд [104].

Дар доираи ин таҳқиқот, П. Б. Бобоҷонов алоқаи генетикии байни кометаҳо ва боронҳои метеориро таҳлил намуда, хусусиятҳои динамикӣ ва кинематикии заррaҳои метеориро муайян кард. Объекти асосии таҳқиқот селҳои метеории Персеид ва кометаи марбут ба он буданд. Бо истифода аз маълумоти мушоҳидавӣ ва ҳисобҳои назариявӣ, ӯ суръати хориҷшавии моддаҳоро аз ядрои комета таҳлил намуда, фарқият миёни арзишҳои назариявӣ ва мушоҳидавиро ошкор сохт.

Муҳимияти илмии натиҷаҳои бадастомада дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ зарурати ба назар гирифтани омилҳои иловагӣ, аз ҷумла таъсири шароити ибтидоии партоби модда ва эволютсияи минбаъдаи орбитаҳои заррaҳоро асоснок намуд. Ин равиш имкон дод, ки фаҳмиши равандҳои ташаккули боронҳои метеорӣ дақиқтар гардад.

Тибқи арзёбии мутахассисон, ки дар мақолаҳои илмӣ оид ба фаъолияти ӯ инъикос ёфтаанд, рисолаи номзадии П. Б. Бобоҷонов бо сатҳи баланди илмӣ, навоварӣ ва аҳаммияти назариявӣ фарқ мекунад. Ин таҳқиқот на танҳо қобилияти баланди пажуҳишии муҳаққиқи ҷавонро нишон дод, балки заминаи таҳқиқоти минбаъдаро дар соҳаи астрономияи метеорӣ фароҳам оварад.

Ташаккули шахсияти илмии П. Б. Бобоҷонов дар заминаи меҳнати пайваста, худомӯзии мунтазам ва фаъолияти хуб дар муҳити илмӣ сурат гирифтааст. Риёзати бардавом, хониши муттасили адабиёти тахассусӣ, ҳамзамон муносибату муошарати пайваста бо олимони машҳуре, ки мактаби худро дар самти кайҳоншиносӣ доштанд ва фаъолияти кории пурмасъул дар расадхонаи астрономӣ ва дигар марказҳои бузурги таҳқиқотӣ, бобати ташаккул додани касбият ва ҳамчун шахсият баркамол расидани ӯ заминаи мусоид гузоштанд.

«Саҳми муҳими ташаккули илмии ӯ ба фаъолияти аспирантӣ (1951 - 1954) рост меояд, ки дар Институти давлатии астрономии ба номи П. К. Штернберги назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов сипари гардидааст. Дар ин давра ӯ зери роҳбарии олимони маъруф - Сергей Владимирович Орлов ва Николай Дмитриевич Моисеев ба омӯзиши амиқи масъалаҳои астрономияи метеорӣ ва механикаи осмонӣ машғул гардид» [103].

Муҳити илмии мактаби астрономии С. В. Орлов ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии П. Б. Бобоҷонов таъсири амиқ расонид. Дар доираи ин мактаб ба принсипҳои таҳлили интиқодӣ, дақиқии методологӣ ва коркарди мантиқии натиҷаҳои илмӣ аҳаммияти махсус дода мешуд. П. Б. Бобоҷонов ин усулҳоро дар фаъолияти минбаъдаи худ васеъ истифода бурда, ба таҳқиқоти бунёдӣ дар соҳаи астрономияи метеорӣ замина гузошт.

Марҳилаи аспирантӣ ҳамчун давраи ибтидоии ташаккули самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ арзёбӣ мегардад. Дар ин давра, ӯ ба омӯзиши равандҳои вобаста ба пайдоиш ва эволютсияи боронҳои метеорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Натиҷаи асосии ин фаъолияти илмӣ ҳимояи бомуваффақияти рисолаи номзадӣ дар соли 1954 гардид.

Рисолаи номзадии П. Б. Бобоҷонов ба яке аз масъалаҳои мубрами космогонияи системаи Офтобӣ ва астрономияи метеорӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин таҳқиқот, муаллиф робитаи генетикии байни

кометаҳо ва селҳои метеориро таҳлил намуда, хусусиятҳои динамикӣ ва кинематикии ҳаракати зарраҳои метеориро муайян кардааст.

Ҳангоми анҷом додани таҳқиқот, объекти асосии омӯзиш селҳои метеории Персеид ба ҳисоб мерафтанд, ки бо кометаи мувофиқ алоқаманд мебошанд. Муҳаққиқ бо истифода аз маълумоти мушоҳидавӣ ва ҳисобҳои назариявӣ суръати хориҷшавии моддаҳоро аз ядрои комета муайян намуда, фарқият байни арзишҳои назариявӣ ва мушоҳидавиро ошкор сохт.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки П. Б. Бобоҷонов зарурати ба назар гирифтани омилҳои иловагӣ, аз ҷумла шароити ибтидоии хориҷшавии модда ва тағйирёбии минбаъдаи параметрҳои орбиталии зарраҳоро асоснок намуд. Ин равиш имконият фароҳам овард, ки механизмҳои ташаккули боронҳои метеорӣ бо дақиқияти бештар шарҳ дода шаванд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисолаи номзадии П. Б. Бобоҷонов дар он зоҳир мегардад, ки он на танҳо сатҳи баланди омодагии илмии муаллифро нишон медиҳад, балки барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи астрономияи метеорӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад. Давраи аспирантӣ ҳамчун марҳилаи ҳалкунандаи ташаккули ӯ ҳамчун олими мустақил арзёбӣ гардида, самтҳои афзалиятноки фаъолияти минбаъдаи илмии ӯро муайян намудааст.

«Дар солҳои ба АИҶТ (ҳоло АМИТ) роҳбарӣ намудани Султон Умаров (1957 - 1964) ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, махсусан астрономия ва астрофизика, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардид. Ӯ дар ёддоштҳои худ аз фаъолияти Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон чунин ибрози назар мекунад, ки ҳанӯз соли 1941 ба ҳайати филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР шомил гардида, бори аввал бо таҷҳизоти техникӣ - астрономии он шинос шудааст. Ба андешаи ӯ, сатҳи омӯзиши кайҳон, ситорагон ва асрори олам дар ин

муассиса барои ҳамон давра хеле пешрафта ба ҳисоб мерафт» [153, с. 92 - 99].

Султон Умаров, ки бо фаъолияти олимони тоҷик, аз ҷумла Пӯлод Бобоҷонов ошноӣ дошт, махсусан истеъдоди илмии олимони ҷавонро баланд арзёбӣ менамуд. Ӯ Пӯлод Бобоҷоновро ҳамчун яке аз олимони ҷавоне, ки дар синни нисбатан ҷавон ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, ситоиш кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки ду таҳқиқоти муҳими Бобоҷонов доир ба аксбардории метеорҳои Делта - Аквариди ва андешаҳо дар бораи сохтори олам аз ҷониби ӯ мутолиа гардидаанд, вале ба такмили амиқи илмӣ ниёз доранд.

Дар идомаи суҳбат Султон Умаров ба таври маслиҳатомез таъкид менамояд, ки дар осори илмии шахсиятҳои барҷаста, ба мисли Ибни Сино, Умари Хайём ва Абӯрайҳони Берунӣ, истифодаи истилоҳоти дақиқ ва мувофиқ нақши муҳим дорад. Ба унвони мисол, ӯ истифодаи калимаи «паргор»-ро, ки Умари Хайём ба кор мебурд, нисбат ба истилоҳи бегонаи «сиркул» мувофиқтар медонад. Ин андешаҳо барои Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун дарси муҳими илмӣ хидмат намуданд.

«Пӯлод Бобоҷонов фаъолияти худро асосан ба мушоҳидаҳои астрономӣ ва таҳқиқоти кайҳонӣ бахшида буд. Дар ҳамин давра, пешрафтҳои бузурги илми кайҳоншиносӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ низ ба назар мерасиданд. Аз ҷумла, Сергей Павлович Королёв ҳамчун яке аз бунёдгузорони соҳаи кайҳоннавардӣ, дар сохтани нахустин дастгоҳҳои парвозии муосир, аз ҷумла мушакҳо ва суръатфизоҳо, нақши арзанда гузоштааст» [106].

Инчунин, Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ва расадхонаи Душанбе (ки соли 1961 бо тағйири номи пойтахт номгузории он низ тағйир ёфт) бо марказҳои бузурги илмии Москва ва Ленинград робитаҳои мустаҳками илмӣ доштанд. Ин ҳамкорӣ имконият фароҳам меовард, ки иттилооти навтарини астрономӣ бо суръати баланд

мубодила гардида, дастовардҳои илмӣ ба таври фаврӣ дар шакли мақолаҳо ва диссертатсияҳо таҳия ва паҳн карда шаванд.

Дар давраи пурҷӯшу хурӯши фаъолияти илмӣ-эҷодии Пӯлод Бобоҷонов, ки ҳамчун сайёрашинос ва муҳаққиқи ситораҳои думдор маъруф буд, дастовардҳои назарраси илмӣ ба қайд гирифта шудаанд. Тибқи маълумоти библиографӣ ва шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳоли ӯ, қариб чорсад мақолаи илмӣ ва таҳқиқотии олим дар маҷаллаҳои бонуфузи соҳаи астрономияи ҷаҳонӣ ба нашр расидаанд. Ин нишондиҳанда сатҳи баланди фаъолияти илмӣ ва эътирофи байналмилалии ӯро тасдиқ менамояд

«Аввали моҳи сентябри соли 1966, баъди бозгашт аз Москва аз як маҷлиси илмӣ, Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ (ки як сол пеш ба ин вазифа таъйин гардида буд) директори Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон Пӯлод Бобоҷоновро ба ҳузури худ даъват намуд. Ӯ дар оғози суҳбат шӯхиомез пурсид: «Оё дар кайҳон ягон ҳодисаи аҷиб рух дод?» Ҳадафи асосии ин мулоқот, албатта, баррасии дастовардҳои илмии олим буд, ки дар ҷараёни ҳисоботи расмии президент дар Москва баҳои баланд гирифта буданд» [107].

Дар рафти суҳбат Муҳаммад Осимӣ таъкид намуд, ки дар маҷлиси илмҳои дақиқ (физика ва математика) олимони машҳур ба таҳқиқоти Пӯлод Бобоҷонов ва ҳамкорони ӯ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, ӯ маҷаллаи илмии астрономиро варақ зада, ба мақолаи муштараки Пӯлод Бобоҷонов ва Евгений Николаевич Крамер ишора кард, ки зери унвони «Орбиты ярких метеоров по фотографическим наблюдениям в Душанбе и Одессе» ба табъ расидааст. Ба гуфтаи ӯ, ин мақола аз ҷониби олимони марказҳои илмии Санкт-Петербург низ баҳои баланд гирифтааст [99].

Пӯлод Бобоҷонов аз чунин қадршиносӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд кард, ки худ низ ният дошт натиҷаҳои таҳқиқоти

муштараки илмиро муаррифӣ намояд. Ӯ хулосаҳои асосии илмии таҳқиқотро пешниҳод намуда, аҳаммияти онҳоро барои рушди астрономияи мушоҳидавӣ таъкид кард.

Дар идомаи фаъолияти илмии худ, 16 сентябри соли 1966, бо қарори шуъбаи илмҳои физика-техника ва химия, Пӯлод Бобоҷонов ба унвони узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб гардид. Ин дастоварди муҳим нишонаи эътирофи расмии ҳиссагузории ӯ дар рушди илмҳои астрономӣ ба шумор меравад.

Қобили зикр аст, ки дастовардҳои илмӣ танҳо ба худи олим маҳдуд набуданд. Ҳамсари ӯ, Муҳаббат Бобоҷонова, номзади илмҳои биологӣ, низ дар соҳаи илм ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Соли 1973 Академияи илмҳои Тоҷикистон мактубе ирсол намуд, ки тибқи он рисолаи номзадии Муҳаббат Бобоҷонова аз ҷониби Академияи илмҳои Олмон харидорӣ шудааст. Ин воқеа далели равшани эътирофи байналмилалии дастовардҳои олимони тоҷик ва арзиши баланди натиҷаҳои илмии онҳо мебошад.

«Аз соли 1972 Муҳаббат Бобоҷонова ҳамчун дотсенти кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, дар пешбурди корҳои илмӣ ва тарбияи мутахассисони баландихтисоси соҳаи табиатшиносӣ ҳиссаи назаррас гузоштааст. Фаъолияти ӯ дар омода намудани кадрҳои илмӣ барои ҷумҳурӣ ва берун аз он аҳаммияти муҳим касб кардааст» [153, с. 77].

Бояд таъкид намуд, ки на танҳо корҳои илмии Пӯлод Бобоҷонов қадр гардиданд, балки дар муҳити илмӣ одоби баланди муошират ва меъёрҳои ахлоқии фаъолияти илмӣ низ риоя мешуд. Ба ибораи рамзӣ, саодати илмӣ насиби шахсе гардид, ки таҳқиқи ситораҳо ва ҷисмҳои кайҳониро ба ҳайси рисолати зиндагии худ интихоб намудааст. Дар чунин муҳит, шахсони камсавод ва беистеъдод ба доираҳои илмии ҷиддӣ роҳ намеёфтанд, ки ин ҳолат сатҳи баланди интихоб ва арзёбии илмиро нишон медиҳад.

Пас аз солҳои 1990 - ум дар баъзе мавридҳо зуҳури корҳои сустсифат ва таҳқиқоти ғайриилмӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба муҳити илмии воқеӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бо вуҷуди ин, фаъолияти олимони ҳақиқӣ, аз ҷумла Пӯлод Бобоҷонов, дар заминаи анъанаҳои илмии устувор ва мероси илмии гузаштагон идома ёфт.

Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун вориси маънавии анъанаи афлокшиносӣ ва ситорашиносии шарқӣ, бо эҳтироми комил ба осори донишмандони бузург роҳи таҳқиқоти илмиро идома дод. Ӯ ба рушди астрономияи муосир дар асоси таҷрибаи илмии гузаштагон ва дастовардҳои нави илмӣ саҳми назаррас гузошт.

Муосирон ва ҳамкасбони ӯ таъкид мекунанд, ки фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов ба эҳёи анъанаҳои илмии ниёгон ва рушди онҳо дар шароити нав мусоидат намуд. Дар ин замина, ӯ мақолаи илмӣ - оммавии худро зери унвони «Астрономия дар давраи Сомониён» (Астрономия в эпоху Саманидов) дар ҳафтавораи “Народная газета” (29 июли соли 1999, №30) ба табъ расонид. Дар ин мақола саҳми олимони бузурги асримиёнагӣ, аз ҷумла Муҳаммад ибни Мӯсо ал - Хоразмӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Умари Хайём мавриди таҳлил ва тавсиф қарор гирифтааст.

«Дар яке аз маҷлисҳои илмӣ ба Пӯлод Бобоҷонов савол пешниҳод гардид, ки оё барқарор намудани расадхонаҳо ва асбобҳои мушоҳидавии давраи асримиёнагӣ имконпазир аст. Ӯ дар посух таъкид менамояд, ки расадхонаҳои асримиёнагӣ асосан барои муайян кардани мавқеи ҷирмҳои осмонӣ бунёд шуда буданд ва имкониятҳои техникии онҳо бо сатҳи илмии муосир қобили муқоиса нестанд. Аз ин рӯ, барқарор намудани онҳо зарурати амалӣ надорад. Ин андеша дар матбуот низ инъикос ёфтааст» [138].

Пӯлод Бобоҷонов аҳаммияти таърихӣ ва илмӣ доштани асарҳои муттафакирони гузаштаи ниёгонро баланд арзиш дода, қайд карда аст, ки нақши онҳо натанҳо дар рушди илми ватанӣ балки илми ҷаҳонӣ

арзиши баланд дорад. Аз ҷумла, ӯ фаъолияти илмии Аҳмади Фарғониро намунаи барҷастаи илми асримиёнагӣ шуморидааст.

Аҳмади Фарғонӣ яке аз донишмандони маъруфи асримиёнагӣ буда, дар Ғарб бо номи Алфраганус шинохта мешуд. Ӯ дар замони хилофати Ал - Маъмун дар сохтмон ва фаъолияти расадхонаҳои Бағдод ва Димишқ иштирок намуда, асари машҳури худ «Мадхал – ул - нуҷум» - ро таълиф кардааст. Дар ин асар натиҷаҳои муҳими астрономияи даврои худ ҷамъбаст гардидаанд. Ҳамчунин, ӯ андешаҳои олимони юнониро, аз ҷумла назарияҳои Клавдий Птолемейро бо далелҳои илмӣ мавриди танқид қарор додааст.

Аз дастовардҳои муҳими Аҳмади Фарғонӣ метавон пешгӯии дақиқи гирифтани Моҳ дар соли 812 ва исботи шакли курашакли Заминро ном бурд. Инчунин, ӯ барои чен кардани сатҳи оби дарёи Нил асбоби илмӣ таҳия намуда, ба рушди усулҳои мушоҳидавии астрономӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Дар заминаи таҳқиқоти илмии Пӯлод Бобоҷонов як далели муҳими таърихӣ ва илмӣ, нуфуз ва шуҳрати байналмилалии Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон махсусан таъкид мегардад. Ба гуфтаи худи олим, дар даврои Шуравӣ ин институт яке аз муассисаҳои пешбарандаи соҳаи астрономия ба ҳисоб мерафт ва имрӯз низ дар миқёси байналмилалӣ мавқеи назаррасро ишғол менамояд. Хусусан дар самти таҳқиқи метеорҳо, кометаҳо (ситораҳои думдор) ва ситораҳои тағйирёбанда саҳми олимони тоҷик арзиши илмии баланд дорад [97, с. 28].

«Дар ҳамин замина, академик Улмас Мирсаидов ҳангоми таҳлили фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов чунин менависад, ки соли 1967 Шурои астрономии Академияи илмҳои СССР ӯро вазифадор намуд, ки дар Ҷумҳурии Сомалӣ (Африқои Шарқӣ) истгоҳи мушоҳидаҳои аккосии радифи табиии Заминро ташкил намояд. Баъдан, дар соли 1968, ӯ ҳамчун

роҳбари экспедитсияи омӯзиши кометаҳо ва метеорҳои экваторӣ фаъолона иштирок намуд» [153, с.194 - 199].

Солҳои 1968 - 1970 Пӯлод Бобоҷонов ба ҳайси сарвари гурӯҳи илмӣ дар Сомалӣ фаъолияти самарабахш анҷом дода, як силсила мушоҳидаҳои муҳими астрономӣ анҷом дод, ки ба хулосаҳои нави илмӣ оварда. Ҳамзамон, дар шаҳрҳои Душанбе ва Харков таҳқиқоти ионосферӣ ва астрономӣ бо суръати баланд рушд меёфтанд.

Натиҷаҳои илмии бадастомада дар ин давра аҳаммияти фундаменталӣ дошта, дар маҷаллаи илмии «Они составляют славу таджикской науки» чунин арзёбӣ шудаанд: «Натиҷаҳои фундаменталии астрономӣ ва геофизикӣ барои сохтани модели тақсимоти моддаи метеорӣ дар фазои наздизаминӣ истифода гардиданд, ки он дорои мақоми стандарти давлатӣ мебошад».

Ба ин арзёбии баланди Улмас Мирсаидов метавон танҳо ҳамчун баҳои холиси илмӣ назар кард, ки аҳаммияти байналмилалии таҳқиқоти мазкурро тасдиқ менамояд.

Дар ҳамин давра, яке аз олимони барҷастаи физикаи муосир Василий Фесенков натиҷаҳои таҳқиқоти Пӯлод Бобоҷоновро барои чоп дар маҷаллаҳои илмӣ тавсия намуда, қайд кардааст, ки мушоҳидаҳои ӯ дар соҳаи кометаҳо дорои назари нав ва аҳаммияти бузурги илмӣ мебошанд. Ӯ инчунин таъкид намудааст, ки нақши тамаддуни Шарқ дар рушди илмҳои табиатшиносӣ хеле бузург аст.

Дар иртибот ба ин андешаҳо, ишора ба ҳикмати ахлоқӣ ва илмии анъанавӣ низ муҳим мебошад. Ҳикояти маъруфи Арасту, ки онро Муҳаммад Авфӣ нақл кардааст, таъкид мекунад, ки иззату шараф на дар мол, балки дар илм аст, зеро илм аз нестӣ ва фаромӯшшавӣ эмин мебошад.

Пӯлод Бобоҷонов низ ҳамин арзишҳоро дар фаъолияти илмии худ таҷассум намудааст. Ӯ дар вохӯрӣ ва ҳамоишҳои илмӣ аз суханрониҳои олимони бузурги ҷаҳонӣ, аз ҷумла Виктор Амбарсумян, Иосиф

Шкловский, Василий Фесенков, Фаррух Гаджибеков ва Владимир Шеглов илҳом гирифта, қудрати бепоёни илмро дарк намуда буд.

Дар заминаи фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов эътирофи байналмилалии ӯ ҳамчун яке аз намояндагони барҷастаи астрофизикаи тоҷик бо далелҳои возеҳ тасдиқ мегардад. Дар матбуоти даврӣ ӯро яке аз чеҳраҳои варзидаи илми нуҷуми тоҷик дар асрҳои 20 - 21 арзёбӣ намуда, таъкид мешавад, ки дастовардҳои илмӣ ва мактаби таҳқиқотии ташаккулдодаи ӯ натанҳо дар қаламрави кишварҳои узми ИДМ, балки дар доираи илми байналмилалӣ миёни муҳаққиқони ҷирмҳои шиҳобӣ ва кометаҳо мавқеи намоёнро ишғол намудааст.

Ин нуфуз беш аз ду даҳсола идома ёфта, натиҷаҳои илмии ӯ ҳамчун хидмати муҳими илми кайҳоншиносӣ пазируфта шудаанд.

«Пӯлод Бобоҷонов аз соли 1958 то 2006 роҳбарии Шуъбаи астрономияи метеорҳоро дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба уҳда дошт. Дар ин давра ӯ усулҳои анъанавӣ ва навини мушоҳидаи метеорҳо ва ҷисмҳои оташинро таҳия ва такмил намуд. Дар натиҷаи таъсиси патрулҳои махсуси мушоҳидавӣ, ки зери роҳбарии ӯ фаъолият мекарданд, маҷмӯи бойи маълумоти ҷаҳонӣ оид ба метеорҳои дурахшон ба даст омад. Дар асоси ин мушоҳидаҳо каталогҳои мадории метеорҳо тартиб дода шуда, ба Маркази байналмилалии маълумоти метеорӣ дар Шветсия пешниҳод гардиданд. Ҳамзамон, барои як қатор метеорҳо, ки дар фазои таҳқиқотии Пӯлод Бобоҷонов мавриди пажӯҳиш қарор доштанд, масса ва таркиби химиявии онҳо муайян карда шуд» [101].

Дар фаъолияти илмии ӯ таҳияи усулҳои навини мушоҳида ҷойгоҳи махсус дорад. Пӯлод Бобоҷонов пуррагии мушоҳидаҳои метеориро ҳадафи асосӣ медонист ва дар ин замина усули «аксгирии фаврӣ» ва спектрографияи метеорҳоро ба кор даровард. Таҷҳизоти махсуси 16 - камерагӣ бо фокуси дарозмуддат имкон дод, ки тасвирҳои метеорҳо бо экспозитсияи ниҳоят кӯтоҳ сабт шаванд. Дар натиҷа ҳазорҳо тасвири

илмӣ ба даст омада, барои нахустин бор дар ҷаҳон базаи бузурги мушоҳидавӣ ташаккул ёфт.

Бар пояи маълумоти бадастомада хусусиятҳои физикии метеорҳо аз диди нав таҳқиқ гардида, низоми таснифоти илмии онҳо пешниҳод шуд ва параметрҳои ҳаракат, равшаншавӣ ва раванди парокандашавии метеорҳо муайян карда шуд. Назарияи пора - порашавии квазипайваста, ки бо номи Пӯлод Бобоҷонов вобаста аст, дар таҳлили хатҳои нурии метеорҳо татбиқ шуда, барои шарҳи падидаи думҳои метеорӣ аҳаммияти назаррас пайдо намуд. Спектрографияи фаврӣ бошад, имконияти муайян кардани таркиби сифатӣ ва миқдории моддаи метеориро фароҳам овард.

Дар таҳқиқоти комплексии метеорҳо истифодаи усулҳои радарӣ низ аҳаммияти калидӣ дошт. Дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) мушоҳидаҳои оптикӣ ва радарӣ амалӣ гардиданд, ки ин имкони таҳқиқи равандҳои люминесенсия ва ионизатсияро дар атмосфераи Замин фароҳам овард. Афзалиятҳои усули радарӣ дар он ифода меёфт, ки он аз шароити обу ҳаво ва вақти шабонарӯз вобаста набуд, метеорҳои сусттобро низ ба қайд мегирифт ва равандҳои мушоҳидавиро ба таври автоматикӣ иҷро менамуд.

Дар натиҷаи татбиқи системаҳои «МИР - 1» ва «МИР - 2» маҷмуи бузурги маълумоти статистикӣ ҷамъоварӣ гардид, ки ҳазорҳо мадор ва зиёда аз 200 ҳазор метеорро дар бар мегирифт. Ин натиҷаҳо барои муайян кардани зичии ҷараёни метеорӣ ва ҳисоб кардани воридшавии моддаи кайҳонӣ ба атмосфераи Замин истифода шуданд. Дар асоси ин маълумот модели тақсимоти моддаи метеорӣ дар фазои наздики Замин таҳия гардид, ки он дорои мақоми стандарти давлатии ИҶШС буданд ва Пӯлод Бобоҷонов дар таҳияи он нақши асосӣ дошт.

Дар рушди таҳқиқоти муосири астрономияи метеорӣ масъалаи баланд бардоштани дақиқии мушоҳидаҳо ҳамеша мавқеи марказӣ дошт. Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёди мушоҳидаҳои радиолокатсионӣ, ин усул дар муайян кардани параметрҳои мадор ва массаи метеороидҳо дақиқии

кофиро таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, дар доираи корҳои илмии Пӯлод Бобоҷонов зарурати коркарди усули нави телевизионии сабти ҳодисаҳои метеорӣ ба миён омад.

Ин усул дар баробари радар имкониятҳои мушоҳида ва коркарди пурраи автоматиро фароҳам меорад, вале татбиқи он бо мураккабии баланди техникӣ алоқаманд аст ва истифодаи компютерҳои баландсуръат бо хотираи васеи берунӣ ва системаҳои сершумори ҳисоббарориро талаб мекунад. Дар натиҷаи корҳои таҷрибавӣ дастгоҳҳое таҳия гардиданд, ки мушоҳидаи метеорҳоро аз ду нуқта ва сабти онҳоро дар видеомагнитофон таъмин мекунанд. Натиҷаҳои санҷишӣ нишон доданд, ки ин системаҳо метеорҳоро то дурахшиши +6 ба қайд мегиранд ва аз ҷиҳати дақиқӣ ба усули аксбардорӣ наздик мебошанд.

Дар баробари ин, омӯзиши метеорҳои хеле дурахшон, болидҳо, аҳаммияти махсуси илмӣ дорад. Бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла таҷрибаи Чехословакия, дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии хориҷӣ Пӯлод Бобоҷонов 9 камераи махсуси болидӣ сохт. Асоси ин объективи камераҳои «чашми моҳӣ» мебошад, ки имкон медиҳад тасвири пурраи осмон аз уфуқ то уфуқ дар плёнкаи фотографӣ сабт гардад.

Ин камераҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фосилаи тақрибан 100 километр аз ҳам ҷойгир шуда, шабакаи мушоҳидавии болидҳоро ташкил доданд. Ҳадафи ибтидоии ин шабака ҷустуҷӯи метеоритҳои ба Замин афтанда буд. Бо назардошти шароити мураккаби ҷуғрофии ҷумҳурӣ (93% кӯҳсор), иҷрои ин вазифа ниҳоят душвор арзёбӣ мегардад. Дар амал, танҳо дар миқёси ҷаҳонӣ чанд ҳолати сабти метеорит бо истифода аз шабакаҳои болидӣ маълум аст, дар ҳоле ки дар бойгонии чунин шабакаҳо ҳазорҳо сабти болидҳо мавҷуд мебошад. Бо вуҷуди ин, дақиқ намудани мадори болидҳо ва моддаҳои метеорзо ба умқи фаҳмиши бунёд, сохтор ва ҷараёни дохилшавии моддаҳои кайҳонӣ

ба атмосфера мусоидат мекунад. Пӯлод Бобоҷонов дар ин самт ҳамчун ташаббускор ва роҳбари асосии таҳқиқот шинохта мешавад.

Маҷмӯйи таҷҳизотҳои техникӣ ва тартиби муайян намудани метеорҳо, ки дар Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия ва мавриди татбиқ қарор ёфт, бо номи Пӯлод Бобоҷонов вобастагӣ дорад. Ин система имконият медиҳад, ки маълумот оид ба метеороидҳо дар доираи хеле васеи масса (аз 10^{-3} то 10^{-4} грамм ва бештар) ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шавад. Дар баробари таҷҳизоти техникӣ, сифати баланди таҳқиқот инчунин аз таҳияи дақиқи барномаҳои мушоҳидавӣ ва коркарди касбии натиҷаҳо вобаста мебошад.

Шурӯъ аз соли 1957 пажӯҳиш ва таҳқиқи системавӣ доир ба омӯзиши атмосфераи Замин дар баландии 80 - 120 км ҷараён дорад. Таҳқиқоти мазкур дар доираи лоиҳаҳои бузурги байналмилалӣ, аз қабили: Соли байналмилалии геофизикӣ; Соли байналмилалии Офтоби ором; Лоиҳаи байналмилалии атмосфераи миёна ва Системаи байналмилалии метеорҳо, амалӣ гардиданд.

Дар рафти ин барномаҳо Пӯлод Бобоҷонов як қатор натиҷаҳои муҳими геофизикӣ ба даст овард.

«Аз ҷумла, солҳои 1968 – 1970 зери роҳбарии ӯ ва Б. Л. Кашеев экспедитсияи экваторию Шуравӣ дар Африкаи экваторӣ як силсила мушоҳидаҳои синхронии метеорӣ, ҳаракати метеороидҳо ва вайроншавии ионосфераро анҷом дод. Ҳамзамон, чунин мушоҳидаҳо дар Душанбе ва Харков низ гузаронида шуданд» [151, с. 60].

Омӯзиш ва таҳлилҳои бунёдӣ ба он боис гардид, ки натиҷаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

– Маълум кардани миқдори воридшавии моддаҳои шиҳобӣ ба нимкураи Ҷунубӣ ва Шимолии Замин;

– Сохтани модели ягонаи гардиши атмосфера дар баландии 80 - 120 км;

– Маълум намудани тақсимкунии радианти шиҳобҳои спорадикӣ ва мадорҳои ҳазорон шиҳобҳои дигар.

Ин натиҷаҳо хидмати назарраси Пӯлод Бобоҷоновро дар ташаккули астрофизика ва геофизикаи муосир собит менамоянд.

Солҳои 1975 - 1990 пажуҳиши илмии Пӯлод Бобоҷонов ва ҳамкорони ӯ дар шуъбаи астрономияи метеорҳо, ки ӯ роҳбарӣ мекард, ба яке аз самтҳои пешрафтаи астрофизика табдил ёфт. Дар ин давра омӯзиши таҳаввули тудаҳои метеороидҳо таҳти таъсири халалдоршавиҳои ҷозибавӣ ва ғайриҷозибавӣ, инчунин таҳқиқи эволютсияи орбитҳои гурӯҳҳои даврии кометаҳо ва астероидҳо, аз ҷумла гурӯҳҳои Аполлон, Амур ва Атон, амалӣ гардид. Натиҷаҳои ин таҳқиқот тасаввуроти илмиро дар бораи сохтор, шакл ва динамикаи тудаҳои метеорӣ ба таври куллӣ такмил доданд [135, с. 40].

Дар натиҷаи таҳлили амиқи равандҳои динамикӣ собит гардид, ки ҳар як тудаи метеорӣ метавонад то ҳашт бориши метеориро ба вуҷуд оварад, ки онҳо дар вақтҳои гуногуни сол аз радиантҳои гуногун фаъол мешаванд. Чунин дастовардҳои бунёдӣ, ки дар арсаи байналмилалӣ натиҷаи баланд арзёбӣ гардид, ҷиҳати ҳаллу фасл намудани яке аз масоили баҳсбарангези соҳаи кайҳоншиносӣ - мутобиқат накардани теъдоди боришоти метеорӣ ва кометаҳои маълум ҳиссаи бағоят муҳим ва арзишманд гузошт. Натиҷаҳои асосии ин таҳқиқот дар як қатор форумҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Симпозиуми Душанбе дар соли 1985, Семинари минтақавии Иттиҳоди байналмилалии астрономҳо дар шаҳри Прага соли 1987, Ассамблеяи генералии Иттиҳоди байналмилалии астрономҳо дар Балтимор соли 1988 ва дигар ҳамоишҳои хусусияти байналмилалӣ дошта мавриди муҳокимаронӣ ва баррасии ҳамаҷониба карор дода шуданд.

Таҳқиқотҳои Пӯлод Бобоҷонов ва ҳамкорони ӯ, ки ба омӯзиши робитаи байни боришҳои метеорӣ ва кометаю астероидҳои гурӯҳи Аполлон бахшида шудаанд, бо истифода аз усулҳои таҳлили ададӣ ва

сифатии халалдоршавиҳои сайёравӣ аҳаммияти махсус пайдо намуданд ва дар рушди назарияи динамикаи ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ ҳиссаи арзанда гузоштанд.

Асосгузор ва инкишофдиҳандаи илми астрономияи тоҷик ин Пӯлод Бобоҷонов мебошад. Ӯ дар солҳои 1959 - 1971, ки ҳамчун директор дар Институти Астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) кору фаъолият мебурд, ташаккули илмҳои астрономиро маҳз ҳамон солҳо таъмин кард ва астрономияро миёни ҷавонон тарғиб низ намуд. Дар ин давра зери роҳбарии ӯ сохтмони навбати аввали расадхонаи астрономии Ҳисор анҷом ёфта, ба истифода дода шуд. Барои ҳиссагузории назаррас дар рушди астрономия ва астрофизика ӯ соли 1969 бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат сарфароз гардид.

Пӯлод Бобоҷонов дар Тоҷикистон мактаби бузурги илмии астрофизикҳоро таъсис дод. Зери роҳбариаш зиёда аз 20 рисолаи номзадӣ ва докторӣ дифоъ карда шуда, шогирдони ӯ дар марказҳои илмии гуногуни ИДМ (СНГ) ва ҷумҳурӣ фаъолияти илмиро идома медиҳанд. Хусусияти асосии мактаби илмии ӯ пайвастани таҳқиқоти назариявӣ бо мушоҳидаҳои амалӣ ва шарҳи падидаҳои воқеии астрономӣ мебошад.

«Соли 1970 Пӯлод Бобоҷонов дар Шурои махсуси Институти давлатии астрономии ба номи П. К. Штернберги назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов рисолаи доктории худро зери унвони «Таҳқиқи ҳодисаҳои метеорӣ дар асоси мушоҳидаҳои аксбардорӣ» (Исследование метеорных явлений на основе фотографических наблюдений) дифоъ намуд. Дар ин таҳқиқот бори аввал як қатор метеорҳо бо усулҳои аксбардорӣ ва радиометрӣ ба қайд гирифта шуда, робитаи байни коэффитсиентҳои равшанӣ ва ионизатсия муайян гардид. Ҳамчунин, миқёси массаи метеорҳо дар асоси маълумоти аксбардорӣ ва радарӣ ҳамоҳанг карда шуд» [153, с.204 - 212].

Дар натиҷаи ин таҳқиқот як қатор ассотсиатсияҳои нави метеорӣ муайян гардида, мадори боришҳои маъруфи метеорӣ такмил дода шуд. Бори аввал комаҳои метеорӣ бо усули таъсири фаврӣ тасниф гардиданд. Ин натиҷаҳо заминаи устувор барои рушди марказҳои нави илмии астрономия дар Иттиҳоди Шуравӣ фароҳам оварданд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Пӯлод Бобоҷонов ба рушди назарияи физикии метеорҳо, омӯзиши таҳаввули тудаҳои метеорӣ, кометаҳо ва астероидҳо, инчунин ба таҳқиқи қабатҳои болоии атмосфера мусоидат намуд. Дар натиҷаи фаъолияти илмии ӯ усулҳои нави мушоҳидаи метеорҳо ва болидҳо таҳия гардида, ҳамкориҳои илмӣ бо марказҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ густариш ёфтанд. Бо ҳамин роҳ Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун олими соҳа ва Институти астрофизика ба яке аз марказҳои пешбари таҳқиқоти метеорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтанд.

Фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов бо сатҳи баланди эътирофи байналмилалӣ тавсиф мегардад ва ӯро дар қатори муҳаққиқони пешбари соҳаи ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ қарор медиҳад. Дастовардҳои илмии ӯ дар созмонҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор меёфтанд. Аз он ҷумла, натиҷаҳои илмиаш дар Ассамблеяи Генералии Иттиҳоди байналмилалии астрономҳо солҳои 1982 ва 1988 ва як қатор конфронсу симпозиумҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дар давлатҳои бузурги ҷаҳон, аз қабили СССР, Фаронса, ИМА, Чехословакия, Англия, Ҷопон, Югославия ва Юнон баргузор гардиданд, мавриди баррасии васеъ қарор гирифтаанд. Дар ин раванд ӯ ҳамкории илмӣ бо як қатор олимони маъруфи ҷаҳон, аз ҷумла Михайлович Бахарёв, Олег Василович Доброволский, Лев Анисемови Катасев А. В. Соловёв, Олга Платоновна Васлияновская, Лев Самойлович Морочник, Лев Николаевич Рубсов, Қосим Ҳасанович Саидов, Шавкат Обидович Исанатддинов, Алексей Яковлович Филин, Николай Михайлович Шаховский, Роман Летрович, Геботарёв, Робил Шашдуллоевич Бибарсов, Валентин Михайлович Колманов, В. В. Федынский, Б. Ю. Левин, Б. Л. Кащеев, К. В. Костылев,

Е. Н. Крамер, Л. А. Катасев, В. Н. Лебедин, О. И. Белкович, инчунин муҳаққиқони хориҷӣ ба монанди Б. А. Мак - Интош, Б. А. Линдблад, К. Кеем ва дигаронро идома додааст [95, с.37 - 56].

Пӯлод Бобоҷонов инчунин яке аз координаторҳои (ҳамоҳангсозӣ) бахши метеории барномаи байналмилалии таҳқиқи кометаи Галлей буд. Вай шурӯъ аз соли 1961 то поёни умраш (2021) узви Иттиҳоди умумибашарии астрономҳо буд. Гарчанде, ки вай борҳо аъзои комиссияи «Шиҳобҳо ва гарду ғубори байнисайёравӣ» интихоб шуда бошад ҳам, аз соли 1985 то соли 1988 дар ҳамин Иттиҳон ҳамчун Президент фаъолият бурдааст. Ҳамзамон соли 1967 ӯ ба ҳайси аъзои Ассотсиатсияи байналмилалии геомагнетизм ва аэрономия интихоб шуда ба раванди корӣ мусоидат намуд. Аз соли 1972 то соли 1991 ӯ дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳқиқотҳои метеорӣ гузаронида, ҳамзамон ба ҳайси раис дар гурӯҳи кории Академияи илмҳои СССР, ки ба масъалаи омӯзиши метеорҳо сару кор доштанд, фаъолият мебурд.

Соли 1966 ӯ ба ҳайси узви вобастаи Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон интихоб шуда, соли 1973 академик ва ҳамзамон ба ӯ унвони профессор дода шуд. Солҳои 1980 - 1986 узви пайвастаи Раёсати Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ва солҳои 1986 - 1989 ноиби президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон буда, дар раванди тақвияти корҳои илмӣ - таҳқиқотии муассисаҳои илмию таҳсилоти олӣ ва ҳамоҳанг сохтани онҳо бо Раёсат нақши бузург гузоштааст.

Ҳамзамон фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов дар ҷамъият ва сиёсат бузург буда, исботи он дар фаъолияташ ҳамчун узви Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ, ду маротиба вакили Шурои Олии маҳаллӣ ва узви дигар сохторҳои ҷамъиятӣ медиҳад. Ӯ раиси бахши тоҷикистонии Ҷамъияти астрономӣ ва геодезии умумииттифоқӣ низ интихоб гардидааст. Барои саҳмгузории ӯ дар тарғиби донишҳои илмӣ ва тарбияи ҷавонон соли 1977 бо медали академик С. И. Вавилов

сарфароз гардид. Соли 1987 китоби ӯ «Метеорҳо ва мушоҳидаҳои онҳо» бо теъдоди зиёд нашр шуда, ба доираи васеи хонандагон пешкаш гардид.

«Барои хизматҳои барҷастааш дар рушди илми Шуравӣ ӯ бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва як қатор медалҳои давлатӣ сарфароз гардидааст. Соли 1977 инчунин ба ӯ Ҷоизаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино барои таҳқиқоти муҳим дар соҳаи аксбардории метеорҳо дода шуд» [96, с. 344 - 346].

Дар маҷмуъ, фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов ба равшан намудани табиати падидаҳои метеорӣ, омӯзиши ҷисмҳои метеороидӣ, робитаи онҳо бо кометаҳо ва астероидҳо, инчунин ба таҳлили нақши онҳо дар космогонияи системаи Офтобӣ равона гардида, дар ташаккули мактаби илмии астрономияи Тоҷикистон ва омодасозии кадрҳои илмии наслҳои нав фаъолияти пурсамари ҳалкунанда гузоштааст.

Муваффақиятҳои илмӣ ва илмӣ - ташкилии Пӯлод Бобоҷонов бо як қатор ордену медалҳои давлатӣ ва байналмилалӣ қадр карда шудаанд, ки ин эътирофи расмӣ нақши ӯро дар рушди илмҳои астрономӣ ва астрофизикаи муосир инъикос менамояд.

«Таҳқиқоти илмии ӯ ҳамчун академики Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ба омӯзиши масъалаҳои бунёдии астрономияи метеорӣ равона гардида буд. Самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ омӯзиши моддаҳои метеории байнисайёравӣ, таъсири онҳо ба Замин, параметрҳои физикии қабати болоии атмосфера, таҳаввули тудаҳои метеороидӣ ва робитаи онҳо бо кометаҳо ва астероидҳо ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин, ӯ дар таҳия ва татбиқи усулҳои муосири мушоҳидавии метеорӣ саҳми назаррас гузоштааст» [106].

Бо истифода аз наззораҳои нави метеорӣ, ки зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов сохта шуданд, маҷмуи нодири маълумоти мушоҳидавӣ оид ба метеорҳои дурахшон ба даст омад. Дар асоси ин маълумот каталогҳои мадорӣ таҳия гардида, ба Бонки ҷаҳонии маълумоти метеорӣ дар Маркази Лунд (Шветсия) ворид карда шуданд. Ин натиҷаҳо аҳаммияти

байналмилалӣ дошта, ҳамчун базаи муҳими илмӣ дар таҳқиқоти минбаъда истифода гардиданд.

Дар асоси мушоҳидаҳои оптикӣ ва радиолокатсионӣ, ки дар шуъбаи астрономияи метеорҳо зери роҳбарии ӯ анҷом дода шуданд, зичии ҷараёни метеороидҳо, хусусиятҳои боришҳои метеорӣ ва миқдори моддаи воридшаванда ба атмосфераи Замин муайян гардид. Ин маълумотҳо дар таҳияи модели паҳншавии моддаи метеорӣ дар фазои наздики Замин истифода шуда, ба сифати стандарти давлатии СССР қабул гардиданд [61, с. 32].

Солҳои 1975 - 1990 зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ва ҳамкорони ӯ таҳқиқоти густурда оид ба таҳаввули тудаҳои метеороидӣ анҷом дода шуд. Ин тадқиқотҳо дар шароити халалдоршавиҳои ҷозибавӣ ва ғайриҷозибавӣ, инчунин эволютсияи орбитҳои гурӯҳҳои кометаҳо ва астероидҳои гурӯҳҳои Аполлон, Амур ва Атонро дар бар мегирифтанд. Натиҷаҳои бадастомада имконият доданд, ки дар бораи шаклгирӣ ва динамикаи боришҳои метеорӣ хулосаҳои бунёдӣ таҳия шаванд.

Дар натиҷаи фаъолияти илмии худ Пӯлод Бобоҷонов муаллифи тақрибан 400 мақолаи илмӣ ва 7 монография мебошад, ки саҳми назарраси ӯро дар рушди назарияи астрономияи метеорӣ нишон медиҳанд.

Пӯлод Бобоҷонов солҳои 1959 - 1971 масъулияти роҳбарии Институти астрофизикаи назди Академияи илмҳои Тоҷикистонро ба душ дошт, маҳз дар ҳамин давра зери роҳбарии ӯ расадхонаи Ҳисор сохта ба истифода дода шуд, ки яке аз марказҳои муҳими илмии минтақа гардид. Барои ин дастовардҳо институт бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат сарфароз гардонида шуд.

Фаъолияти илмии ӯ ба рушди мактаби астрономияи Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи таҳқиқоти илмӣ саҳми арзанда гузошт. Бо вуҷуди шароити душвори таърихӣ, муҳаққиқон зери роҳбарӣ ва мушовирии ӯ пайваста таҳқиқотҳои назарраси илмӣ гузаронида,

натиҷаҳои муҳими илмӣ ба даст меоварданд. Эшон дар натиҷаи корҳои муштарак, ки дар доираи лоиҳаҳои байналмилалӣ гузаронида мешуд, мутахассисони соҳибтахассус ва дорои дараҷаи илмидошта дар самти физика, математика ва астрономия омода намуда, ба рушди илми астрономияи кишвар замина гузоштанд.

Дар маҷмӯъ, комёбиҳои Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун яке аз симоҳои барҷастаи астрофизикаи муосир на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардида, ҳатто бо гузоштани номи ӯ ба ҷирмҳои кайҳонӣ сайёраи хурд - астероиди №7146 Bobojonov қадрдонӣ шудааст, ки ин нишонаи баландтарини эътирофи илмии фаъолияти ӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти илмӣ ва ташкилотчигии академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди астрономияи муосир, махсусан астрономияи метеорӣ, аҳаммияти бунёдӣ дорад. «Ӯ ҳамчун муҳаққиқи сермаҳсул бо беш аз 400 мақолаи илмӣ ва як қатор монографияҳо ба омӯзиши ҷисмҳои байнисайёравӣ, динамикаи метеорҳо, эволютсияи тудаҳои метеороидӣ ва робитаи онҳо бо кометаҳо саҳми бузург гузоштааст. Таҳқиқоти ӯ дар асоси усулҳои мушоҳидавии оптикӣ, радарӣ ва спектрографӣ ба ташаккули моделҳои муосири паҳншавии моддаи метеорӣ ва баланд шудани дақиқии таҳлили равандҳои атмосфераи болоӣ мусоидат намуданд» [16, с. 28].

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, П. Бобоҷонов ҳамчун ташкилотчии тавоно низ шинохта мешавад. Вай дар вазифаҳои масъулиятноки роҳбарӣ, аз директори Институти астрофизика то ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мактаби бузурги илмии худро созмон дода, дар он даҳҳо мутахассисон бакамол расидаанд, ки айни ҳол дар пешрафти илми ватанӣ нақши бузург гузошта истодаанд. Зери роҳбариаш инфрасохтори астрономии Тоҷикистон, аз ҷумла расадхонаи Ҳисор рушд ёфта, ба сатҳи байналмилалӣ баромад.

Натиҷаҳои фаъолияти ӯ дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардида, дар ҳамкорӣ бо марказҳои илмии хориҷӣ ва иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ тақвият ёфтаанд. Ҳамин тавр, П. Б. Бобоҷонов ҳамчун яке аз чеҳраҳои барҷастаи илми астрофизикаи асрҳои XX – XXI на танҳо ба рушди илм, балки ба ташаккули мактаби миллии астрономия дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст.

Хулоса, дар боби маскур омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмӣ - ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов инъикос шудааст, ки ӯ аз зумраи шахсиятҳои барҷастаи илмӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Фаъолияти бисёрҷанбаи ӯ дар соҳаҳои илм, маориф ва корҳои ташкилотчигӣ барои рушди ҷомеа ва таҳкими мавқеи илм дар кишвар саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ ҳамчун олим ва роҳбари кордон тавонист дар пешрафти корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва ташкили самараноки фаъолияти илмӣ нақши муҳим бозад.

Инчунин, фаъолияти ташкилотчигии академик П. Б. Бобоҷонов аз қобилияти баланди роҳбарӣ, ташаббускорӣ ва масъулиятшиносии ӯ шаҳодат медиҳад. Ӯ дар ташкили муассисаҳои илмӣ, густариши ҳамкориҳои илмӣ ва ҷалби ҷавонон ба корҳои таҳқиқотӣ ҳиссаи арзанда гузоштааст. Маҳз тавассути фаъолияти пайваста ва заҳмати содиқонааш мавқеи илм ва нуфузи муҳаққиқони тоҷик дар ҷомеа боз ҳам баланд гардид.

Аз ин рӯ, мероси илмӣ ва фаъолияти ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов барои насли имрӯзу фардо ҳамчун намунаи хизмат ба илм, ҷомеа ва Ватан аҳаммияти калон дорад.

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои марбут ба ташаккулёбӣ ва фаъолияти ташкилӣ-ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов муайян гардид, ки ӯ яке аз шахсиятҳои намоёни илмӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон ба шумор меравад. Пӯлод Бобоҷонов бо анҷом додани корҳои бузурги илмӣ, иштирок дар корҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, таҳкими баззаҳои моддӣ-техникии низоми таҳсилот ва марказҳои илмии кишвар, ҳамзамон идора

намудани раванди таҳқиқотҳои илмӣ ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он дар таърихи илми ватанӣ сабт гардидааст, ки барои доираи ҷомеаи илмии имрӯза намунаи ибрат арзёбӣ карда мешавад. Пӯлод Бобоҷонов дар тули фаъолияти худ на танҳо ҳамчун муҳаққиқи варзида, балки ҳамчун ташкилотчии соҳибтаҷриба ва шахси фаъоли ҷамъиятӣ шинохта шудааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот маълум карда шуд, ки фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии ӯ дар ҷараёни ташаккулёбӣ ва рушди маорифи кишвар мусоидат намуда, имкониятҳои созгори амалиро муҳайё сохт. Донишҳои баланди замонавӣ, меҳнат кардан ва эҳсоси баланди масъулиятшиносиаш ба ӯ имкон дод, ки дар ҷомеаи тоҷикон ва ҷаҳон ба яке аз нафарони арзишманди илм табдил ёбад. Ӯ дар раванди пажуҳиши илмӣ ба масъалаҳои муҳими астрономӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бо натиҷаҳои арзишманди илмии худ дар пешрафти афкори илмӣ саҳми муносиб гузоштааст. Асарҳои илмӣ ва дигар навовариҳои илмие, ки ӯ дар ҷараёни омӯзиши кайҳон ба даст оварда буд, аҳаммияти бузурги ҳам амалӣ ва ҳам назариявӣ касб намудаанд ва бобати дар оянда ба таври мушаххас ба омӯзиши кайҳон сару кор гирифтан, заминаи хуб ва маълумотҳои арзишманд маҳсуб хоҳан ёфт.

Ҳамзамон, фаъолияти илмӣ - ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов нишон медиҳад, ки ӯ дар тарбияи кадрҳои илмӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавон нақши муассир бозидааст. Ӯ ҳамчун омӯзгор ва роҳнамои илмӣ тавонист барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи шогирдон хидмати арзанда гузорад. Бисёре аз шогирдону пайравони ӯ имрӯз фаъолияти илмӣ ва касбии худро идома дода, анъанаҳои илмии устодро ҳифз менамоянд.

Фаъолияти ташкилотчигии академик П. Б. Бобоҷонов низ яке аз ҷанбаҳои муҳими фаъолияти ӯ ба ҳисоб меравад. Ӯ бо қобилияти баланди роҳбарӣ ва ташаббускорӣ дар рушди муассисаҳои илмӣ, такмили низоми идоракунии илм ва ташкили корҳои таҳқиқотӣ саҳми

назаррас гузоштааст. Маҳз бо кӯшишҳои ӯ замина барои густариши корҳои илмӣ, таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадам фароҳам гардидааст. Ӯ дар ташкили конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳои илмӣ фаъолона иштирок намуда, барои рушди муҳити илмии кишвар мусоидат кардааст.

Инчунин, фаъолияти ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов аз ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандии ӯ шаҳодат медиҳад. Ӯ дар ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бетараф набуда, барои пешрафти ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати мардум кӯшиш намудааст. Фаъолияти ӯ дар байни ҷомеа обрӯ ва эҳтироми хоса пайдо карда, ҳамчун шахсияти донишманд ва фарҳангпарвар шинохта шудааст.

Бо дарназардошти ҳамаи ин метавон хулоса кард, ки фаъолияти илмӣ, ташкилотчигӣ ва ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов дар таърихи илми тоҷик мақоми муҳим дорад. Ӯ бо меҳнати содиқона ва хизматҳои арзишманди худ тавонист дар рушду пешрафти илм ва ҷомеа саҳми муассир гузорад. Мероси илмӣ ва фаъолияти ҷамъиятии ӯ имрӯз низ аҳаммияти худро гум накарда, барои муҳаққиқон, донишҷӯён ва ҷавонон ҳамчун намунаи ибрат хизмат мекунад.

БОБИ 2. АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ ВА РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

2.1. Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ

«Дар таърихи рушди илми тоҷик Пӯлод Бобоҷонов на ин, ки ҳамчун як олими бузурги соҳаи астрономия ва астрофизика, балки ҳамчун омӯзгор, ташкилотчии соҳаи маориф ва тарбиятгари мутахассисони (кадрҳои) баландихтисоси илмӣ - педагогӣ мақоми махсус дорад. Фаъолияти бисёрсолаи ӯ дар самти тайёр намудани мутахассисон ва олимони ҷавон барои рушди илми миллӣ аҳаммияти бузург дошта, дар ташаккули мактаби илмии астрофизикаи тоҷик нақши муассир гузоштааст» [16, с. 19].

Фаъолияти омӯзгории Пӯлод Бобоҷонов ҳанӯз аз синни ҷавонӣ оғоз гардидааст. Дар синни нуздаҳсолагӣ ӯ фаъолияти омӯзгории худро дар кафедраи физикаи Институти педагогии Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) оғоз намуд. Гарчанде, ки дар назди ӯ ояндаи дурахшони омӯзгорӣ қарор дошт, шавқу рағбати зиёд ба омӯзиши коинот ва асрори ситорагон ӯро ба роҳи илм бурд. Ҳамин шавқи беандоза ӯро ба расадхонаи астрофизикаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва баъдан ба аспирантураи шаҳри Москва роҳнамоӣ намуд. Дар он ҷо ӯ назди олимони маъруфи соҳаи астрономия таҳсил намуда, заминаи мустаҳками илмӣ пайдо кард.

«Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005 - 2013) Мамадшо Илолов фаъолияти илмӣ ва инсонгароии Пӯлод Бобоҷоновро баланд арзёбӣ намуда, таъкид кардааст, ки ӯ ҳамчун шахси ҳалиму хоксор, дурандеш ва қадршинос дар байни аҳли илм ва шогирдон обрӯи баланд дошт. Ин гуна сифатҳои инсонӣ дар фаъолияти педагогии ӯ

нақши муҳим бозида, барои ҷалби ҷавонон ба илм мусоидат менамуданд» [153, с.5 - 31].

Яке аз самтҳои асосӣ ва муҳими фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов тарбияи олимони ҷавон ва ташкили мактаби илмии миллӣ дар соҳаи астрофизика буд. Маҳз бо роҳбарӣ ва ташаббуси ӯ солҳои 1960 - 1970 аввалин мутахассисони касбии тоҷик дар соҳаи астрофизика ба камол расиданд. Ӯ шогирдони худро ба омӯзиши амиқи масъалаҳои астрофизика, омӯзиши ионосфераи Замин, майдони магнитӣ, тағйирёбии иқлим, хусусиятҳои кометаҳо ва астероидҳо, инчунин фаъолияти расадхонаҳо ҷалб менамуд.

Дар натиҷаи фаъолияти самараноки илмӣ ва омӯзгории ӯ як қатор олимони маъруф ба камол расиданд. Аз ҷумла, Хуршед Абдуллозода, Юрий Викторович Обрубов, Мирҳусейн Назриев, Гулчеҳра Қоҳирова, Носир Маҳмудов ва дигарон маҳз дар мактаби илмии академик Пӯлод Бобоҷонов ташаккул ёфтанд. Умуман зери роҳбарии вай 24 нафар рисолаҳои илмиашонро дифоъ намудаанд, ки аз ин чор нафар доктори илм ва бист нафари дигар номзадони илм мебошанд, ки имрӯзҳо дар рушди илм ва таҳсилоти мамлакат ва берун аз он нақши бориз гузоштаистодаанд.

«Фаъолияти педагогии академик Пӯлод Бобоҷонов махсусан дар давраи роҳбарии ӯ ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) боз ҳам равшантар зоҳир гардид. Дар давоми ёздаҳ соли роҳбарӣ ӯ барои баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва омода намудани кадрҳои соҳибихтисос тадбирҳои муҳим андешид. Бо ташаббуси ӯ дар донишгоҳ омода намудани мутахассисон дар соҳаи астрономия ва астрофизика ба роҳ монда шуд. Ин иқдом барои рушди илмҳои дақиқ дар ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам овард» [3, с. 239].

Пӯлод Бобоҷонов барои рушди ҳамкориҳои илмӣ бо марказҳои бонуфузи илмии Иттиҳоди Шуравӣ низ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод. Ӯ

донишҷӯёни болаёқатро барои таҳсил ва идомаи корҳои илмӣ ба муассисаҳои маъруфи илмии Москва, Киев ва дигар шаҳрҳо сафарбар мекард. Муносибатҳои дӯстона ва илмии ӯ бо олимони маъруфи хориҷӣ, аз ҷумла академик В. С. Королюк ва ректори Донишгоҳи давлатии Москва Рем Викторович Хохлов, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмии Тоҷикистон мусоидати калон намуданд.

Аз хотираҳои ҳамзамонон маълум мегардад, ки Пӯлод Бобоҷонов нисбат ба шогирдон ва ҳамкорони худ муносибати самимӣ ва ғамхорона дошт. Ӯ барои дастгирии олимони ҷавон, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил ва фаъолияти илмии онҳо пайваста кӯшиш мекард. Ин гуна муносибат боис гардид, ки бисёре аз шогирдони ӯ дар оянда ба олимони маъруф табдил ёфта, дар рушди илмҳои бунёдии на танҳо ҷумҳурӣ, балки ҷаҳон хизмати шоён намуда истодаанд.

«Юрий Викторович Обрубов - доктори илмҳои физика - математика, профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии техникии Москва ба номи Н. Э. Бауман, доир ба фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов ёдовар шуда, чунин иброз медорад, ки зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов кадрҳои баландихтисоси илмӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳатто баъзе давлатҳои хориҷӣ омода карда шуданд. Ӯ инчунин қайд мекунад, ки маҳз бо ташаббуси академик Пӯлод Бобоҷонов дар ҷумҳурӣ омода намудани мутахассисони соҳаи астрономия ва астрофизика оғоз гардида буд. Ин хизматҳои ӯ барои рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ дар Тоҷикистон аҳаммияти бузург доштанд» [153, с.116 - 117].

Хидматҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов дар омода намудани кадрҳои илмӣ - педагогӣ хеле назаррас мебошад. Вай ҳамчун шахсият, омӯзгори асил, олими нотакрор ва роҳбари кордону муваффақ тавонист мактаби муосири илмии тоҷикро рушд ва ташаккул диҳад ва дар арсаи байналмилалӣ низ илми ватаниро муаррифӣ намояд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун яке аз асосгузорони мактаби муосири астрофизикаи тоҷик дар ташаккул ва рушди илмҳои

кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон саҳми бузург гузоштааст. Қобилияти роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, педагогӣ ва илмии ӯ имконият дод, ки бобати тайёр кардани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмидор корҳои назаррасро анҷом дода, дар рушди илми кишвар нақши боризи худро гузорад. Пайваста вай ба ҷавонон насиҳат медод, ки барои пешрафти ватан ва рушди ҷомеа бояд бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ буд, зеро рушди ҷомеа аз рушди малакаҳои зеҳнӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, тарбияи ҷавонони донишманд ва соҳибкасб яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти ӯ маҳсуб меёфт [4, с. 68].

«Пӯлод Бобоҷонов дар баробари фаъолияти илмӣ ба рушди инфрасохтори таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ аҳаммияти махсус медод. Орзуи деринаи ӯ таъсиси кафедраи махсуси астрофизика дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) буд. Ин орзу бо ташаббус ва талошҳои пайвастаи ӯ амалӣ гардида, соли 1980 кафедраи астрофизика таъсис дода шуд, ки дар ҷумҳурӣ яке аз заминаҳои омода намудани мутахассисони соҳаҳои астрономия ва астрофизика маҳсуб меёфт. Худи ӯ солҳои 1980 - 1981 роҳбарии кафедраро ба уҳда дошт ва баъдан ин рисолатро Қ. Саидов идома дод. Таъсиси кафедраи мазкур барои омода намудани мутахассисони касбии соҳаи астрономия ва астрофизика дар ҷумҳурӣ аҳаммияти таърихӣ дошт» [129, с. 59 - 64].

«Кафедраи астрофизика ба маркази асосии тайёр намудани кадрҳои илмӣ табдил ёфт. Дар ин ҷо донишҷӯён ба омӯзиши масъалаҳои муҳими астрофизика, аз ҷумла селҳои метеорӣ, кометаҳо, ҷирмҳои осмонӣ, равандҳои кайҳонӣ ва усулҳои мушоҳидавии астрономӣ ҷалб мешуданд. Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун роҳбари илмӣ кӯшиш менамуд, ки шогирдон на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалии таҳқиқотиро низ аз худ намоянд» [138, с. 45 - 47].

Фаъолияти байналмилалии академик Пӯлод Бобоҷонов низ дар рушду такомули мактаби илмии тоҷик нақши муҳим бозид. Ӯ дар конференсияҳо ва ҷамъомадҳои байналмилалии астрономҳо фаъолона

иштирок намуда, дастовардҳои илмии олимони тоҷикро муаррифӣ мекард. Аз ҷумла, соли 1981 дар ҷамъомади минтақавии астрономҳо дар Югославия бо маърузаи илмии худ таҳти унвони «О смещении дат максимума активности метеорных потоков» (Дар бораи тағйирёбии санаҳои авҷи фаъолияти ҷараёнҳои метеорӣ) баромад намуд. Ин маъруза таваҷҷуҳи олимони маъруфи ҷаҳонро ба худ ҷалб кард.

«Олими машҳури Шуравӣ академик Виктор Амбарсумян фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷоновро баланд арзёбӣ намуда, ёдовар мешавад, ки муваффақияти ӯ пеш аз ҳама ба садоқат ба илм ва талоши пайваста барои ҷамъоварии далелҳои илмӣ вобаста аст». Ин гуна баҳогузорӣ аз ҷониби олимони сатҳи ҷаҳонӣ аз эътирофи мактаби илмии тоҷик шаҳодат медиҳад [153, с. 166 - 167].

Самараи фаъолияти омӯзгорӣ ва илмии академик Пӯлод Бобоҷонов дар омода намудани мутахассисони ҷавони соҳаи астрофизика равшан мушоҳида мешавад. Танҳо соли 2004 дувоздаҳ нафар хатмкунандагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти илмии худро ҳамчун астроном оғоз намуданд. Чор нафари онҳо ба Институти астрофизикаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба кор қабул гардида, барои таҳияи рисолаҳои илмӣ ҷалб шуданд. Ин нишон медиҳад, ки мактаби илмии таъсисдодаи ӯ дар тарбияи олимони ҷавон нақши муассир бозидааст.

Пӯлод Бобоҷонов ба масъалаи таълими астрономия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ таваҷҷуҳи махсус дошт. Ӯ борҳо дар ҷаласаҳои Ҷамъияти астрономҳои Тоҷикистон таъкид мекард, ки омӯзиши астрономия бояд ҳамчун фанни мустақил ба роҳ монда шавад. Ба андешаи ӯ, омӯзиши илмҳои кайҳоншиносӣ ҷаҳонбинии илмии ҷавононро васеъ намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба илмҳои дақиқ зиёд мегардонад.

Дар солҳои душвори сиёсиву иҷтимоӣ таълими астрономия дар мактабҳо коҳиш ёфт, аммо бо талошҳои олимони соҳа, аз ҷумла Пӯлод Бобоҷонов, масъалаи эҳёи таълими нуҷумшиносӣ дубора матраҳ гардид.

Дар натиҷаи ин талошҳо барномаи нави таълими астрономия таҳия шуда, бо дастгирии ЮНЕСКО дар Тоҷикистон Маркази байналмилалии илмии «Таджикистан» таъсис дода шуд. Ин Марказ барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, астрономҳо ва донишҷӯён, инчунин ҷалби хонандагон ба омӯзиши илмҳои дақиқ хизмат мекард.

Академик Пӯлод Бобоҷонов ба масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби олимони ҷавон низ аҳаммияти калон медод. Ӯ таъкид менамуд, ки дар шароити рушди босуръати илм ва технология донишмандони ҷавон бояд забони англисиро хуб донанд, то тавонанд аз дастовардҳои илмии ҷаҳонӣ истифода баранд ва бо марказҳои пешрафтаи илмии ҷаҳон ҳамкорӣ намоянд.

Ҳамзамон, ӯ нисбат ба масъалаи сифати кадрҳои илмӣ мавқеи қатъӣ дошт. Ба андешаи ӯ, олими ҳақиқӣ танҳо тавассути меҳнати пайваста, таҳқиқоти амиқ ва садоқат ба илм ба камол мерасад. Ӯ ҷавононро ба меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ ва масъулиятшиносӣ ҳидоят намуда, таъкид мекард, ки илм роҳи осон нест ва танҳо шахсони боирода метавонанд дар ин роҳ муваффақ гарданд.

«Пӯлод Бобоҷонов дар рушди илмҳои астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон, ташкили мактаби илмии миллӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ саҳми арзишманд гузоштааст. Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти илмии академик Пӯлод Бобоҷонов таҳқиқи ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, селҳои метеорӣ, астероидҳо ва кометаҳо ба ҳисоб меравад. Пажӯҳиши ӯ дар ин самт на танҳо барои рушди илми астрономияи тоҷик, балки барои пешрафти астрофизикаи ҷаҳонӣ низ аҳаммияти назаррас дошт. Дар натиҷаи фаъолияти пурсамари илмӣ ва ҳамкории зич бо шогирдон ва ҳамкасбон як қатор асарҳои арзишманди илмӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар маҷаллаҳои бонуфузи байналмилалӣ ба нашр расидаанд» [50, с. 38 - 43].

Аз ҷумла, монографияи илмии «Селҳои метеории астероидҳое, ки мадори Заминро бурида мегузаранд» (Метеорные потоки астероидов,

пересекающих орбиту Земли), ки дар ҳаммуаллифӣ бо шогирди ӯ Гулчеҳра Қоҳирова таҳия гардидааст, яке аз дастовардҳои муҳими илмии мактаби астрофизикаи тоҷик маҳсуб мешавад. Дар ин асари илмӣ хусусиятҳои физикӣ ва динамикии селҳои метеорӣ, ки мадори Заминро бурида мегузаранд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки чунин селҳои метеорӣ аз рӯйи мадорҳои кометамонанд ҳаракат намуда, бо астероидҳои наздизаминӣ робитаи муайян доранд. Ин хулоса барои рушди назарияи пайдоиш ва эволютсияи ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ аҳаммияти илмии муҳим дорад.

Дар ҳисоботи илмии академик Пӯлод Бобоҷонов, ки соли 2009 пешниҳод гардидааст, махсус таъкид мешавад, ки зери роҳбарии ӯ дар Институти астрофизика таҳқиқи табиати ҷирмҳои хурди кайҳонӣ ва объектҳои наздизаминӣ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил шудааст. Инчунин, робитаҳои илмии Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо марказҳои пешрафтаи илмии ҷаҳон, аз ҷумла шуъбаи астрономии Донишгоҳи Лондон ва Институти астрономияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Чех, густариш ёфтаанд. Ин ҳамкориҳо барои мубодилаи таҷриба, истифодаи технологияҳои муосир ва татбиқи таҳқиқоти муштарак заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Пӯлод Бобоҷонов ба аҳаммияти ҳамкории байналмилалии илмӣ баҳои баланд медод. Ӯ баъди иштирок дар Ассамблеяи XXVI Генералии Иттиҳоди байналмилалии астрономӣ дар шаҳри Прага ба ҳамкорон ва муҳаққиқони ҷавон таъкид намуд, ки илм танҳо дар заминаи ҳамкории созанда рушд меёбад. Пӯлод Бобоҷонов ҳамкории пайвастаро бо марказҳои бонуфузи илмии ҷаҳон омили пешрафти илмӣ ва ҷамъиятӣ ҳисобида, тақвияти тайёр кардани кадрҳои рақобатпазири илмиро низ дар ҳамкорӣ бо чунин марказҳои илмӣ медонист. Ӯ махсус қайд мекард, ки пажуҳиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ метавонад ба кашфи бисёр асрорҳои илмии кайҳон мусоидат намояд.

Фаъолияти академик Пӯлод Бобоҷонов дар самти ташкили инфрасохтори илмӣ низ хеле назаррас мебошад. Бо ташаббуси ӯ ва дастгирии Комиссияи олии аттестатсионии Русия дар назди Институти астрофизикаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Шурои дифои рисолаҳои илмӣ таъсис дода шуд. Ин иқдом барои рушди илмҳои астрономия ва астрофизика дар Тоҷикистон аҳаммияти бузург дошт, зеро муҳаққиқони ҷавон имконият пайдо карданд, ки рисолаҳои илмии худро дар дохили кишвар дифоъ намоянд. Ба андешаи олим, ин яке аз дастовардҳои муҳими даврони истиқлолият ба ҳисоб мерафт.

Пӯлод Бобоҷонов пайваста таъкид менамуд, ки илм асоси шинохти олам ва муҳаррики асосии рушди ҷомеа мебошад. Ӯ бар ин назар буд, ки олим бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯй, таҳқиқ ва омӯзиши дастовардҳои нави илмӣ қарор дошта бошад. Аз ин рӯ, ӯ муҳаққиқони ҷавонро ба ҳамкорӣ бо марказҳои илмии Маскав, Санкт - Петербург, Киев, Минск, Қазоқистон ва дигар давлатҳо ташвиқ мекард. Ба гуфтаи ӯ, илм дар натиҷаи муқоиса, мубодилаи таҷриба ва ҳамкории судманд рушд меёбад.

«Яке аз дастовардҳои муҳими фаъолияти илмӣ ва ташкилотчигии академик Пӯлод Бобоҷонов рушди Маркази байналмилалии илмӣ-таҳқиқотии «Помир – Чақалтой» мебошад. Ин Марказ дар баландии зиёда аз 4000 метр аз сатҳи баҳр, дар мавзеи Ақ - Архари ноҳияи Мурғоб ҷойгир буда, барои омӯзиши шуоъҳои (нурҳои) кайҳонӣ ва таҳқиқоти астрофизикӣ мақоми байналмилалӣ дорад. Бо дастгирии роҳбарияти Тоҷикистон ва Федератсияи Россия фаъолияти Марказ густариш ёфта, таваҷҷуҳи олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб намуд» [16, с. 11].

Академик Пӯлод Бобоҷонов фаъолияти Маркази «Помир – Чақалтой» - ро барои рушди илмҳои кайҳоншиносӣ хеле муҳим арзёбӣ мекард. Ба андешаи ӯ, чунин марказҳо метавонанд Тоҷикистонро ба яке аз марказҳои муҳими таҳқиқоти кайҳонӣ дар минтақа табдил диҳанд. Ӯ ҳамчунин таъкид менамуд, ки рушди илмҳои дақиқ, аз ҷумла физика,

астрономия, геология ва технологияҳои нав, барои пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад.

Дар баробари фаъолияти илмӣ, академик Пӯлод Бобоҷонов ба масъалаи тарбияи олимони ҷавон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Ӯ ба муҳаққиқон маслиҳат медод, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои назаррас бояд меҳнатдӯст, сабур ва содиқ ба илм бошанд. Ба андешаи ӯ, олими ҳақиқӣ танҳо тавассути заҳмати пайваста ва пажуҳиши амиқ ба камол мерасад.

Академик Пӯлод Бобоҷонов дар рушди таҳқиқоти кайҳонӣ ва омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ саҳми назаррас гузошта, дар солҳои охири ҳаёташ натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ӯ ва муҳаққиқони ҷавон дар маҷаллаҳои соҳавӣ зиёд ба нашр расидаанд. Ин ҳолат аз ташаккули муҳити фаъоли илмӣ ва рушди пажуҳиши астрономӣ дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Ӯ ҳамеша ба аҳаммияти ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории илмӣ таъкид менамуд. Шиораш дар зиндагӣ ин «Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад, ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад» буд. Ба андешаи вай, танҳо дар натиҷаи ҳамкориҳои илмӣ ва робитаҳои пайваста бо марказҳои илмӣ - таҳқиқотӣ метавон илмро ба сатҳи баланд пеш буд. Зеро илм ягона ва асоси пешрафти ҳамаи қавму миллатҳо маҳсуб меёбад. Барои ҳамин, мавсуф ҷавононро барои омӯзиши илм роҳнамоӣ менамуд ва маслиҳат медод, ки бо марказҳои илмӣ ва донишгоҳу донишкадаҳое, ки аз лиҳози илм пешрафта мебошанд, аз он ҷумла, Санкт - Петербург, Киев, Минск, Масква ва дигар марказҳои бузурги илмӣ рафта, аз илмӣ ҷаҳонӣ баҳравар гардида, фаҳмишҳои худро ба сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ намоянд.

«Академик, Президенти АМИТ (солҳои 2005 - 2013) Мамадшо Илолов дар китоби шиҳоби рахшон, ки бахшида ба 20 солагии Истиқлолият ва 80 солагии академик Пӯлод Бобоҷонов таълиф шудааст, ёдовар мегардад, ки олимон ва ситорашиносони тоҷик соли 2010 - соли маориф ва фарҳанги техникӣ - ҳамкории самарабахшро дар соҳаи

таҳқиқи кайҳон бештар ривоҷ доданд, ки яке аз пешсафон ин Пӯлод Бобоҷонов мебошад» [153, с. 24].

Дар таърихи рушди илмҳои кайҳоншиносӣ ва астрофизикаи Тоҷикистон ҳиссагузории академик Пӯлод Бобоҷонов дар эҳё ва рушди фаъолияти Маркази байналмилалии илмӣ - таҳқиқотии «Помир - Чақалтой» ҷойгоҳи махсус дорад. Дар як қатор ёддоштҳо ва сарчашмаҳои илмӣ таъкид шудааст, ки ӯ дар ташкил ва фаъолияти самарабахши ин Марказ нақши назаррас бозидааст.

Маркази байналмилалии илмӣ - таҳқиқотии «Помир - Чақалтой» дар мавзеи Ақ - Архари ноҳияи Мурғоб, дар баландии 4000 - 4400 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, барои гузаронидани таҳқиқоти астрофизикӣ ва омӯзиши нурҳои кайҳонӣ шароити беназири табиӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки моҳи январи соли 2008 байни президентҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба густариши ҳамкориҳо дар соҳаи кайҳон ва фаъолияти минбаъдаи Марказ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расида буд, ки ин ба рушди минбаъдаи таҳқиқотҳои илмӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Таърихи ташаккули озмоишгоҳи «Помир» ба солҳои 1970 - 1980 рост меояд. Ҳанӯз дар солҳои 1970 - 1976 шароити мусоиди иқлимии қисми шимолии қаторкӯҳи Аличур, воқеъ дар баландии 4400 - 4900 метр аз сатҳи баҳр, таваҷҷуҳи олимони Иттиҳоди Шуравӣ ва Полшаро ба худ ҷалб намуда буд. Дар натиҷа як қатор лоиҳаҳои илмӣ оид ба омӯзиши кайҳон ва ҷирмҳои осмонӣ таҳия гардида, соли 1973 аз ҷониби Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ИҶШС оид ба илм ва техника дастгирӣ ёфтанд. Аз ҳамон давра таҳқиқотҳои муштараки байналмилалӣ дар ин самт оғоз гардида, то солҳои баъдӣ идома пайдо карданд.

Самти асосии фаъолияти озмоишгоҳ омӯзиши нурҳои кайҳонии энергияи баланд ба ҳисоб мерафт. Соли 1981 ҳамкории илмии мутахассисони Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷопон оғоз гардида, дар асоси мушоҳидаҳои фотографӣ ва сабти маълумоти таҷрибавӣ натиҷаҳои

муҳими илмӣ ба даст омаданд. Марҳилаи дигари муҳим дар рушди марказ соли 1987 ба амал омад, вақте ки дар шаҳри Парижи Фаронса намояндагони ҳашт давлати пешрафтаи ҷаҳон созишномаи ҳамкорӣ оид ба татбиқи барномаҳои муштараки илмӣ дар заминаи озмоишгоҳи «Помир - Чақалтой» - ро ба имзо расониданд.

Бо вуҷуди мушкилоти солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, фаъолияти илмии марказ пурра қатъ нагардид. Дар ин давра маҳз талошҳои олимони ватандӯст ва содиқ ба илм, аз ҷумла Пӯлод Бобоҷонов ва шогирдони ӯ, барои ҳифз ва эҳёи фаъолияти илмии марказ нақши ҳалкунанда бозиданд.

Бо ташаббуси Пӯлод Бобоҷонов ва шогирдони ӯ натиҷаҳои чандинсолаи мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ ҷамъбаст гардида, барои таҳлил ба марказҳои илмии Маскав ирсол шуданд. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда аз ҷониби ҷомеаи байналмилалии астрофизикон баҳои баланд гирифта, таваҷҷуҳи муассисаҳои илмии кишварҳои гуногунро ба худ ҷалб намуданд. Дар натиҷа ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо ва даъватномаҳои сершумор барои роҳандозии таҳқиқотҳои муштараки илмӣ ворид гардиданд. Дар ин раванд саҳми шогирдони Пӯлод Бобоҷонов низ назаррас буда, онҳо идомадиҳандагони мактаби илмии устод ба ҳисоб мерафтанд.

Яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб мекунад, афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалии илмӣ ба лоиҳаи «Помир - Чақалтой» дар солҳои охир мебошад. Ба назар мерасад, ки ин раванд на танҳо бо шароити нодири табиии минтақа, балки бо фаъолияти пурсамари мактаби илмии таъсисдодаи Пӯлод Бобоҷонов низ алоқаманд аст. Муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқотӣ нишон медиҳад, ки ҳатто марказҳои воқеъ дар минтақаҳои баландкӯҳи ҷаҳон, аз ҷумла озмоишгоҳҳои воқеъ дар кӯҳҳои баландтарини баъзе кишварҳо, натавонистаанд аз ҷиҳати шароити астроклиматӣ ва сифати

мушоҳидаҳои кайҳонӣ бо минтақаи Помири Тоҷикистон рақобат намоянд.

Фаъолияти илмӣ ва ташкилии Пӯлод Бобоҷонов дар рушди Маркази байналмилалии илмӣ-таҳқиқотии «Помир - Чақалтой» ва эҳёи таҳқиқотҳои астрофизикӣ дар Тоҷикистон аҳаммияти бузурги илмӣ ва таърихӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илмҳои кайҳоншиносӣ дар кишвар заминаи устувор фароҳам овардааст [16, с. 18].

«Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илму маърифат ва олимонро, ки зиёиёни кишвар маҳсуб меёбанд, дар вохури бо зиёиёни мамлакат, ки санаи 20.03.2009 дар шаҳри Душанбе доир гардид, иброз медоранд, ки дар ҷаҳони имруза маҳсули ақли инсон ва дастовардҳои он чун маводи пуразишу гаронбаҳо хариду фурӯш мегардад. Маҳсули ақли инсон дар ҳазорсолаи сеюм ба сармояи пуразиш табдил хоҳад ёфт, ҳатто нисбат ба сарватҳои табиӣ даромади бештар меорад». Ҳамзамон, иброз медоранд, ки «Ҳукумати Тоҷикистон дар самти таъмини имконият барои фаъолияти эҷодии зиёиён ва рушди муассисаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ, аз ҷумла Академияи илмҳо, иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ, донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад» [166].

Дар ҷаҳонбинии илмии академик Пӯлод Бобоҷонов илм ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ илмро «муҳаррики коинот» номида, бар он назар аст, ки инсон маҳз тавассути илм ва ақли солим метавонад асрори оламро дарк намояд. Барои тақвияти андешаи худ олим аз гуфтаҳои Саъдӣ истифода мебарад, ки арзиши дониш ва маърифатро дар зиндагии инсон таъкид менамояд.

Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар
(Саъдӣ) [156, с. 171].

Ҳамин тариқ, Пӯлод Бобоҷонов дар фаъолияти илмӣ, роҳбарӣ ва педагогиаш дар рушди илми кайҳоншиносӣ, хосатан астрофизикаи

тоҷик, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ нақши бориз гузоштааст. Осори илмӣ, мактаби илмӣ ва фаъолияти педагогии ӯ имрӯз низ аҳаммияти худро нигоҳ дошта, барои насли ҷавони муҳаққиқон ҳамчун намунаи ибрат хизмат менамоянд.

2.2. Фаъолияти роҳбарикунандаи академик П. Б. Бобоҷонов дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди таҳсилоти олӣ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар фаъолияти зиёда аз ҳафтод солаи худ дар қаламрави мамлакат ба яке аз марказҳои ташаккули илму маорифи шинохта шуда, ҷиҳати омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва ташаккули неруи илмии ҷомеа хизмат намуда истодааст. Аз соли 1948 то имрӯз ин муассисаи бонуфузро ректорони соҳибтаҷриба ва шахсиятҳои шинохтаи илмиву давлатӣ роҳбарӣ намудаанд, ки миёни онҳо нақши академик Пӯлод Бобоҷонов бобати ташаккул ва дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани муассиса хуб арзёбӣ мегардад. Зеро дар тули беш аз даҳ солаи фаъолияти роҳбариаш, тавонист ҳам иқтидорӣ донишҷӯён ва ҳам иқтидори илмии Донишгоҳро баланд барорад.

«Пӯлод Бобоҷонов соли 1971 баъди се роҳбари пешин чорумин ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) таъйин гардида, то соли 1982 ин боргоҳи илму маърифатро сарварӣ намудааст. Давраи роҳбарии ӯ ба солҳои рушди босуръати илмҳои дақиқ, бахусус астрономия ва астрофизика дар Тоҷикистон рост омада, барои ташаккули иқтидори илмӣ ва моддӣ-техникии донишгоҳ аҳаммияти бузург дошт. Академик П. Бобоҷонов ҳамчун донишманди варзида ва ташкилотчии соҳибтаҷриба тавонист фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии донишгоҳро ба сатҳи нав бардорад» [138, с. 28].

Солҳои роҳбарии ӯ дар донишгоҳ ихтисосҳои нав таъсис дода шуда, кафедраҳои тахассусӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Ин тадбир ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ва иқтисодиёти замон ҷавобгӯ буда, барои

омода намудани мутахассисони соҳибкасб заминаи мусоид фароҳам овард. Аз ҷумла, таъсиси факултетҳои банақшагирӣ - иқтисодӣ, молиявию иқтисодӣ ва шуъбаи робитаҳои хориҷӣ аз муҳимтарин иқдомҳои он давра ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамзамон, кафедраҳои гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, иқтисодиёти меҳнат, кибернетикаи иқтисодӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, таърихи халқи тоҷик, биохимия, адабиёти классикии рус ва адабиёти ҷаҳон таъсис дода шуданд.

Фаъолияти академик П. Б. Бобоҷонов танҳо ба масъалаҳои таълимӣ маҳдуд намешуд. Ӯ ҳамчун олим ва роҳбари дурандеш ба рушди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ диққати махсус медод [1]. Дар давраи роҳбарии ӯ техникаҳои муосири ҳисоббарорӣ ба ҷараёни таълим ва пажуҳиши илмӣ ворид карда шуданд. Ин иқдом барои рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ, бахусус физика, математика ва астрофизика, аҳаммияти калон дошт. Бо ибтикорот ва роҳбарии бевоситаи ӯ соли 1973 дар сохтори факултети физика кафедраи астрофизика таъсис ёфта, дар он донишҷӯёри самти атрономия омода карда мешуданд. Кафедраи мазкур баъди таҳкиму тақвият ёфтани заминаҳои кадрӣ, ба яке аз марказҳои калидии тайёр кардани кадрҳои бахши астрофизика табдил ёфт, ки доир ба ҳамин самт дар ҷумҳурӣ яке аз пешсафон маҳсуб меёфт. Худи академик Пӯлод Бобоҷонов мудири кафедраи мазкур ва ҳамзамон раиси Шурои махсусгардонидашуда оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар соҳаи физика буд. Ин тадбир барои ташаккули мактаби илмии астрофизикаи тоҷик заминаи устувор гузошт.

«Дар давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ба рушди инфрасохтори донишгоҳ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешуд. Сохтмони маҷмааи «Шаҳраки донишҷӯён» оғоз гардида, соли 1982 чор бинои нави таълимӣ ба истифода дода шуданд. Бунёди чунин иншоот имконият фароҳам овард, ки шароити таҳсил ва фаъолияти омӯзгорон беҳтар гардад. Инчунин, курсҳои такмили ихтисос барои кормандони муҳандисию

техникӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда ташкил шуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон мусоидат менамуданд» [138, с. 29].

Академик Пӯлод Бобоҷонов ба густариши равобити байналмилалии донишгоҳ низ аҳаммияти калон медод. Солҳои роҳбариаш ҳамкории донишгоҳ бо муассисаҳои пешрафтаи илмӣ ва таълимии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ густариш ёфт. Аз ҷумла, ҳамкориҳо бо Донишгоҳи давлатии Москва, Институти давлатии астрофизикаи ба номи П. К. Штернберг, Институти шарқшиносии АИ СССР, Институти физикаю техникаи ба номи А. Ф. Иоффе, Донишгоҳи давлатии Кобул ва Донишгоҳи Силезия ба роҳ монда шуданд. Ин робитаҳо барои мубодилаи таҷриба, ҷалби олимони маъруф ва баланд бардоштани сатҳи илмии омӯзгорон ва донишҷӯён мусоидат карданд.

«Яке аз дастовардҳои муҳими давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов пазируфта шудани донишгоҳ ба узвияти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои ҷаҳон мебошад. Бо талошҳои пайгиронаи Пӯлод Бобоҷонов соли 1974 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ба узвияти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои ҷаҳон пазируфта шуд. Ин рӯйдод барои илми тоҷик аҳаммияти махсус дошта, донишгоҳро ҳамчун муассисаи бонуфузи илмӣ-таълимӣ дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Қабули донишгоҳ ба ин созмон на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои муассисаҳои таҳсилоти олии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ падидаи нодир ба ҳисоб мерафт. Ба ифтихори ин воқеаи муҳим соли 1975 дастаи ҳунарии «Наврӯз» - и донишгоҳ дар конференсияи байналмилалии созмон, барномаи фарҳангӣ пешниҳод намуд, ки он ба намояндагони 96 кишварҳои ҷаҳон муаррифии фарҳанги тоҷикро фароҳам овард. Ин иқдом нишондиҳандаи он буд, ки роҳбарияти донишгоҳ на танҳо ба рушди илм, балки ба муаррифии фарҳанги миллӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуд» [153, с. 216 - 231].

Дар баробари рушди илмҳои дақиқ, академик П. Бобоҷонов ба масъалаҳои худшиносӣ ва таърихи миллӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ медод. Бо ташаббуси ӯ соли 1974 кафедраи таърихи халқи тоҷик таъсис дода шуд. Ин кафедра баъдан ба яке аз марказҳои муҳими илмии ҷумҳурӣ дар соҳаи таърихшиносӣ мубаддал гардид. Инчунин, бобати тақвият бахшидан ба рушди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ худи ҳамон сол дар донишгоҳ шуъбаи илмӣ - таҳқиқотӣ созмон ёфт, ки мақсади он барои тақвият додани корҳои илмӣ ва омода кардани кадрҳои дорои дараҷаи илмидошта буд [143].

Фаъолияти байналмилалии академик Пӯлод Бобоҷонов низ хеле густурда буд. Ӯ дар зиёда аз бист конгрессу симпозиумҳои байналмилалӣ, ки дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Австралия, Британия, Италия, Фаронса, Шветсия, Чехия, Олмон, ИМА, Канада, Ҳиндустон ва Ҷопон баргузор гардида буданд, иштирок намуда, дастовардҳои илмии донишгоҳ ва Тоҷикистонро муаррифӣ кардааст. Иштироки фаъоли ӯ дар чунин ҳамоишҳо ба баланд гардидани нуфузи илми тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намуд.

«Ба андешаи академик Улмас Мирсаидов, давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов яке аз марҳилаҳои пурсамар ва созанда дар таърихи донишгоҳ ба шумор меравад. Ӯ таъкид менамояд, ки маҳз дар ҳамин давра пояҳои илмии астрофизика дар Тоҷикистон мустаҳкам гардида, барои омода намудани мутахассисони варзида шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Ҳамчунин, профессор Фозил Тоҳиров иброз менамояд, ки Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун роҳбари сахтгир, вале адолатпарвар ба пешрафти корҳои илмӣ ва баланд бардоштани сифати таълим аҳаммияти аввалиндараҷа медод. Ӯ омӯзгорон ва олимони ҷавонро барои анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ ва фаъолияти илмии ҷиддӣ ҳавасманд менамуд» [153, с. 29]..

Таъйин гардидани академик Пӯлод Бобоҷонов ба вазифаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои рушди илму маорифи кишвар

аҳаммияти таърихӣ дорад. Ӯ ҳамчун як шахсияти арзишманди ҷомеа, олими боамал ва роҳбари оқилу доно тамоми нерӯи ҷисмонию ақлонии хешро барои тақвият додани заминаҳо моддию техникӣ, таъсиси шуъбаю марказҳои илмию таълимӣ, пурзӯр намудани робитаҳои байналмилалӣ ва дар руҳияи ватандӯстию илмдӯстӣ ба камол расонидани мутахассисони соҳибтахассус равона кардааст.

Бо ташаббуси бевоситаи академик Пӯлод Бобоҷонов соли 1973 дар факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тахассуси астрофизика таъсис дода шуд, ки ин иқдом дар рушди илмҳои дақиқ ва махсусан астрофизика дар Тоҷикистон аҳаммияти таърихӣ дошт. Таъсиси ихтисоси нав на танҳо барои омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи астрофизика замина гузошт, балки барои ташаккули мактаби миллии таҳқиқоти кайҳонӣ ва омӯзиши ҷирмҳои осмонӣ низ мусоидат намуд. Дар кафедраи астрофизика, ки бевосита бо ташаббуси Пӯлод Бобоҷонов таъсис ёфта буд, дар баробари бурдани корҳои роҳбарӣ ҳамчун ректори донишгоҳ, ҳамзамон мудирии кафедраи астрофизикаро ба уҳда гирифта, вазифаи раиси Шӯрои махсусгардонидашудаи илмиро оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар соҳаи физика дар назди донишгоҳ иҷро менамуд. Ин васила бобати омода намудани кадрҳои илмӣ ва ба ҷараёни таҳқиқотҳои бунёдӣ тақвият бахшидан аҳаммияти махсус дошт [16, с. 32 - 33].

Пӯлод Бобоҷонов дар раванди фаъолияти роҳбариаш дар донишгоҳ ба сифати омодасозии кадрҳо диққати аввалиндараҷа дода, таҳкими иқтидорҳои илмии муассисаро яке аз масъулиятҳои аввалиндараҷаи хеш мешуморид [138, с. 235]. Ӯ ҳамчун кашшофи асрори кайҳон ва педагоги соҳибмактаб дар тули ёздаҳ соли роҳбарии худ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии илмии омӯзгорону донишҷӯён кӯшишҳои пайваста анҷом дод. Бо ибтикори ӯ робитаҳои илмии донишгоҳ бо муассисаҳои маъруфи илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ густариш ёфтанд. Ин робитаҳо барои мубодилаи

таҷрибаи илмӣ, тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисос ва иштироки олимони тоҷик дар таҳқиқоти байналмилалӣ мусоидат карданд.

Дар замони роҳбарии академик П. Бобоҷонов масъалаи таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ низ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифт. Бо ташаббуси ӯ дар донишгоҳ шуъба ва баъдан факултети махсус барои донишҷӯён ва коромӯзони хориҷӣ таъсис дода шуд. Ин иқдом барои густариши нуфузи байналмилалии донишгоҳ ва ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба таҳсил дар Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дошт. Дар натиҷа донишгоҳ ба яке аз марказҳои маъруфи илмӣ - таълимии минтақа табдил ёфт.

Бо дарназардошти зиёд шудани сарбориҳои илмӣ ва васеъ шудани доираи таҳқиқотҳои илмӣ соли 1973 дар муассиса шуъбаи илмӣ таъсис ёфт, ки мибаъд раванди корҳои илмиро бо дигар марказҳои илмӣ ҳамоҳанг месохт. Вазифаи ин шуъба ҳамоҳанг намудани корҳои илмии донишҷӯён ва омӯзгорон, нақшабандӣ кардани таҳияи лоиҳаҳои илмӣ ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии муҳаққиқон, хизмат менамуд. Дар ҳамин давра донишгоҳ тадриҷан ба маркази муҳими илмӣ - таълимии ҷумҳурӣ мубаддал гардид.

Дар баробари фаъолияти густурдаи ташкилотчигӣ ва илмӣ, академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун намояндаи илми тоҷик дар симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ иштироки фаъол намуда, тавассути маърӯзаҳои илмии худ дастовардҳои астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекард. Иштироки пайвастаи ӯ дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ барои баланд гардидани обрӯ ва нуфузи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва муаррифии иқтидори илмии ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузошт. Пӯлод Бобоҷонов дар баромадҳои худ бештар масъалаҳои марбут ба омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, табиати метеорҳо ва таҳқиқоти астрофизикиро мавриди таҳлил қарор дода, таваҷҷуҳи ҷомеаи илмии ҷаҳонро ба дастовардҳои олимони тоҷик ҷалб менамуд.

Профессор Субҳон Мухторов, ки солҳои 1976 - 1980 вазифаи декани факултети риёзиёти донишгоҳро ба уҳда дошт, дар хотироти худ аз хусусиятҳои ахлоқӣ ва иродавии Пӯлод Бобоҷонов ёдовар мешавад. Ба гуфтаи ӯ, академик П. Бобоҷонов на танҳо ҳамчун роҳбари муассиса, балки ҳамчун шахсияти дорои фарҳанги баланди идорӣ ва масъулияти иҷтимоӣ дар донишгоҳ шинохта мешуд. Бобати коҳиш додани хислатҳои сигоркашӣ дар коллективи омӯзгорону кормандони донишгоҳ, дар яке аз маҷлисҳои донишгоҳӣ масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати дар ҷойҳои ҷамъиятӣ истифода набурдани тамоку қарорҳои махсус қабул гардид. Худи Пӯлод Бобоҷонов, ки то андозае ба сигоркашӣ майл дошт, аввалин шуда аз ин одат даст кашид ва барои дигарон намунаи ибрат гардид. Ин иқдом нишон медиҳад, ки ӯ дорои иродаи қавӣ ва масъулияти шахсӣ буда, пеш аз ҳама аз худ оғоз намудани ислоҳотро муҳим медонист.

«Субҳон Мухторов таъкид менамояд, ки маҳз иродаи устувор, меҳнати пайваста ва эътиқоди илмии Пӯлод Бобоҷонов сабаб гардид, ки ӯ дар роҳи илм ба комёбиҳои назаррас ноил шавад. Ба андешаи ӯ, сазовор гардидани академик Пӯлод Бобоҷонов ба ҷоизаҳои бонуфузи илмии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2010 натиҷаи заҳмати чандинсолаи ӯ дар рушди илм, маърифат ва афлокшиносӣ мебошад. Ин гуна эътирофҳо аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ҷойгоҳи махсуси олимро дар рушди астрономия ва астрофизикаи минтақа нишон медиҳанд» [3, с. 166].

«Доктори илмҳои таърих, профессор Мансур Бобохонов дар китоби «Шиҳоби рахшон», ки ба муносибати 80 - солагии Пӯлод Бобоҷонов таълиф гардидааст, фаъолияти роҳбарии ӯро инъикос намуда, қайд мекунад, ки масъалаи ба вазифаи ректори донишгоҳ таъйин гардидани Пӯлод Бобоҷонов ҳанӯз пеш аз соли 1971 дар доираҳои илмӣ ва маорифи ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор дошт. Ӯ менависад, ки Пӯлод Бобоҷонов он замон аллакай ҳамчун олими маъруфи соҳаи астрофизика ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он шуҳрати баланд дошт. Аз соли

1959 сарварии Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистонро ба уҳда гирифта, то соли 1971 дар рушди таҳқиқоти астрофизикӣ нақши назаррас гузошта буд» [153, с. 217 - 230].

Мансур Бобохонов хотирнишон месозад, ки устодони равияҳои табиӣ ва дақиқ ҷонибдори таъйин гардидани Пӯлод Бобоҷонов ба вазифаи ректори донишгоҳ буданд. Ба андешаи онҳо, маҳз шахсияти илмӣ ва ташкилотчигии ӯ метавонист донишгоҳро ба сатҳи нави рушд расонад. Моҳи июли соли 1971 Пӯлод Бобоҷонов ба ҳайати роҳбарии донишгоҳ муаррифӣ гардид ва аз ҳамон рӯз ба ислоҳоту навовариҳои илмӣ ва таълимӣ оғоз намуд.

Аз хотироти худ Мансур Бобохонов як рӯйдоди ҷолибро низ баён мекунад, ки муносибати инсондӯстона ва дурандешонаи Пӯлод Бобоҷоновро инъикос менамояд. Вақте масъалаи ба фаъолияти илмӣ гузаштани Мансур Бобохонов дар Вазорати маориф баррасӣ мегардид, Пӯлод Бобоҷонов хоҳиш намудааст, ки масъала муваққатан ба таъхир гузошта шавад. Сабаби ин иқдом дар он буд, ки ӯ мехост аз таҷриба ва қобилияти роҳбарии Бобохонов дар донишгоҳ истифода намояд. Баъдан, бобати фароҳам сохтани шароити созгор барои дифои рисолаҳои докторӣ вай дастгирӣ ва мусоидат намуд. Ин дастгириҳо боис ба он гардид, ки соли 1974 Мансур Бобохонов рисолаи докториашро бомуваффақият дифоъ намуда, ба донишгоҳ баргашта, кору фаъолияташро идома бахшид. Ин ҳолат аз таваҷҷуҳи Пӯлод Бобоҷонов ба рушди кадрҳои илмӣ ва дастгирии олимони ҷавон шаҳодат медиҳад.

Таҳлили фаъолияти роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов нишон медиҳад, ки ӯ ҳамчун роҳбари донишгоҳ ба ҳар як корманд ва омӯзгор, новобаста аз вазифа, унвон ва маҳалли зист, муносибати эҳтиромона ва инсонпарварона дошт. Ӯ барои ташаккули муҳити солими илмӣ, таҳкими робитаҳои байниҳамдигарии омӯзгорон ва рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ кӯшиш менамуд. Маҳз чунин муносибати хирадмандона ва сиёсати кадрии дуруст боис гардид, ки дар давраи роҳбарии ӯ

донишгоҳ ба яке аз марказҳои пешрафтаи илмӣ ва таълимии ҷумҳурӣ табдил ёбад.

Дар фаъолияти роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов масъалаи муносибат ба кадрҳо ва арзёбии фаъолияти омӯзгорону кормандон мавқеи асосӣ дошт. Ӯ ба олимон ва омӯзгорони донишгоҳ на аз рӯйи суханрониҳо ва ё баромадҳои зоҳирӣ, балки аз рӯйи натиҷаи фаъолияти илмӣ, сатҳи масъулиятшиносӣ ва саҳми амалии онҳо дар пешрафти таълиму тарбия баҳо медод. Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун роҳбари серталаб пеш аз ҳама нисбат ба худ интизоми баландро риоя намуда, ҳамин гуна муносибатро аз зердастонаш низ талаб мекард. Ӯ пайваста кӯшиш менамуд, ки дар кафедраҳо, озмоишгоҳҳо ва сохторҳои таълимии донишгоҳ интизоми меҳнатӣ, масъулиятшиносӣ ва маданияти касбӣ пурра таъмин гардад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими фаъолияти идории ӯ муборизаи оштинопазир бар зидди сохтакорӣ, бемасъулиятӣ ва гурӯҳбозӣ ба ҳисоб мерафт. Гарчанде Пӯлод Бобоҷонов намояндаи илмҳои дақиқ буд, ба рушди илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. «Ӯ ба аҳаммияти илмҳои таърих, ҳуқуқ, филология ва ҷомеашиносӣ дар ташаккули тафаккури миллӣ ва рушди фарҳангии ҷомеа баҳои баланд медод. Вай бо забони русӣ озодона муошират намуда, бо забони англисӣ низ муоширати илмӣ анҷом дода метавонист, ки ин омил барои рушди робитаҳои байналмилалии донишгоҳ ва муаррифии илми тоҷик дар арсаи ҷаҳон аҳаммияти муҳими стратегӣ дошт» [3, с. 176].

Пӯлод Бобоҷонов дар фаъолияти роҳбарии худ фарҳанги баланди муошират ва ахлоқи идориро риоя мекард.

Шахсоне, ки бо ӯ ҳамкорӣ доштанд, таъкид менамоянд, ки ӯ ҳатто дар ҳолатҳои баҳснок низ нисбат ба касе дағалона муносибат намекард ва шаъну эътибори кормандонро эҳтиром менамуд.

Ҳангоми баргузории ҷаласаҳои ҳизбӣ, шуроҳои олимон ва ё мулоқотҳои инфиродӣ ҳамеша бо оромӣ ва бо далел сухан мегуфт.

Мавсуф дар баррасӣ ва муҳокимаронихои масъалаҳои калидии донишгоҳ, ки дар ҷаласаҳо шуда мегузашт, баромад намуда, кӯшиш ба харҷ медод, ки дар муносибати кормандони донишгоҳ фазои солими корӣ бо муносибати баланди ахлоқӣ муҳайё карда шавад.

Дар баробари ин, академик Пӯлод Бобоҷонов нисбат ба вайронкунандагони интизоми меҳнат, шахсони бемасъулият ва онҳое, ки аз ичрои вазифаҳои хизматӣ саркашӣ менамуданд, мавқеи қатъӣ дошт. Ӯ намегузошт, ки дар донишгоҳ гурӯҳбозӣ, дасисабозӣ ва муносибатҳои ғайрикасбӣ реша давонанд. Табиист, ки чунин сиёсати қатъӣ ба баъзе кормандони танбал ва манфиатҷӯ маъқул набуд. Аз ин сабаб, дар миёнаҳои солҳои 1980 нисбат ба роҳбарияти донишгоҳ, бахусус нисбати Пӯлод Бобоҷонов, шикоятҳои гуногун ба мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ ирсол мешуданд. Бо вуҷуди ин, обрӯ ва нуфузи ӯ дар ҷомеа ва миёни аҳли илм рӯз то рӯз боло мерафт. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи илмӣ ва аҳли зиё фаъолияти ӯро ҳамчун фаъолияти созанда ва адолатпарварона арзёбӣ менамуданд.

Виктор Иванович Приписнов муовини раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991 - 1993 аз давраи шиносоиаш бо Пӯлод Бобоҷонов ёдовар шуда, иброз медорад, ки солҳои 1971 - 1982 ӯ масъулияти ректори донишгоҳро бар уҳда дошт. Ба гуфтаи ӯ, ҳангоми интихоби котиби комиссияи қабул Пӯлод Бобоҷонов аз миёни номзадҳои пешниҳодшуда профессор Мансур Бобохоновро интихоб намуд, гарчанде ӯ қаблан чунин вазифаро иҷро накарда буд. Вақте Мансур Бобохонов бо сабабҳои шахсӣ аз ин пешниҳод даст кашид, Пӯлод Бобоҷонов ин тасмимро бо эҳтиром қабул намуда, бо ӯ суҳбати алоҳида анҷом дод ва барои фаъолияти самаранокаш дар факултети таърих изҳори сипос кард. Ин муносибат аз фарҳанги баланди идорӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми ӯ ба ҳамкорон шаҳодат медиҳад.

Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун роҳбари донишгоҳ талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ хуб дарк мекард. Аз ҳамин ҷиҳат ӯ ба таҳкими пояҳои моддӣ-техникии донишгоҳ аҳаммияти махсус медод. Дар замони роҳбарии ӯ, мувофиқи қарори Шурои Вазирони Тоҷикистон, соли 1973 сохтмони шаҳраки нави донишгоҳ дар масоҳати 140 гектар оғоз гардид. Ин шаҳрак барои ҳашт ҳазор донишҷӯи шуъбаи рӯзона пешбинӣ шуда буд ва яке аз бузургтарин иншооти таълимии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

«Бо ташаббуси Пӯлод Бобоҷонов соли 1982 биноҳои нави таълимии №11 ва №12 ба истифода дода шуданд. Ба ин биноҳо факултетҳои филология, журналистика, филологияи шарқ, таърих ва ҳуқуқ кӯчонида шуданд. Ӯ ба муҳити таълимӣ на танҳо ҳамчун фазои омӯзиш, балки ҳамчун муҳити тарбиявӣ низ назар мекард. Дар яке аз ҷаласаҳои раёсат масъалаи истифодаи гузаргоҳҳои байни биноҳо («галереяҳо») мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бо пешниҳоди профессор Мансур Бобохонов қарор қабул гардид, ки деворҳои ин гузаргоҳҳо бо мусаввараҳои таърихи халқи тоҷик аз даврaҳои қадим то замони муосир оро дода шаванд. Ин иқдом барои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва зебоипарастии донишҷӯён аҳаммияти калон дошт» [4, с. 117].

Дар давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов мутобиқ ба талаботи замон ва ниёзҳои ҷомеа як қатор кафедраҳо ва факултетҳои нав таъсис дода шуданд.

Аз ҷумла, кафедраҳои геологияи муҳандисӣ ва гидрогеология (1972), адабиёти классикии рус ва назарияи он (1972), иқтисодиёти меҳнат (1973), кибернетикаи иқтисодӣ (1973), биохимия (1974), таърихи халқи тоҷик, математикаи амалӣ (1978), инчунин факултетҳои иқтисод (1976) ва банақшагирии молиявӣ (1980) аз ҷумлаи чунин сохторҳои нави таълимӣ буданд. Созмон додани чунин кафедра ва факултаҳо ҷиҳати омода кардани мутахассисони баландтахассус ва таҳкиму рушди соҳаҳои муҳими ҷанбаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат мусоидат намуд.

Мавсуф таҷдиди сохтор ва таъсиси факултаву кафедраҳои навро яке аз вазифаҳои муқаддас ва самтҳои муҳиму авзалиятноки сиёсати илмӣ ва таълимии донишгоҳ арзёбӣ менамуд. Ташкили сохторҳои нави таълимӣ дар шароити ҳамон давра кори осон набуд, зеро аксар вақт он аз ҳисоби тақсим намудани воҳидҳои амалкунанда сурат мегирифт. Чунин тағйирот дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби мудирони кафедраҳо ва роҳбарони факултетҳо ҳамчун маҳдуд гардидани салоҳият ва нуфузи онҳо қабул мешуд. Аз ин рӯ, дар раванди таъсиси кафедраҳои нав баъзан мухолифат ва баҳсҳо ба миён меомаданд.

Яке аз мисолҳои равшани чунин раванд таъсиси кафедраи таърихи халқи тоҷик мебошад. «Баъди қарори Ҳукумати Шуравӣ оид ба ҷорӣ намудани таълими таърихи халқҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ масъалаи омӯзиши таърихи халқи тоҷик аҳаммияти бештар пайдо намуд. Дар ҳамаи факултет ва шуъбаҳои донишгоҳ таълими таърихи халқи тоҷик ҷорӣ гардид. Аммо вазъи таълим ва таҳқиқоти илмӣ дар ин самт талаб мекард, ки кафедраи мустақили таърихи халқи тоҷик таъсис дода шавад» [91, с. 78 - 81]. Ин масъала чандин маротиба дар Шурои олимони донишгоҳ мавриди муҳокима қарор гирифт. Бо вуҷуди ин, мудири ҳамонвақтаии кафедраи таърихи СССР таъсиси кафедраи навро ҷонибдорӣ намекард ва бо роҳҳои гуногун кӯшиш менамуд, ки пеши роҳи онро бигирад.

Дар чунин шароит нақши ректори донишгоҳ Пӯлод Бобоҷонов ҳалкунанда гардид. Ӯ бо истифода аз нуфуз ва мавқеи худ дар сохторҳои маорифи ҷумҳурӣ барои таъсиси кафедраи таърихи халқи тоҷик мусоидат намуд. Дар натиҷа соли 1974 кафедраи мазкур таъсис ёфт, ки минбаъд ба яке аз марказҳои бузурги илмии таърихшиносӣ дар ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Нақши донишгоҳ дар татбиқи сиёсати давлатӣ ва ҳизбӣ дар соҳаи маориф ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов назаррас буд. Донишгоҳ дар амалисозии қарорҳои

муҳими Ҳукумати Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла қарорҳои «Дар бораи чораҳои минбаъд такмил додани маълумоти олӣ дар мамлакат» (1972) ва «Дар бораи инкишофи минбаъдаи мактаби олӣ ва беҳтар намудани сифати тайёр кардани мутахассисон» (1974) нақши бориз гузошт. Ин санадҳо ба рушди таҳсилоти олӣ, таҳкими заминаҳои моддӣ - техникӣ ва баланд бардоштани сифати таълим нигаронида шуда буданд.

Солҳои 70 - уми асри XX мутобиқ ба талаботи замон ва рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар сохтори факултетҳои донишгоҳ кафедраҳои нав таъсис дода шуданд.

Аз ҷумла, дар факултети геология кафедраи геологияи муҳандисӣ ва гидрогеология зери роҳбарии А. М. Мамонтов, дар факултети биология кафедраи биохимия зери роҳбарии М. Ёқубова, дар факултети таърих кафедраи таърихи халқи тоҷик зери роҳбарии Мансур Бобохонов, дар факултети забон ва адабиёти рус кафедраҳои адабиёти классикии рус ва назарияи адабиёт, адабиёти Шуравӣ ва умумӣ таъсис дода шуданд.

Ҳамзамон, дар факултети иқтисодӣ кафедраҳои иқтисодиёти меҳнат, кибернетикаи иқтисодӣ, географияи иқтисодӣ ва иқтисоди сиёсӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Дар факултети механика ва математика кафедраҳои математикаи амалӣ, механика ва усулҳои ҳисоббарорӣ таъсис ёфтанд. Дар факултети физика бошад, кафедраи астрофизика зери роҳбарии худи Пӯлод Бобоҷонов ва кафедраи усули таълими физика ташкил гардиданд. Ин тағйирот барои мутобиқ намудани раванди таълим ба талаботи замони нав ва омода намудани мутахассисони баландихтисос мусоидат намуданд.

«Дар баробари рушди сохторҳои таълимӣ, тағйироти муҳими ташкилӣ низ ба амал омаданд. Дар асоси қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист ва Шурои Вазирон соли 1972 бо ташаббуси Пӯлод Бобоҷонов Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ таъсис дода шуд. Ин шуро дар ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани

сифати таҳсил нақши муҳим бозид. Зери роҳбарии ӯ масъалаҳои муҳими методӣ ва илмӣ мунтазам баррасӣ гардида, барои рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ мешуданд» [138, с. 29].

Тағйироти сохторӣ ва густариши фаъолияти илмӣ - таълимӣ ба ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён низ таъсири мусбат расонид. Агар дар соли таҳсили 1971 - 1972 шумораи устодони донишгоҳ 749 нафарро ташкил медод, пас то соли таҳсили 1981 - 1982 ин нишондиҳанда ба 842 нафар расид. Ҳамзамон теъдоди омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ афзоиш ёфт. Афзоиши шумораи кадрҳои илмӣ аз рушди тадқиқотҳои бунёдӣ ва баланд гардидани сатҳи касбияти ҳайати омӯзгорон шаҳодат медод.

Дар ҳамин давра шумораи донишҷӯёни шуъбаи рӯзона низ афзоиш ёфт. Агар дар оғози солҳои 70 - ум дар донишгоҳ 5551 нафар донишҷӯ таҳсил мекарданд, то оғози солҳои 80 - ум ин шумора ба 6280 нафар расид. Ин нишондиҳандаҳо далели он мебошанд, ки дар замони роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов донишгоҳ ба маркази омода намудани мутахассисони баландихтисос ва рушди илму маорифи ҷумҳурӣ мубаддал гардида буд.

Пӯлод Бобоҷонов дар масири таҷдиду таҳкими бахшу дигар сохторҳои муассиса, таъсиси кафедра ва факултетҳои нав, мукаммал намудани пояҳои моддӣ - техникӣ, афзоиш додани кадрҳои илмӣ ва боло бурдани сатҳи азхудкунӣ ва сифати таҳсилот бобати тақвияти соҳаи маориф дар ҳудуди Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд.

Ҷадвали 1. - Шумораи донишҷӯён ва хатмкунандагони ДДТ вобаста ба солҳо бо чунин тарз нишон дода шудааст

Соли таҳсил	Ҳамагӣ	Шуъбаи рӯзона	Шуъбаи шабона	Шуъбаи ғоибона	Хатм
1970 - 1971	12467	5551	2348	4568	1800
1971 - 1972	11556	5456	2248	3852	1911
1972 - 1973	11441	5700	2000	3741	2000
1973 - 1974	11396	5712	1900	3784	1980
1974 - 1975	11829	5933	1998	3898	1920

1975 - 1976	11937	6215	1980	3742	1973
1976 - 1977	12202	6383	2046	3773	1843
1977 - 1978	12282	6509	2060	3713	1705
1978 - 1979	12118	6484	2158	3476	1910
1979 - 1980	11726	6282	2183	3261	2345
1980 - 1981	11977	6284	2254	3439	2003

Ғайр аз солҳои таҳсили 1982 - 1983, ки теъдоди донишҷӯён ба 12013 нафар расид, солҳои минбаъда низ шумораи донишҷӯён дар ҳоли афзоиш қарор дошт.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ - педагогӣ нақши калон бозидааст. Солҳои аввали мавҷудияти донишгоҳ (соли 1950) ба Шуъбаи аспирантура 5 нафар шомил буданд. Солҳои минбаъда миқдори аспирантҳо чӣ аз ҷиҳати миқдор ва чӣ аз нигоҳи ихтисос хеле афзуд, ки ин аз корбарии академик П. Б. Бобоҷонов дар самти илм дарак медод.

«Дар омода намудани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмидоштаи ДДТ (ҳоло ДМТ) саҳми академикон З. Раҷабов, С. Раҷабов, М. Эркаев, А. Баҳоваддинов, Д. Адҳамов, профессорон Ш. Ҳусейнзода, Б. Нарзуллоев, Д. Тоҷиев, А. Каримов, М. Шукуров, М. Назаршоев, М. Субҳонқулов, В. Г. Мелкумов, В. П. Демидчик, В. Асрорӣ, Х. Яъқубов, В. А. Ойгензихт ва бисёри дигаронро ба забон овардан мумкин аст, ки бузург аст» [138, с.30].

Ҷадвали 2. Теъдоди шӯроҳои диссертатсионӣ ва ҳимояи рисолаҳо вобаста ба солҳо

Самтҳои шӯроҳои диссертатсионӣ	Соли таъсис	1948–1959	1960–1965	1966–1970	1971–1975	1976–1980	1981–1985	1986–1990	1991–1997	Ҳамагӣ
Таърих	1954	116	119	554	48	113	114	229	333	226
Филология	1951	113	221	445	331	116	110	119	441	196
Фалсафа	1955	7	7	117	223	4	114	–	–	72
Педагогика	1964	–	3	15	28	–	–	–	–	46

Физикаю математика	1950	–	220	336	220	2	226	223	772	199
Биология	1952	7	6	226	12	–	–	–	9	60
Химия	1965	–	1	8	222	–	–	–	–	31
Геология ва минералогия	1960	–	115	448	338	–	–	22	25	148
Ҳуқуқ	1960	–	111	6	19	–	–	–	5	41
Ҳамагӣ	–	43	103	255	241	35	64	93	185	1019

Хидмати академик Пӯлод Бобоҷонов дар рушди низоми илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) арзишманд буда, дар фароҳам сохтани фазои илмӣ, афзоиш додани теъдоди донишҷӯён, таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ хело назаррас буд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ӯ ҳамчун ректори донишгоҳ ташкили шуроҳои махсусгардонидашудаи ҳимояи рисолаҳои илмӣ ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар солҳои роҳбарии ӯ бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Иттиҳоди Шуравӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон як қатор шуроҳои диссертатсионӣ таъсис дода шуданд, ки барои омодасозии кадрҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Дар натиҷа, танҳо солҳои 1971 - 1980 дар шуроҳои ҳимояи диссертатсионии донишгоҳ зиёда аз 280 рисолаи номзадӣ ва докторӣ дифоъ гардиданд. Ин нишондиҳанда аз болоравии иқтидори илмии донишгоҳ ва ташаккули мактаби миллии илмӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, омӯзгорон ва муҳаққиқони донишгоҳ дар марказҳои илмии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Киев ва дигар муассисаҳои бонуфузи Иттиҳоди Шуравӣ рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуда, ба рушди илм дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштанд. Ин раванд нишон медиҳад, ки дар давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов донишгоҳ ба маркази бузурги омодасозии кадрҳои илмӣ табдил ёфта буд.

Бо ташаббуси бевоситаи академик Пӯлод Бобоҷонов дар донишгоҳ бори аввал шуъбаҳои таҳрирӣ-интишорӣ (соли 1980) ва патентӣ (соли 1982) таъсис дода шуданд. Таъсис додани чунин сохторҳо ҷиҳати тақвият баҳидан ба корҳои илмӣ, таҳия ва омода намудани китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва нигоҳ доштани дастовардҳои илмӣ аҳаммияти хосса дошт. Дар шуъбаи табъу нашр имкониятҳои назаррас фароҳам сохта шуд, ки омӯзгорон ва муҳаққиқон мақолаҳои илмӣ, дастуру васоитҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва монографияҳои илмиашонро таҳрир ва интишор мекарданд.

Дар ин давра баргузории конференсияҳо, симпозиумҳо ва машваратҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ низ хеле фаъол гардид. Мувофиқи маълумотҳои бойгонӣ, танҳо дар солҳои 1981 - 1985 устодону муҳаққиқони донишгоҳ дар зиёда аз 5069 конференсия ва ҳамоишҳои илмӣ бо маъруза ва гузориш иштирок намудаанд. Аз ин шумора 85 маъруза дар конференсияҳои байналмилалӣ, 527 маъруза дар конференсияҳои умумииттифоқӣ, 108 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва 3420 маъруза дар конференсияҳои умумидонишгоҳӣ пешниҳод гардидааст. Ин нишондиҳандаҳо аз фаъолнокии баланди илмии ҳайати омӯзгорон ва нуфузи рӯзафзуни донишгоҳ дар муҳити илмии Иттиҳоди Шуравӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар замони роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ҳамчун маркази асосии тайёр намудани кадрҳои илмӣ - педагогӣ барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ эътироф гардид. Аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло ВМИҶТ) донишгоҳ муваззаф гардида буд, ки барои муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ мутахассисони баландтахассуси илмию омӯзгорӣ омода намояд. Ин амал боварии давлат ба имкониятҳои илмӣ ва таълимии донишгоҳро ифода мекард.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тахассусии омӯзгорон ва кормандони мактабҳои олӣ, дар солҳои роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов дар

донишгоҳ семинарҳои ҷумҳуриявии такмили ихтисос мунтазам баргузор мегардиданд. Иштироккунандагони чунин семинарҳо пас аз анҷоми омӯзиш соҳиби шаҳодатномаҳои махсус мегардиданд, ки аз ҷониби Шурои ректорони мактабҳои олии ҷумҳурӣ тасдиқ мешуданд. Ин тадбирҳо барои баланд бардоштани сифати таълим ва рушди иқтидори кадрии соҳаи маориф мусоидат намуданд.

Дар солҳои ректории Пӯлод Бобоҷонов таваҷҷуҳ ба ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ низ афзоиш ёфт. Агар дар аввали солҳои 70-ум шумораи донишҷӯёни машғул ба корҳои илмӣ 2770 нафарро ташкил медод, пас баъди шаш соли роҳбарии ӯ ин нишондиҳанда ба 4800 нафар расид. Донишҷӯён дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ фаъолона иштирок намуда, корҳои илмии худро пешниҳод мекарданд. Ин раванд барои ташаккули насли нави олимони тоҷик замина гузошт.

«Обурӯ ва мақоми байналмилалии донишгоҳ низ дар ҳамин давра ба таври назаррас боло рафт. Соли 1974 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ба узвияти Ассотсиатсияи байналмилалии донишгоҳҳо пазируфта шуд, ки ин барои мактаби олии Тоҷикистон дастоварди муҳим ба ҳисоб мерафт. Баъди ин донишгоҳ тавонист робитаҳои илмӣ ва таълимии худро бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ густариш диҳанд» [140].

Дар факултетҳои гуногуни донишгоҳ донишҷӯён ва аспирантҳои зиёда аз панҷоҳ кишвари ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, Олмон, Чин, Афғонистон ва дигар давлатҳо таҳсил мекарданд. Махсусан донишҷӯёни хориҷӣ дар факултетҳои филология, таърих, шарқшиносӣ, иқтисодиёт ва кимиё таҳсил намуда, бо фарҳанг ва илми тоҷик шинос мегардиданд. Соли 1978 дар донишгоҳ аввалин гурӯҳи махсуси донишҷӯёни хориҷӣ таъсис дода шуд, ки баъдан заминаи ташкили шуъбаи равобити байналмилалӣ гардид.

Дар давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ бо мактабҳои олии хориҷӣ низ густариш ёфтанд. Аз ҷумла,

робитаҳо бо Донишгоҳи Кобул ва Донишгоҳи техникии Афғонистон хеле фаъол буданд. Устодони тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии Афғонистон фаъолият намуда, барои таҳияи китобҳои дарсӣ, такмили раванди таълим ва омодасозии кадрҳо саҳми арзанда гузоштанд.

Пӯлод Бобоҷонов инчунин барои густариши ҳамкориҳои илмӣ бо кишварҳои ғарбӣ кӯшиш менамуд. Аз ҷумла, соли 1976 намояндагони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико доктор Х. Кассов ва Даниэл Матушевский бо роҳбарияти донишгоҳ мулоқот анҷом дода, масъалаи роҳандозии ҳамкориҳои илмӣ ва табодули академиро баррасӣ намуданд. Гарчанде бо сабаби маҳдудиятҳои сиёсӣ ва идеологии даврони Шуравӣ татбиқи пурраи чунин ҳамкориҳо имконнопазир гардид, худи ин иқдом нишон медод, ки Пӯлод Бобоҷонов барои ворид намудани донишгоҳ ба фазои илмии байналмилалӣ кӯшишҳои ҷиддӣ ба харҷ медод.

Фаъолияти академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон марҳилаи муҳими рушди илм, таҳсилоти олӣ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳ ба шумор меравад. Зери роҳбарии ӯ донишгоҳ ба маркази бонуфузи илмӣ - таълимӣ табдил ёфта, барои ташаккули мактаби миллии илмӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос заминаи устувор фароҳам гардид [1].

Санъати роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов пеш аз ҳама дар он ифода меёфт, ки ӯ тавонист ҳайати бузурги омӯзгорону кормандон ва муҳаққиқони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) - ро дар атрофи ҳадафҳои ягонаи илмӣ ва таълимӣ муттаҳид созад. Вай яке аз роҳбари ботаҷриба, кордон, донишманд ва дурандешу бофарҳанг бо ҳайати кормандони сохторҳои донишгоҳ муносибати хоксорона менамуд ва барои татбиқи самаранокии салоҳиятҳои касбии кормандон имконияту шароити мусоидро фароҳам месохт. Маҳз ҳамин маҳорати ташкилотчигӣ ва сиёсати оқилонаи идоракунӣ боис гардид, ки дар солҳои роҳбарии ӯ

донишгоҳ ба яке аз марказҳои пешрафтаи илмӣ-таълимии Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёбад.

Пӯлод Бобоҷонов ҳамзамон, фаъолияти омӯзгориро низ тарк накарда, дар факултети физикаи донишгоҳ ба хондани лексияҳо машғул мешуд. Ӯ дар баробари фаъолияти маъмурӣ барои ҷалби ҷавонони соҳибистеъдод ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, махсусан дар самти астрономия ва астрофизика, кӯшишҳои зиёд ба харҷ медод. Солҳои 70 - 80 - уми асри XX фаъолияти илмию омӯзгории ӯ ба таври махсус густариш ёфт. Дар ин давра ӯ роҳбарии рисолаҳои илмии аспирантон ва унвонҷӯёнро ба уҳда дошта, барои ташаккули мактаби миллии астрофизика саҳми назаррас гузошт.

Бо ибтикор ва дастгирии академик Пӯлод Бобоҷонов дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) як қатор ислоҳот ва навовариҳои муҳими илмӣ ва таълимӣ амалӣ гардиданд. Ӯ ба баланд бардоштани манзалати илмии донишгоҳ, дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, ҳавасманд намудани омӯзгорон барои пешниҳоди корҳои илмӣ ва методии навоварона таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Дар натиҷаи чунин сиёсати созанда, солҳои 70 – 80 - уми асри XX дар донишгоҳ як қатор тағйиротҳои сохторӣ ва илмӣ ба амал омаданд, ки ба беҳтар гардидани сифати таълим ва таҳқиқоти илмӣ мусоидат намуданд.

Аз он ҷумла, ҷашн гирифтани 30 солагии таъсисёбии донишгоҳ, доир ба самтҳои афзалиятнок ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос дар равияҳои техникӣ, муҳандисӣ, геологӣ, роҳбарӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки хоҷагии мамлакат ва ба онҳо ҷалб намудани омӯзгорони донишгоҳ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тақвият бахшидан ба робитаҳои байналмилалӣ ва таъсис додани мактаби дусолаи ҳуқуқӣ аз дастовардҳои муҳиме мебошанд, ки дар ҳамин давра ба даст омадаанд.

Дар давраи роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов донишгоҳ бо ҳамроҳии ноибони ректор, профессор В. И. Приписнов ва М. Назаршоев на танҳо анъанаҳои беҳтарини таълим ва илмро ҳифз намуд, балки ба рушди минбаъдаи он такони ҷиддӣ бахшид. Дар ин давра фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии донишгоҳ густариш ёфта, заминаҳои нави моддӣ - техникӣ ва кадрӣ ташаккул ёфтанд.

Фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов низ хеле васеъ ва байналмилалӣ буд. Ӯ дар тули фаъолияти илмиаш бо олимони маъруфи Иттиҳоди Шуравӣ ва хориҷи кишвар робитаҳои мустаҳками илмӣ дошт. Аз ҷумла, бо астрономону астрофизикони машҳур, ба мисли С. В. Орлов, В. В. Фединский, Н. Д. Моисеев, Б. Ю. Левин, В. Н. Лебединетс, инчунин олимони Чехия, Швецсия, Италия, Австралия, Британияи Кабир ва Япония ҳамкориҳои илмӣ анҷом медод. Ин робитаҳо барои рушди илми астрофизика дар Тоҷикистон ва муаррифии мактаби илмии тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуданд.

Дар зиндагии шахсӣ низ академик Пӯлод Бобоҷонов аз муҳити солиму созандаи оилавӣ бархӯрдор буд. Ҳамсафари зиндагии вай доктори илмҳои биологӣ Муҳаббат Абдураҳмонова, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои зиёд ҳамчун омӯзгор кору фаъолият мебарад, бобати созмон додани фазои осудаи хонаводагӣ нақши муҳим доштанд. Ин омил ба фаъолияти босамари илмӣ ва роҳбарии академик П. Бобоҷонов таъсири мусбат расонидааст.

Давраи роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз марҳилаҳои муҳим ва тақдирсоз дар таърихи рушди ин муассисаи бузурги илмӣ - таълимӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди фаъолияти роҳбарии вай донишгоҳ дар тамоми самтҳои фаъолият яке аз пешсафон маҳсуб меёфт. Обурӯ ва мақоми донишгоҳ дар ҳудуди мамлакат ва ҷаҳон бо натиҷаҳои назарраси илмӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва табодули таҷрибавӣ боло рафта,

пайваста олимон дар конфронсу симпозиумҳои сатҳи байналмилалӣ даъват карда мешуданд.

Бо ташаббуси ӯ сохтори донишгоҳ таҷдид гардида, кафедраҳо ва факултетҳои нав таъсис ёфтанд, бахусус дар самтҳои илмҳои дақиқ, гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Ташкили кафедраи астрофизика, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ барои омодасозии кадрҳои илмӣ - педагогӣ заминаи устувор фароҳам овард. Вобаста ба ин, тақвияти муносибатҳои хориҷӣ, иштироки ҳайати олимону муҳаққиқон дар конфронсу ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва пазируфтани донишгоҳ ба сафи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ обурӯ ва эътибори онро миёни дигар муассисаҳои олии дохил ва ҷаҳон бозҳам баланд намуд.

Ҳамзамон, рушди инфрасохтори донишгоҳ, сохтмони биноҳои нави таълимӣ, ҷорӣ намудани курсҳои такмили ихтисос ва афзоиши шумораи донишҷӯёну аспирантон нишон медиҳад, ки сиёсати илмӣ ва идории академик П. Бобоҷонов ба таври ҳамаҷониба ба пешрафти соҳа равона гардида буд.

Дар маҷмуъ, фаъолияти кории вай ҳамчун ректори донишгоҳ бо муттаҳид намудани коллективи кормандону омӯзгорон, боло бурдани сатҳу сифати таҳсилот, тақвият бахшидан ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва боло бурдани мақоми донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ таҷассум меёбад. Ин пешравиҳо гувоҳӣ ба он медиҳанд, ки воқеан ҳам нақши Пӯлод Бобоҷонов дар боло бурдани мақоми донишгоҳ ҳам дар дохил ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ бузург буда, дар таърихи илми ватанӣ ҳамчун шахсият ва ташаккулдиҳандаи соҳаҳои маориф ва илм боқӣ хоҳад монд.

Хулоса, фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва ташкилотчигии Пӯлод Бобоҷонов дар таърихи илму фарҳанги тоҷикон ва ҷаҳон мақоми махсусро касб намудаат. Вай миёни ҷамъият на танҳо олими бузургу арзишманд, балки ҳамчун роҳбари дурандеш, омӯзгори соҳибмактаб ва тарбиятгари кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ саҳми бузург

гузоштааст. Дар тамоми фаъолияти худ академик Пӯлод Бобоҷонов ба масъалаи рушди илм, таҳкими пояҳои таҳсилоти олӣ ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб аҳаммияти аввалиндараҷа медод.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳиссагузории ӯ дар ташаккули мактаби миллии астрофизикаи тоҷик ниҳоят бузург мебошад. Бо ташаббус ва роҳбарии ӯ дар ҷумҳурӣ омода намудани мутахассисони касбии соҳаи астрономия ва астрофизика оғоз гардида, заминаҳои устувори илмӣ барои рушди таҳқиқоти кайҳонӣ фароҳам оварда шуданд. Таъсиси кафедраи астрофизика дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ташкили Шуроҳои махсусгардонидашудаи ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, тақвият додани таҳқиқоти илмӣ доир ба омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, боришоти метеорӣ ва дигар ҷирмҳои кайҳонии ба замин наздик, яке аз муҳимтарин дастовардҳои фаъолияти ӯ ба шумор мераванд.

Дар солҳои роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба яке аз муассисаҳои бонуфузи илмӣ - таълимии кишвар табдил ёфт. Бо ибтикорот ва роҳбарии вай ҷузъҳои раванди таълимӣ таҳким ёфтанд. Аз ҷумла, факултетҳо ва кафедраҳое таъсис шуданд, ки дорои равия ва тахассусҳои нави замон буданд. Ҳамзамон, заминаҳои техникӣ низ вобаста ба талаби замон такмил ёфтанд.

Сохта ба истифода додани шаҳраки донишҷӯён, ба раванди таълим ворид намудани воситаҳои муосири ҳисоббароркунӣ, тақвият бахшида ба раванди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва пурзӯр намудани робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки дар фаъолияти роҳбариаш Пӯлод Бобоҷонов касб карда буд. Ин иқдомҳо барои беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия, такмили раванди таҳсил ва боло бурдани сатҳи таҳқиқоти илмӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов ба масъалаи омода намудани кадрҳои илмӣ диққати махсус медод. Зери роҳбарии ӯ даҳҳо номзад ва доктори

илм ба камол расида, баъдан дар рушди илму маорифи ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамари арзишманд гузоштанд. Ӯ ба ҷавонон на танҳо дониш, ҳамзамон ахлоқ, илм, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва садоқат ба илмро меомӯзонд. Мактаби илмии таъсисдодаи ӯ имрӯз низ фаъолияти худро идома дода, дар тарбияи олимони ҷавон нақши муассир мебозад.

Ҳамзамон, фаъолияти байналмилалии академик Пӯлод Бобоҷонов барои муаррифии илми тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ аҳаммияти калон дошт.

Ҳамин тавр, академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун олими намоён, омӯзгори варзида ва ташаббускори соҳаи илм дар пешрафти астрофизика, такмили низоми таҳсилоти олии кишвар ва тарбияи мутахассисони баландихтисоси илмӣ - педагогӣ нақши арзанда ва таърихӣ гузоштааст. Мероси илмӣ, мактаби таҳқиқотии ба вуҷудоварда ва фаъолияти педагогию роҳбарии ӯ то имрӯз аҳаммияти хешро ҳифз намуда, барои муҳаққиқон ва олимони ҷавон ҳамчун намунаи фаъолияти созанда ва сарчашмаи таҷрибаи илмӣ хизмат мекунад.

БОБИ 3. САҲМИ АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ ДАР РУШДИ АСТРОНОМИЯИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Мероси педагогӣ ва фаъолияти ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов

«П. Б. Бобоҷонов дар соҳаи астрономия фаъолияти педагогӣ ва илмии худро аз соли 1949, баъди хатми Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров), оғоз намудааст. Он замон дар Тоҷикистон китоби дарсии астрономия ба забони тоҷикӣ вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, ҳанӯз дар замони таҳсил дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов ӯ ба тарҷумаи китоби дарсии астрономия барои хонандагони мактабҳои миёна машғул гардид. Ин китоб аз ҷониби астрономи маъруф, профессор Борис Воронсов - Веляминов таҳия шуда буд. Китоби мазкур бо тарҷумаи П. Бобоҷонов солҳои 1955 - 1964 ҳашт маротиба нашр гардида, дар рушди таълими астрономия ба забони тоҷикӣ нақши бузург гузошт» [144, с. 21].

Соли 1954 барои Пӯлод Бобоҷонов марҳилаи нави фаъолияти илмӣ ва омӯзгории ӯ ба ҳисоб меравад. Пас аз бозгашт ба шаҳри Душанбе ӯ фаъолияти илмии худро дар Расадхонаи астрономии Тоҷикистон идома дода, тадриҷан ба яке аз муҳаққиқони фаъоли соҳаи астрономия ва метеоршиносӣ табдил ёфт. Дар ин давра самти асосии фаъолияти илмии ӯ ба омӯзиши метеорҳо, ҳаракати ҷирмҳои хурди осмонӣ, кометаҳо ва падидаҳои марбут ба онҳо равона гардид. Аз соли 1958 ӯ роҳбарии Шуъбаи астрономияи метеорҳоро ба зимма гирифт, ки яке аз воҳидҳои муҳими илмӣ - таҳқиқотии расадхона ба шумор мерафт.

Аз соли 1954 то 1961 Пӯлод Бобоҷонов дар вазифаи муаллими калони кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) фаъолият мекард. Ин давра дар ташаккули мактаби илмӣ ва омӯзгории ӯ

аҳаммияти хос дошт. Ӯ на танҳо донишҳои назариявии физика ва математика, балки асосҳои астрономия ва астрофизикаро ба донишҷӯён меомӯзонид ва таваҷҷуҳи онҳоро ба таҳқиқоти илмии соҳаи кайҳоншиносӣ ҷалб менамуд.

Пӯлод Бобоҷонов дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (он замон УДТ ба номи В. И. Ленин) ба фаъолияти омӯзгорӣ ва хондани лексияҳо машғул шуда, барои омода намудани мутахассисони ҷавон ва ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ - таҷрибавии астрономӣ талошҳои зиёд анҷом медод. Ӯ дар ташаккули мактаби миллии астрофизика ва астрономияи тоҷик нақши калидӣ бозидааст.

Дар тули беш аз 70 соли фаъолияти илмӣ ва омӯзгории худ П. Бобоҷонов бо олимони варзидаи собиқ СССР ва ҷаҳон ҳамкориҳои густурдаи илмӣ дошт.

Аз ҷумла, бо олимони маъруфе чун В. Н. Лебединетс, Я. Штол, А. Хайдук, инчунин олимони маъруфи Чехия, Канада, Шветсия, Италия, Австралия, Англия ва Япония робитаҳои мустаҳками илмӣ барқарор намудааст. Ин ҳамкориҳо барои рушди таҳқиқоти байналмилалӣ дар соҳаи ҷисмҳои хурди системаи Офтоб аҳаммияти калон доштанд.

Самараи фаъолияти илмӣ ва роҳбариаш Пӯлод Бобоҷоновро дар қатори олимони барҷастаи соҳаи таҳқиқоти метеорҳо ва ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ қарор дод. Дастовардҳои илмиаш аз тарафи ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ баҳои баланд гирифтаанд. Заҳматҳои чандинсола ва самарабахшашро ба инобат гирифта соли 1961 ҳамчун аъзои иттифоқи байналмилалии астрономӣ ӯро интихоб намуданд. Пӯлод Бобоҷонов пайваста ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил мегардид. Ин буд, ки соли 1994 ӯро ба узвияти ҷамъияти астрономии Британияи Кабир интихоб намуда, солҳои 1985 - 1988 ҳамчун президенти комиссияи «Метеорҳо ва ҷирмҳои байнисайёравӣ» фаъолият бурдааст

П. Б. Бобоҷонов зиёда аз ним аср дар Ассамблеяи генералии Иттифоқи байналмилалии астрономӣ, инчунин дар симпозиуму

конференсияҳои байналмилалии баргузоршуда дар кишварҳои гуногун - ИМА, Канада, Англия, Франсия, Шветсия, Чехия, Италия, Олмон, Япония, Ҳиндустон ва дигар давлатҳо фаъолона иштирок намуда, бо маърузаҳои илмии пурмуҳтаво баромад кардааст. Ин фаъолият обрӯи илмии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт.

Устод П. Бобоҷонов асосгузори яке аз мактабҳои маъруфи астрофизикаи Тоҷикистон ба шумор рафта, зери роҳбарии бевоситаи ӯ 20 рисолаҳои номзадӣ ва 4 рисолаи докторӣ дифоъ шудаанд. Илова бар ин, бо маслиҳат ва роҳнамоии ӯ даҳҳо рисолаҳои илмӣ омода ва ҳимоя гардидаанд. Инчунин, вай ҳамчун муқарриз, муҳаррири масъули маҷаллаҳои илмӣ, монографияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ, ки дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва Тоҷикистон гузаронида мешуданд, фаъолияти назаррас дошт.

Академик Пӯлод Бобоҷонов дар тули фаъолияташ мактабе, ки созмон додааст, имрӯз ба ҳамоҳанг намудани таҳқиқотҳои илмӣю амалӣ ва назариявии мушоҳидаҳои кайҳонӣ табдил ёфтааст. Самти асосии корҳои илмии ӯ ба омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, мушоҳида ва таҳлили метеорҳо, инчунин муайян намудани қонуниятҳои физикии равандҳои байнисайёравӣ равона гардида буд. Осори илмӣ ва фаъолияти омӯзгории ӯ имрӯз низ барои олимону муҳаққиқони ҷавон ҳамчун манбаи муҳим ва намунаи ибрат хизмат мекунад.

Фаъолияти илмӣ ва ташкилии Пӯлод Бобоҷонов дар таърихи рушди илми астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дорад. Таҳти роҳбарии пурсамар ва фаъолияти густурдаи ӯ Пажуҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз марказҳои бонуфузи омӯзиши моддаҳои метеории байнисайёравӣ дар сатҳи Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ табдил ёфт. Самти асосии корҳои илмии пажуҳишгоҳ ба омӯзиши метеорҳо, ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ ва таҳқиқи равандҳои физикии муҳити байнисайёравӣ равона гардида буд.

Пӯлод Бобоҷонов бо анҷом додани корҳои назарраси илмиаш обурӯ ва нуфузи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боло бурд ва илми тоҷикро низ муаррифӣ кард. Олимони тоҷик дар лоиҳаҳои бузурги илмии ҷаҳонӣ ширкат варзида, аз натиҷаҳои ба дастовардаашон дар конференсияҳои байналмилалӣ маърӯза мекарданд, ки маҳз чунин фаъолият боиси нуфузи илми астрономии тоҷик дар арсаи байналмилалӣ гардид. Маҳз барои дастовардҳои назаррас дар соҳаи астрономия ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос соли 1969 Пажуҳишгоҳи астрофизика бо ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат» қадрдонӣ карда шуд, ки ин яке аз баландтарин мукофотҳои давлатии даврони Шуравӣ барои олимони мамлакат ба шумор мерафт [143].

Хидматҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов дар рушду нумӯи илм ва таҳсилоти мамлакат, ҳамзамон, омода намудани мутахассисони дараҷаи илмидошта бузург буда, аз ҷониби давлату ҳукумат ва фазои илмию таълимии ватанӣ ба таври арзандаю шоиста эътироф гардидааст. Ин буд, ки соли 1966 ӯро ҳамчун узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ва соли 1973 академики Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб карданд. Ҳамон сол ба ӯ унвони илмии профессор ва нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» дода шуд. Соли 1977 бошад, бо медали ба номи Сергей Вавилов сарфароз гардонида шуд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов дар рушди идоракунии муассисаҳои олии таълимӣ низ нақши муассир дошт. Аз соли 1974 то соли 1982 вай раиси Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар душ дошта, дар таҳкиму такмили низоми таҳсилоти олии мамлакат нақши бориз гузошт. Инчунин вай ҳамчун аъзои комиссия дар шуроҳҳои умумииттифоқӣ доир ба масоили саёрашиносӣ, астрономия ва омода кардани мутухассисон дар самтҳои мазкур интихоб шуда буд. Ҳамчунин ӯ, солҳои 1980-1986 аъзои Раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон ва солҳои 1986 - 1989 ба ҳайси ноиби президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолияти хизматӣ бурдааст.

Яке аз самтҳои муҳим ва стратегие, ки Пӯлод Бобоҷонов назди худ газошт, иҷро намуд, ин миёни ҷавонон ва ҷомеа таблиғи донишҳои астрономӣ буд. Вай муаллифи китобҳои дарсӣ ва дигар асарҳои илмӣ-омавӣ доир ба табиати метеорҳо ва дигар ҳодисаҳое, ки дар кайҳон ба вуҷуд меоянд, буд. Дар таҳияи Энсиклопедияи советии тоҷик, «Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ва «Луғати русӣ - тоҷикии истилоҳоти астрономия» ҳиссаи арзишманд гузоштааст. Ин асарҳо дар ташаккули истилоҳоти илмии тоҷикӣ ва густариши донишҳои астрономӣ аҳаммияти калон доштанд.

Академик П. Бобоҷонов инчунин дар конференсияҳои байналмилалии илмӣ оид ба таърихи илм ва мероси тамаддуни тоҷикон фаъолона иштирок мекард. Аз ҷумла, дар конференсияҳои байналмилалии бахшида ба Аҳмад ал - Фарғонӣ ва 1100 - солагии давлати Сомониён бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ намудааст.

Хидматҳои арзандаи ӯ дар рушди илм бо як қатор мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ шудаанд. Аз он ҷумла, ду ордени «Нишони Фахрӣ», ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат», медалҳо «Барои меҳнати шоён» ва «Собиқадори меҳнат», ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва унвони фахрии «Ходими шоистаи илми Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

Иттиҳодияҳои байналмилалӣ фаъолияти илмӣ ва натиҷаҳои илмие, ки Пӯлод Бобоҷонов тули фаъолияти касбиаш ба даст оварда буд, ба инобат гирифта, соли 1988 яке аз сайёраҳои хурди манзумаи Офтобиро бо номи ӯ гузоштанд. Ин иқдом нишонаи нақши бузурги олим дар рушди астрономияи ҷаҳонӣ мебошад.

Академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун яке аз чеҳраҳои барҷастаи илми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардидааст. Ӯ на танҳо поягузори мактаби миллии астрофизикаи тоҷик, балки муаррифгари илми тоҷик дар сатҳи ҷаҳонӣ буд. Ба таъбири президенти вақти Академияи илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, академик Пӯлод

Бобоҷонов ифтихори илми табиатшиносии тоҷик буда, дар баланд гардидани нуфузи илми Шуравӣ дар ҷаҳон саҳми назаррас гузоштааст.

Дар даврони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ олимони тоҷик ба як қатор дастовардҳо ноил гардида, илми тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифи карданд, ки миёни онҳо нақши академик Пӯлод Бобоҷонов баланд арзёбӣ карда мешавад [7]. Дар муҳити илмии ҷумҳурӣ зуд - зуд номи ин муассиса ва роҳбари он ҳамчун намунаи пешрафти илмҳои дақиқ зикр мегардид. Муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҷомеашиносон, ҳарчанд бо нозукиҳои илмҳои астрофизикӣ пурра ошно набошанд ҳам, ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти расадхонаҳои Ҳисор ва Санглох ва озмоишгоҳҳои пажуҳишгоҳ ба хулоса меомаданд, ки дастовардҳои илмии астрофизикаи тоҷик натиҷаи заҳмати пайгиронаи олимон бо роҳбарии устодон, аз ҷумла академик П. Бобоҷонов мебошад.

Дар замони рушди таҳқиқотҳои метеорҳо ва кометаҳо, гузоришҳои илмӣ дар ҷаласаҳои Академияи илмҳо ва мулоқот бо меҳмонони хориҷӣ бо иштироки академик П. Бобоҷонов ҳамеша таваҷҷуҳи хосро ба худ ҷалб мекард. Ӯ бо нутқи фасеҳ, далелҳои илмии асоснок ва ҳамзамон бо хоксории шахсӣ тавониста буд, ки муҳтавои мураккаби илмиро ба таври дастрас ва ҷолиб баён намояд. Ин хусусиятҳои шахсӣ ӯро на танҳо ҳамчун олим, балки ҳамчун муаррифгари илми тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ маъруф гардониданд.

Шоҳидони даврaҳои гуногун қайд мекунанд, ки ҳанӯз аз солҳои 1970 - ум академик П. Бобоҷонов ҳамчун яке аз олимони ҷавон ва фаъол дар сатҳи Иттиҳоди Шуравӣ шинохта шуда, дар кишварҳои Амрико ва Аврупо бо маърузаҳои илмӣ иштирок намуда, ҳатто дар баъзе донишгоҳҳо дарс додааст. Ин фаъолияти байналмилалӣ боис гардид, ки номи илми тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ бештар муаррифӣ гардад ва эътибори он боло равад.

Дар муҳити маорифи шаҳрҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла Истаравшан, омӯзгорон ва шогирдон ҳамеша бо ифтихор аз хатмкардаи

мактабҳои маҳаллӣ - академик Пӯлод Бобоҷонов ёд мекарданд. Ин падида нишон медиҳад, ки шахсияти ӯ на танҳо дар сатҳи илмӣ, балки дар сатҳи иҷтимоӣ ва таълимӣ низ таъсири амиқ гузоштааст.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуфуз ва эътибори академик П. Бобоҷонов боз ҳам афзуд. Бо дастовардҳои арзандаи илмиаш ӯ яке аз чеҳраҳои арзандаи илмӣ шинохта шуда буд. Ин буд, ки дар мулоқотҳои сатҳи олӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вохӯрӣ анҷом дода, доир ба натиҷаҳо ва дастовардҳои илмии олимони тоҷик маълумот медод. Ин таваҷҷуҳ ба фаъолияти илмӣ ва ташкилотии ӯ бесабаб набуд, зеро академик П. Бобоҷонов ҳамеша барои пешрафти илми тоҷик, баланд бардоштани сатҳи таҳқиқоти илмӣ ва тарбияи кадрҳои ҷавон таъсири назаррас гузоштааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими шахсии ӯ муносибати дуруст бо наслҳои ҷавони олимон мебошад. Ӯ на танҳо онҳоро дастгирӣ мекард, балки ба тадриҷ ба вазифаҳои роҳбарикунанда омода менамуд, ки ин раванд ба идомаи устувори мактаби илмии астрофизикаи тоҷик мусоидат намуд. Ин рафтор ва услуби роҳбарӣ ӯро дар миёни ҳамкорон ва роҳбарияти Академияи илмҳо соҳиби эҳтироми баланд гардонид.

Аз нуқтаи назари ахлоқӣ ва шахсӣ, академик П. Бобоҷонов ҳамчун шахсияти хайрхоҳ, фурӯтан ва боодоб шинохта шудааст. Дар симои ӯ дониш, ахлоқ ва масъулияти илмӣ ба таври мутаносиб таҷассум ёфтаанд. Бо вуҷуди он ки ӯ бо падидаҳои мураккаби кайҳонӣ ва ҷирмҳои осмонӣ сару кор дорад, дар зиндагии шахсӣ инсони донишманд, хоксор ва хирадманд боқӣ мондааст.

Ба ҳамин тартиб, метавон гуфт, ки академик Пӯлод Бобоҷонов на танҳо ҳамчун олими сатҳи ҷаҳонӣ, балки ҳамчун шахсияти фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар ҷомеаи илмии Тоҷикистон мақоми устувор дорад. Фаъолияти ӯ намунаи пайванди илм, хоксорӣ ва масъулияти иҷтимоӣ мебошад, ки

барои наслҳои ояндаи муҳаққиқон ҳамчун меъёри рафтори илмӣ хизмат мекунад.

Дар поёни ин таҳлил метавон таъкид кард, ки мероси илмӣ ва шахсии академик П. Бобоҷонов на танҳо дорои аҳаммияти таърихӣ, балки дорои арзиши методологӣ барои рушди минбаъдаи астрофизика ва таҳқиқоти кайҳонӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Фаъолияти илмӣ ва педагогии Пӯлод Бобоҷонов дар хотираи шогирдон ва ҳамкорони ӯ ҳамчун як мактаби бузурги тарбияи илмӣ боқӣ мондааст.

Обид Алимович Алимов, физик ва астрофизики тоҷик, номзади илмҳои физикаю математика, роҳбари гурӯҳи ионосфераи II AS+1 дар Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, самти таҳқиқотиаш ба ионосфера, таъсири фаъолияти сейсмикӣ ба қабатҳои атмосфера ва робитаи байни равандҳои заминӣ ва ионосферӣ вобаста аст. Дар корҳои илмии ӯ таъсири заминҷунбиҳо ба баландии атмосфераи якхела ва тағйироти қабати *Es* - и ионосфера таҳқиқ шудааст. Вай солҳои дароз бо Пӯлод Бобоҷонов ҳамкории илмӣ ва робитаи наздики дӯстӣ дошт.

Ба гуфтаи ӯ, шиносоӣ бо устод ҳанӯз соли 1959, дар даврaи донишҷӯӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (он замон УДТ ба номи В. И. Ленин) оғоз ёфтааст. Он солҳо дар як гурӯҳи 21 - нафара онҳо дарси астрономия мегузаштанд. Дар яке аз машғулиятҳо декани факулта Баҳрулло Назруллоев бо як ҷавон вориди синфхона шуда, ӯро ҳамчун устоди ҷавон Пӯлод Бобоҷонов муаррифӣ намуд ва эълон кард, ки минбаъд дарсҳои астрономияро ӯ мегузаронад [153, с. 39].

Дарси аввал, ба хотири шогирдон, бо мазмуни баланд ва тарзи фаҳмои илмӣ баргузор гардид ва таъсири амиқ гузошт. Устод дар анҷоми дарс бо таъкиди ҷиддӣ гуфт, ки донишҷӯён бояд аз аввал ба омӯзиш бо омодагии ҷиддӣ муносибат кунанд ва бо овардани мисоли маъруф: «Хишти аввал чун ниҳод меъмор кач, то ба Сурайё меравад

девор кач», аҳаммияти асосҳои илмиро шарҳ дод. Ин суханон барои донишҷӯён як дастури зиндагӣ ва илмӣ гардид.

Обид Алимов менависад, ки ӯ ҳамеша мекӯшид дар машғулиятҳои устод дар сафи пеш нишинад ва фаъолона иштирок кунад. Устод, гарчанде дар дарсҳо ҷиддӣ ва талабкор буданд, аммо дар вақти имтиҳонҳо ва суҳбатҳои берун аз дарс бо донишҷӯён бо меҳрубонӣ ва нармдилӣ муносибат мекарданд, ки ин хусусият ӯро дар чашми шогирдон боз ҳам маҳбубтар мегардонид.

Дар соли сеюми таҳсил донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ фиристода шуданд ва як гурӯҳи онҳо, аз ҷумла Обид Алимов ва Абдуҷалол Латифов, ба Пажуҳишгоҳи астрофизика равона гардиданд. Дар он давра роҳбарии институтро худи устод Пӯлод Бобоҷонов ба уҳда дошт. Донишҷӯён дар расадхона ба корҳои мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ машғул шуда, аз ҷумла ба сабт ва таҳлили ҳодисаҳои кайҳонӣ, аз қабили ҷараёнҳои шиҳобӣ, машғул мегардиданд. Ин корҳо асоси корҳои курсӣ ва аввалин таҳқиқоти илмии онҳо гардид.

Баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ, устод аз кори онҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, тавсия дод, ки фаъолияти илмии худро дар ин самт идома диҳанд. Ӯ ҳатто таъкид кард, ки агар дар соҳаи астрономия фаъолиятро идома диҳанд, ӯ онҳоро дастгирӣ хоҳад кард. Ин суханон барои бисёре аз донишҷӯён, аз ҷумла Обид Алимов, роҳи ояндаи касбиро муайян намуд.

«Соли 1961, баъди хатми донишгоҳ, ӯ бо роҳхати Пажуҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси лаборанти калон ба кори илмӣ оғоз кард. Аз ҳамон давра то солҳои тулонӣ фаъолияти ӯ бо устод Пӯлод Бобоҷонов дар як муҳити ягонаи илмӣ идома ёфт ва ин ҳамкорӣ ба беш аз ним аср расид» [144, с. 21 - 25].

Дар ин муддат онҳо бо як қатор олимони маъруфи соҳаи астрофизика, аз ҷумла Олег Доброволский ва дигар муҳаққиқони шинохта, ҳамкории илмӣ доштанд. Ин муҳит барои ташаккули мактаби

илмии астрофизикаи тоҷик заминаи устувор фароҳам овард, ки дар он ҳамкорӣ, интизоми илмӣ ва мубодилаи дониш мавқеи марказӣ дошт.

Обид Алимов инчунин ёдовар мешавад, ки дар бисёр конференсияҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ, умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ ҳамроҳи устод иштирок намуда, маърузаҳои илмӣ пешниҳод мекарданд. Ин фаъолиятҳо на танҳо барои рушди илм дар дохили кишвар, балки барои баланд бардоштани обрӯи илми тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ аҳаммияти калон доштанд.

Яке аз шогирдони дигари Пӯлод Бобоҷонов - Сайид Носирович Каримов дар асари очеркию таърихии худ «Мактаби ҳаёт» хотираҳои ҷолиберо оид ба солҳои донишҷӯйи ва фаъолияти омӯзгории Пӯлод Бобоҷонов баён кардааст. Ба гуфтаи ӯ, соли 1954 ҳамчун дорандаи медали тилло бе имтиҳони қабул ба шуъбаи физикаи факултети физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил гардидааст. Дар он давра қисми зиёди фанҳои тахассусӣ ба забони русӣ таълим дода мешуданд. Омӯзиши фанҳои мураккаби физика ва математика барои донишҷӯён на ҳамеша осон буд. Дар чунин шароит ворид шудани Пӯлод Бобоҷонов ба ҳайси омӯзгори ҷавон ба раванди таълим аҳаммияти назаррас пайдо кард.

Сайид Каримов худ таъкид менамояд, ки Пӯлод Бобоҷонов ба гурӯҳи донишҷӯён на танҳо аз математикаи олӣ, балки аз фанни астрономия низ дарс мегуфт. Гарчанде ихтисоси асосии ӯ ба физика ва математика иртибот дошт, дониши васеи ӯ дар соҳаҳои астрономия, астрофизика ва кайҳоншиносӣ имкон медод, ки мавзуъҳои дарсӣ бо мисолҳои илмӣ ва таърихӣ шарҳ дода шаванд. Маҳз ҳамин усули таълимӣ дар ташаккули шавқу завқи донишҷӯён ба омӯзиши коинот нақши муҳим бозид.

Хусусияти муҳими фаъолияти омӯзгории Пӯлод Бобоҷонов пайвастани донишҳои назариявӣ бо мушоҳидаҳои амалӣ буд. Машғулиятҳои амалии астрономия дар баъзе мавридҳо дар

лабораторияҳои Расадхонаи астрономии Душанбе гузаронида мешуданд. Донишҷӯён дар ин ҷо бо харитаи осмон, усулҳои муайян намудани координатаҳои ҷирмҳои осмонӣ ва тарзи мушоҳидаи ситораҳо, сайёраҳо, метеорҳо ва дигар объектҳои осмонӣ шинос мешуданд. Чунин шакли таълим барои он давра аҳаммияти махсус дошт, зеро донишҷӯ имкон пайдо мекард, ки донишҳои назариявии гирифтаашро бевосита дар раванди мушоҳидаҳои астрономӣ татбиқ намояд.

Пайвастани донишгоҳ бо Расадхонаи астрономӣ дар интихоби самти минбаъдаи илмии донишҷӯён низ нақши муҳим дошт. Донишҷӯён аз соли сеюми таҳсил ба самтҳои гуногуни тахассусӣ, аз ҷумла физикаи ядроӣ, физикаи таҷрибавӣ, физикаи ҷисмҳои сахт, оптика, спектроскопия ва астрофизика ҷудо мешуданд. Бархе аз донишҷӯён таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломии худро дар марказҳои таҳқиқотии шаҳрҳои Ленинград, Москва, Киев, Тошкент ва дигар марказҳои бонуфузи илмӣ мегузаронанд. Дар ин раванд Расадхонаи астрономии Душанбе низ ҳамчун пойгоҳи илмӣ - таълимӣ хизмат мекард.

Аз ҷумла, Сайид Каримов дар солҳои донишҷӯӣ дар лабораторияи фотометрия ва спектрофотометрияи Расадхона таҳти роҳбарии номзади илмҳои физикаю математика С. И. Иванников ба корҳои илмӣ ҷалб гардида, ҳамзамон вазифаи лаборантро иҷро менамуд. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дар солҳои 1950 - ум дар Тоҷикистон заминаҳои робитаи мустақими таҳсилоти донишгоҳӣ бо фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии расадхона тадриҷан ташаккул меёфтанд.

Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ, солҳои 1955 - 1958 фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов низ хеле густариш ёфт. Дар ин давра ӯ як қатор мақолаҳо ва асарҳои илмиро оид ба масъалаҳои метеоршиносӣ, кометаҳо ва астрономияи мушоҳидавӣ ба табъ расонд. Аз ҷумла, дар корҳои ӯ масъалаҳои «Таҳқиқи суръати партофташавии моддаҳо аз ядрои кометаҳо», «Оиди саҳеҳтар чен кардани радиант ва суръати метеорҳо (шиҳобҳо) бо усули фотографӣ», «Оиди аксбардории як метеор дар

бурҷи Делта - Акварид», «Муайян кардани координатаҳои Расадхонаи астрономии Сталинобод (Душанбе)», «Сохти Олам», «Оиди пайдоиши селаҳои метеорӣ» ва «Натиҷаҳои мушоҳидаи фотографии метеорҳо» мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

«Қисме аз корҳои мазкур дар ҳамкорӣ бо дигар муҳаққиқон, аз ҷумла Л. А. Катасев ва А. К. Саснова ба анҷом расонида шуданд. Ҳамчунин Пӯлод Бобоҷонов дар таҳқиқоти вобаста ба барномаҳои Соли байналмилалии геофизикӣ бо олимони дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ҳамкорӣ менамуд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар нашрияҳои илмии соҳавӣ, аз ҷумла «Навиштаҷоти Расадхонаи астрономии Сталинобод», «Бюллетени Расадхонаи астрономии Академияи илмҳои Тоҷикистон», «Сиркуляри астрономӣ», «Ахбороти Академияи илмҳои Тоҷикистон», «Ахбороти Академияи илмҳои СССР» ва дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ ба табъ мерасиданд» [151].

Яке аз корҳои муҳими Пӯлод Бобоҷонов дар соли 1955 тарҷумаи китоби дарсии астрономия барои синфи X - и мактабҳои миёна ба забони тоҷикӣ мебошад. Асари мазкур, ки муаллифи он Б. А. Воронсов-Веляминов буд, барои рушди таълими астрономия ба забони тоҷикӣ аҳаммияти калон дошт. Китоби дарсӣ дар солҳои 1955 - 1964 борҳо аз нав нашр гардида, ба паҳн гардидани донишҳои астрономӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Ин иқдомро метавон яке аз қадамҳои муҳими Пӯлод Бобоҷонов дар роҳи ташаккули истилоҳоти илмии тоҷикӣ дар соҳаи астрономия арзёбӣ кард.

Дар соли 1955 Пӯлод Бобоҷонов ба узвияти Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ пазируфта шуд. Соли 1957 Комиссияи олии аттестатсионӣ ба ӯ унвони илмии «Ходими калони илмӣ аз фанни астрономия» - ро дод. Ин воқеаҳо аз болоравии мақоми илмии ӯ ва эътирофи фаъолияти таҳқиқотии олими ҷавон дар доираҳои илмии он замон шаҳодат медиҳанд.

Соли 1958 дар таърихи фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов марҳилаи муҳим оғоз гардид. Дар ҳамин сол ӯ ба вазифаи мудири Шуъбаи астрономияи метеорҳо таъин гардид. Шуъбаи мазкур дар сохтори Расадхона ва баъдан Пажӯҳишгоҳи астрофизикӣ яке аз воҳидҳои калони илмӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҳайати он лабораторияи фотографияи метеорҳо, лабораторияи радиолокатсионӣ, лабораторияи ионосфера ва лабораторияи таҳқиқоти телевизионии метеорҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ фаъолият менамуданд.

Соли 1958 ҳамзамон бо 25 - солагии таъсисёбии Расадхонаи астрономии Тоҷикистон дар сохтори илмии соҳаи астрономияи ҷумҳурӣ дигаргунии муҳим ба амал омад. Бо қарори Президиуми Академияи илмҳои Тоҷикистон Расадхонаи астрономӣ ба Пажӯҳишгоҳи астрофизикӣ табдил дода шуд. Ин тағйирот барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти астрофизикӣ ва метеоршиносӣ дар ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ҳамин давра дар Пажӯҳишгоҳи астрофизикӣ маҷаллаи илмии «Кометаҳо ва метеорҳо» таъсис дода шуд, ки таҳти сарварии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Олег Василевич Доброволский нашр мегардид. Пӯлод Бобоҷонов ба ҳайати таҳририяи маҷалла шомил шуда, ҳамчун муовини сармуҳаррир фаъолият намуд. Иштироки ӯ дар таҳрири чунин нашрияи тахассусӣ далели боло рафтани мақоми илмии ӯ ва васеъ гардидани робитаҳои илмии ӯ бо муҳаққиқони соҳаи астрономия дар Иттиҳоди Шуравӣ буд.

Аз ҷумла, 4 октябри соли 1957, ҳангоми ба мадор бароварда шудани нахустин радифи маснуи Замин, дар Расадхонаи астрономии Сталинобод таҳти роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов мушоҳидаи ҳаракати радифи аввалин ба роҳ монда шуд. Бобати анҷом додани мушоҳидаҳои астрономӣ донишҷӯёни бахши дуюм ва панҷуми факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ҷалб карда шуданд, ки миёни онҳо беҳтаринҳо баъдан дар самти илм ворид шуда, ҳамчун кормандони илмӣ

фаъолият бурда истодаанд. Ба ин гурӯҳ А. Қаҳҳоров, П. Ёғибеков, Т. Дербенова, В. Сотиболдиев, У. Шодиев, О. Олимов, С. Помогаев, С. Протасевич, С. Ким ва Ҷ. Латипов шомил буданд.

Ин ташаббус аҳаммияти махсус дошт, зеро он на танҳо ба мушоҳидаи як воқеаи муҳими таърихи кайҳоншиносӣ мусоидат кард, балки барои ҷалби ҷавонони донишгоҳ ба корҳои амалии астрономӣ низ замина гузошт. Бисёре аз донишҷӯёне, ки дар ин мушоҳидаҳо иштирок доштанд, минбаъд фаъолияти касбии худро ба астрономия ва астрофизика пайвастанд. Аз ҷумла, Т. Дербенова ва С. Помогаев ба дараҷаи доктори илмҳои физикаю математика расиданд ва фаъолияти илмӣ-таълимии худро дар муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия идома доданд. А. Қаҳҳоров, П. Ёғибеков, В. Сотиболдиев, У. Шодиев, О. Олимов ва Ҷ. Латипов низ баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар шуъбаҳои гуногуни Пажӯҳишгоҳи астрофизикии Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолияти илмии худро идома дода, ба дараҷаи номзади илмҳои физикаю математика расиданд.

Фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов дар ин давра танҳо ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ маҳдуд набуд. Ӯ дар ташаккули муҳити илмӣ ва тайёр намудани кадрҳои ҷавони соҳаи астрономия ва астрофизика низ натиҷаҳои назаррас гузоштааст. Ҷалби донишҷӯён ба мушоҳидаҳои астрономӣ, корҳои лабораторӣ ва таҳқиқоти илмӣ имконият фароҳам овард, ки дар Тоҷикистон тадриҷан насли нави мутахассисони соҳаи астрономия ташаккул ёбад.

Барои дастовардҳои илмӣ ва нақши назаррас дар омӯзиши падидаҳои метеорӣ, инчунин барои рушди заминаи моддию техникии лабораторияҳои Пажӯҳишгоҳ, соли 1958 Пӯлод Бобоҷонов бо Ифтихорномаи фахрии Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд. Ин мукофот яке аз нишонаҳои эътирофи фаъолияти илмӣ ва ташкилотчигии ӯ дар сатҳи ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Соли 1959 дар ҳаёти илмӣ ва ташкилотчигии Пӯлод Бобоҷонов рӯйдоди муҳим ба амал омад. Бо қарори роҳбарияти Академияи илмҳои Тоҷикистон ӯ ба вазифаи директори Пажӯҳишгоҳи астрофизикӣ таъин гардид. Ин вазифаро ӯ то соли 1971 бар уҳда дошт. Ба ин масъулияти баланд таъйин намудани олими ҷавон ба он далолат медод, ки ӯ ҳамчун педагог, олим ва ташкилотчигии илм дар ҷомеа мақоми худро муайян намуда буд.

“Мувофиқи таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши хусусиятҳои физикии болидҳо дар асари калонҳаҷми академик Пӯлод Бобоҷонов бо унвони «Метеорҳо ва мушоҳидаҳои онҳо (нашрияи «Наука»-и ш. Москва, 1987) оварда шуда аст, ки дар тӯли чандинсолаи мушоҳидаҳои болидҳо, танҳо боқимондаи онҳо ба Замин афтодаасту халос. Ин асари ба миқдори 94 ҳазор нусха ба забони русӣ чоп гардида, ба забонҳои англисӣ ва чехӣ низ тарҷума шуда буд” [15, с. 173 - 174].

Дар умум, гуфтан мумкин аст, ки яке аз марҳилаҳои муҳимтарини ташаккулёбӣ, фаъолияти илмӣ - педагогӣ ва ташкилотчигии Пӯлод Бобоҷонов дар даврони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад. Дар ин даврaҳо ӯ аз муҳаққиқи ҷавони Расадхонаи астрономӣ ба яке аз роҳбарони асосии илми астрономияи Тоҷикистон табдил ёфт. Пажӯҳишҳои ӯ доир ба метеорҳо, омӯзиши ҳаракат ва хусусиятҳои кометаҳо, мушоҳидаҳои фотографию радиолокатсионии метеорҳо, ташкили фаъолияти илмӣ ва тарбия ва ба камол расонидани кадрҳои ҷавони пешрафта, пешрафти ин соҳаҳо нақши муҳим ва муассир доштанд.

Аҳаммияти илмию таърихии Пӯлод Бобоҷонов дар он зоҳир мегардад, ки ӯ солҳои 1950 - 2020 ба рушди ояндаи илми астрономии мамлакат заминагузорӣ карда, мактаби бузурги худро созмон дод. Пӯлод Бобоҷонов дар ин раванд ҳамчун муҳаққиқ, омӯзгор, ташкилотчии илм ва тарбиятгари кадрҳои ҷавон баромад намуда, барои рушди минбаъдаи

астрономия ва астрофизика дар ҷумҳурӣ заминаи илмӣ ва кадрӣ фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, хотираҳои шогирдон нишон медиҳанд, ки академик Пӯлод Бобоҷонов на танҳо олими сатҳи баланд, балки устоди бузурги мактаби илмӣ буд, ки тавонист наслҳои зиёди муҳаққиқонро тарбия намояд ва барои рушди устувори астрофизика дар Тоҷикистон заминаи илмӣ ва инсонӣ фароҳам созад.

3.2. Фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии академик П. Б. Бобоҷонов

Яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти астрономӣ дар Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба омӯзиши метеорҳо, кометаҳо ва равандҳои физикие, ки ҳангоми воридшавӣ ба атмосфераи замин ба амал меоянд, бахшида шудааст. Ташаккул ва рушди ин самти таҳқиқот бо фаъолияти илмии як қатор олимони тоҷик, аз ҷумла академик Пӯлод Бобоҷонов, робитаи зич дошта, дар таърихи рушди астрономияи Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Табиат ва хусусияти метеорҳо ва падидаҳои ҳамроҳкунандаи ҳаракати ин ҷирмҳо дар атмосфераи Замин, траекторияҳои атмосферӣ, тобиш, ионизатсияи метеорҳо, мадорҳои геосентрикии метеорҳо, тақсимшавии моддаи метеорӣ дар фазои наздизаминӣ ва ниҳоят, пайдоишу таҳаввули тӯдаҳои метеорӣ ва ҷараёнҳои метеорӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳиме буданд, ки дар доираи фаъолияти илмии олимони тоҷик мавриди омӯзиши пайваста қарор гирифтанд. Ин самти таҳқиқот барои ташаккули заминаҳои нави мушоҳидавӣ ва назариявӣ дар астрофизикаи Тоҷикистон мусоидат намуда, ба рушди мактаби илмии метеории мамлакат замина гузошт.

Дар заминаи таҳқиқотҳои бисёрсолаи метеорҳо, ки бо истифода аз усулҳои аксбардорӣ, спектрографӣ, радиолакатсионӣ ва телевизионӣ анҷом дода шуданд, маълумоти фаровон дар бораи радиантҳо, суръатҳо, масса, зичӣ ва мадорҳои ҳазорҳо метеор ба даст оварда шуд. Ин

таҳқиқотҳо имконият фароҳам оварданд, ки параметрҳои физикӣ ва низоми шамолҳои қабати метеории атмосфераи Замин дар баландии 60-120 км муайян карда шавад. Ҳамзамон, ҷойгоҳи метеорҳо дар ионизатсияи атмосфераи болоӣ ва воридшавии моддаи метеорӣ ба ҷирмҳои осмонӣ, аз ҷумла Замин, Зуҳра ва Мирих хуб арзёбӣ гардид.

Дар рушди ин самти таҳқиқот нақши фаъолияти илмии академик Пӯлод Бобоҷонов муҳим арзёбӣ мегардад.

Пӯлод Бобоҷонов дар асари машҳури худ “Метеорҳо ва мушоҳидаи онҳо”, ки соли 1987 нашр шудааст, нуқтаи назари олимонро доир ба табиати метеорҳо омӯхта, натиҷаҳои ба даст овардаи худро дар китоб инъикос кардааст.

“Чунончӣ дар ин китоб оварда шудааст, тақрибан то асри XVIII нисбат ба бисёр ҳодисаҳои табиат, аз ҷумла метеорҳо, ақидаҳои Арасту ҳукмрон буданд. Дар китоби олими маъруфи олмонӣ И. Боде (1743 - 1826), ки соли 1823 бо номи “Роҳнамои омӯзиши осмони ситорадор” нашр шудааст оид ба метеорҳо чунин ақида баён гардида буд: падидаҳои “ситораҳои паррон” бояд берун аз тамоми абрҳо, дар баландтарин қабати атмосфера ба вуҷуд оянд, вақте ки омехтаи моддаҳои сабук ва сӯзанда дар зери таъсири барқи атмосфера ё дар натиҷаи ферментатсия ва таҷзияи химиявӣ ногаҳон оташ мегирад ва сипас ба таври амудӣ ба поён меафтад” [65, с. 25]

Ба ақидаи Пӯлод Бобоҷонов чунин ҳодисаҳо, аз ҷумла машъалҳо, сутунҳои оташин ва дигар метеорҳои равшан, эҳтимолан қисман хусусияти ба сангҳои осмонӣ монандӣ дошта, танҳо аз рӯйи андоза аз онҳо фарқ мекунанд. Қисми дигари онҳо метавонанд аз бухорҳои ғафс ва вазнини қабатҳои поёнии ҳаво ба вуҷуд оянд. Ин бухорҳо дар натиҷаи ферментатсияи моддаи ибтидоии худ нури фосфорӣ паҳн намуда, зери таъсири шамол шаклҳои гуногун гирифта, ҳаракат мекунанд. Баъзан ин ҳодисаҳо умуман метеор набуда, аз ҳашароти равшанкунандае ба вуҷуд меоянд, ки шабона гурӯҳ - гурӯҳ парвоз мекунанд. Баъзан шабона

инчунин тӯбҳои бузурги оташин ва дурахшонро дидан мумкин аст, ки бо суръати хеле баланд дар ҳаво ҳаракат мекунанд.

Бо вуҷуди ин, табиатшиносони муосир тадриҷан аз ақидаи он ки чунин ҳодисаҳо маҳсули бухоршавии атмосфераи Замин мебошанд, даст кашида, онҳоро, чунон ки қаблан Галлей низ тахмин карда буд, ҷисмҳои махсуси кайҳонӣ меҳисобиданд. Мувофиқи ин ақида, чунин ҷисмҳо дар фазои кайҳонӣ зери таъсири қувваи ҷозиба ба ҳам ҷамъ шуда, маҷмӯи муайянро ташкил медиҳанд ва Замин ҳангоми ҳаракати худ дар фазо бо онҳо бархӯрд мекунад.

Солҳои 1950 - 1951 барои мушоҳидаи метеорҳо камераҳои сернури “Супер - Шмидт” сохта шуданд. Бо ёрии онҳо солҳои 1951 - 1953 метеорҳои то +3,5 m аксбардорӣ гардиданд, яъне қариб дар ҳамон диапазони равшанӣ, ки ҳангоми мушоҳидаҳои визуалӣ ба қайд гирифта мешуд. Коркарди аксҳо нишон дод, ки агар метеорҳои гиперболӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, ҳиссаи онҳо хеле кам буда, аз 1 фоиз зиёд нест. Ҳамин тавр, фарзияи мавҷудияти синфи васеи метеорҳои гиперболӣ рад карда шуд.

Аз соли 1938 дар Душанбе, дар Расадхонаи агрономии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои мунтазами аксбардории метеорҳо оғоз гардиданд. Барои иҷрои ин мақсад дар Донишкадаи давлатии астрономии ба номи П. К. Штернберг метеорпатрули махсус таҳия ва сохта шуд, ки аз чор агрегати алоҳида иборат буд. Ҳар як агрегат аз ҳафт камера бо объективҳои “Индустар - 7” иборат буд. Камераҳои як агрегат қариб 1100 дараҷаи мураббаъ майдони осмонро аз зенит то масофаи зенитии 50° дар ҳамаи самтҳо аксбардорӣ мекарданд. Се агрегати патрул, ки яке аз онҳо ба насби параллактикӣ бо механизми соатӣ васл шуда буд, дар ҳудуди расадхона ҷойгир гардиданд. Обтюратори чорсектора, ки дар болои яке аз агрегатҳо насб шуда буд, дар як сония 16 маротиба объектҳои камераҳоро мепӯшонд ва барои муайян намудани суръати метеор хизмат мекард.

Агрегати сеюм дар нуқтаи асосӣ барои гирифтани спектрҳои метеорҳо истифода мешуд. Агрегати чорум дар масофаи 38 км аз расадхона ҷойгир шуда, барои муайян кардани баландӣ ва радиантҳои метеорҳо имконият фароҳам меовард.

Солҳои 1939 - 1954 бо истифода аз ин метеорпатрул дар давоми 1415 соати корӣ 161 метеор аксбардорӣ карда шуд, ки аз онҳо 105 - тояш, ё 65 фоиз, аз ду нуқта мушоҳида гардида буданд. Зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ва Л. А. Катасев радиантҳо, баландӣ, суръат ва мадорҳои 73 метеор муайян карда шуданд.

Соли 1950 дар робита бо барномаи омӯзиши ҳамаҷонибаи фазои наздизаминӣ ва омодагӣ ба гузаронидани тадқиқот дар доираи Барномаи Соли Байналмилалии геофизикӣ таҳқиқоти метеорҳо бо истифода аз метеорпатрулҳои нав, инчунин усулҳои радиолокатсионӣ ва ченкуниҳои мустақим бо ёрии мушакҳои баландпарвоз ва моҳвораҳои маснуъ ба таври васеъ рушд ёфтанд.

Соли 1956 дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) метеорпатрули нав сохта шуд, ки аз 21 камераи дорои объективҳои “Уран - 9” иборат буда, ба насбҳои параллактикӣ васл карда шуда буданд.

Дар даҳсолаҳои минбаъда масъалаи сохтор ва табиати ҷисмҳои метеорӣ таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқонро ба худ ҷалб кард. Барои ҳалли ин масъала спектрҳои метеорҳо аҳаммияти калон доранд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки таркиби химиявии ҷисмҳои метеорӣ ва шароитҳои шуоъдиҳии онҳоро муайян намоем.

Аз соли 1964 дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла, ИМА, Чехословакия, Ҷумҳурии Демократии Олмон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Канада соли 1971 ва Британияи Кабир соли 1973, шабакаҳои стансияҳо барои аксбардории болидҳо таъсис дода шуданд. Мақсади асосии шабакаҳои болидӣ муайян намудани баландӣ, суръат, радиант ва

мадори болидҳое буд, ки баъзан бо афтидани метеоритҳо ҳамроҳӣ мешаванд.

Марказҳои омӯзиши метеорҳо бо усулҳои радиоӣ дар ИМА, Канада ва дигар кишварҳо таъсис дода шуданд. Дар ИМА У. Лиллер, Л. Маннинг, В. Эшлман ва дигарон, дар Канада П. Миллман, В. Макинтош ва дигарон дар ин самт фаъолияти назаррас доштанд. Тадқиқотҳои радиометеорӣ инчунин дар Австралия, Зеландияи Нав, Шветсия, Чехословакия, Ҳиндустон ва дигар давлатҳо гузаронида шуданд.

Дар Тоҷикистон аввалин шуда корҳои радиолокатсионии метеорҳоро Б. Ю. Левин роҳбарӣ мекард. Ӯ якҷо бо П. О. Чечик соли 1946 мушоҳидаҳои радиолокатсионии ҷараёни метеории Драконидҳоро анҷом дод. Соли 1953 дар Томск зери роҳбарии Е. И. Фиалко мушоҳидаҳои таҷрибавии радиоии метеорҳои Персеидҳо ва Геминидҳо оғоз гардида, соли 1956 таҷҳизоти махсус барои мушоҳидаҳои радиолокатсионии метеорҳо сохта шуд.

Дар Қазон мушоҳидаҳои мунтазами метеорҳо бо усули радиоӣ зери роҳбарии К. В. Костилев гузаронида мешуд. Чанде баъд чунин мушоҳидаҳо дар Душанбе низ ба роҳ монда шуданд, ки ба ин мактаб Пӯлод Бобоҷонов роҳбарӣ мекард.

Мушоҳидаҳои радиолокатсионии метеорҳо махсусан дар Харков самаранок гузаронида мешуданд. Бо истифода аз таҷҳизоти аслии таҳияшуда зери роҳбарии профессор В. Л. Кашеев суръати метеорҳо, суръат ва самти дрейфи изҳои метеорӣ ва параметрҳои атмосфера бо муваффақият муайян карда шуданд. Пас аз чанд сол муайян намудани радиантҳои инфиродӣ ва мадорҳои ҷисмҳои метеорӣ низ ба роҳ монда шуд.

Дар солҳои минбаъда таҳқиқоти радиолокатсионии метеорҳо дар Тоҷикистон боз ҳам васеъ гардиданд. Аз соли 1957 ченкунии мунтазами фаъолияти метеорӣ, омӯзиши физикаи падидаҳои метеорӣ ва атмосфераи болоии Замин аз рӯйи мушоҳидаҳои радиоии изҳои метеорӣ, муайян

кардани радиантҳо, баландӣ, суръат ва мадорҳои метеорҳо дар доираи барномаи Соли байналмилалии геофизикӣ (1957 - 1958) ва баъдан дар доираи лоиҳаҳои ҳамкории байналмилалии геофизикӣ (1959), Соли байналмилалии Офтоби ором (1964 - 1965), Соли байналмилалии Офтоби фаъол (1969) ва дигар барномаҳо гузаронида шуданд, ки ба ин лоиҳаҳо бевосита Пӯлод Бобоҷонов роҳбарӣ мекард.

Дар ин таҳқиқотҳо олимони Қазон, Харков, Минск, Душанбе, Киев, Ашқобод, Фрунзе ва Томск иштирок намуданд. Ин шаҳрҳо дар солҳои минбаъда низ марказҳои фаъоли таҳқиқоти радиометеорӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Дар натиҷаи таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки як қатор масъалаҳои астрономияи метеорӣ ва геофизика, аз ҷумла тақсимоти радиантҳо дар нимкураҳои шимолӣ ва ҷанубии осмон, воридшавии моддаи метеорӣ ба Замин, тақсимоти он дар фазои наздизаминӣ ва махсусан масъалаҳои гардиши глобалии атмосфераро метавон тавассути мушоҳидаҳои бисёрсолаи ҳамзамони метеорҳо аз якчанд нуқтаи аз ҳамдигар аз рӯйи арз ва тӯл хеле дур ҷойгиршуда ҳал намуд.

Дар раванди ташаккули шабакаи стансияҳои радиометеорӣ чунин вазъият ба вуҷуд омад, ки то охири солҳои 1960 қисми асосии стансияҳои мушоҳидавӣ дар арзҳои миёнаи нимкураи шимолӣ, тақрибан 38° - 55° арзи шимолӣ, инчунин дар Арктика ва Австралия, тақрибан 35° арзи ҷанубӣ ҷойгир буданд. Дар ҳамин ҳол маълумоти мушоҳидавӣ оид ба ҳаракати атмосфераи болоӣ дар минтақаи экваторӣ қариб вуҷуд надошт.

Аз ин рӯ, бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои ҳаракати атмосфераи болоӣ дар минтақаи экваторӣ, инчунин муайян намудани радиантҳо ва суръати метеорҳо дар нимкураҳои шимолӣ ва ҷанубии осмон, солҳои 1968-1970 бо ташаббуси узви вобастаи Академияи илмҳои СССР В. В. Фединский экспедитсияи метеории экваторӣ Шуравӣ дар Сомалӣ ташкил карда шуд.

Иҷрои барномаи корҳои экспедитсия ба Институти астрофизикаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ва Институти политехникии Харков супорида шуд. Дар давоми ду сол зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ва профессор Б. Л. Кашеев экспедитсия дар Африқои экваторӣ, дар координатаҳои тақрибан 2° арзи шимолӣ ва 45° тӯли шарқӣ, мушоҳидаҳои коплексии метеорҳо анҷом дода шуд.

Дар натиҷаи фаъолияти дусолаи экспедитсия ва мушоҳидаҳои радиолокатсионии метеорҳо, ки дар Душанбе ва Харков гузаронида мешуданд, маълумоти нодир оид ба динамикаи атмосфераи болои экватор, сохтори нозуки ҳаракати атмосфера ва муқоисаи воридшавии моддаи метеорӣ ба нимкураҳои ҷанубӣ ва шимолии Замин ба даст оварда шуданд.

Барномаи омӯзиши фазои наздизаминӣ парвозҳои инсонро ба кайҳон пешбинӣ мекард. Ин масъала ҳалли як қатор масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла арзёбии хатари метеорӣ барои моҳвораҳои маснуъ ва киштиҳои кайҳониро талаб менамуд. Омӯзиши муҳити метеоридии наздизаминӣ бо истифода аз датчикҳои гуногун, ки дар мушакҳои баларндпарвоз ва моҳвораҳои маснуъи Замин насб карда мешуданд, аз солҳои 1950 оғоз гардид. Ин датчикҳо зарбаҳои зарраҳои метеориро ба қайд мегирифтанд. Таҳияи датчикҳои зарбаи зарраҳои метеорӣ ва коркарди натиҷаҳои ченкунӣ дар Тоҷикистон зери роҳбарии Т. Е. Назарова анҷом дода мешуд.

Соли 1958 дар Москва Ассамблеяи Кумитаи махсуси Соли байналмилалии геофизикӣ баргузор гардид. Муҳаққиқони Шуравӣ, ки ба омӯзиши метеорҳо машғул буданд, дар кори он фаъолона иштирок карданд. Аз ҷумла, хулосаи муҳиме ба даст омад, ки хатари метеорӣ барои кайҳоннаварде, ки ҳангоми баромадан ба фазои кушод дар скафандр қарор дорад, ниҳоят ночиз мебошад.

Аз замони парвози таърихии Юрий Алексеевич Гагарин ба кайҳон то соли 1987 зиёда аз чоряк аср гузашта буд. Дар ин муддат зиёда аз сад

нафар инсон ба кайҳон парвоз карда, баъзе аз онҳо муддати тӯлонӣ дар мадор қарор доштанд ва ба фазои кушод баромаданд. Дар натиҷаи бархӯрди зарраҳои метеорӣ ягон кайҳоннавард осеб надидааст.

Афзоиши дарозии масирҳои кайҳонӣ ва зиёд шудани давомнокии парвозҳо омӯзиши минбаъда ва амиқтари метеорҳо ва моддаи метеориро дар фазои байнисайёравӣ бо усулҳои гуногун талаб мекунад.

Аз соли 1980 дар доираи барномаи байналмилалии ГЛОБМЕТ - Низоми байналмилалии мушоҳидаҳои метеорӣ таҳқиқот гузаронида мешавад, ки дар он олимони Шуравӣ, махсусан Пӯлод Бобоҷонов иштирок намуданд. Барномаи мазкур, ки барои давраи на камтар аз як даври фаъолияти Офтоб, яъне солҳои 1980 - 1990, пешбинӣ шуда буд, ҳадафи пурзӯр намудани таҳқиқот дар соҳаи астрономияи метеорӣ ва геофизика, истифодаи васеи дастовардҳои навтарини илмӣ ва техникии ин соҳа ва густариши ҳамкории байналмилалӣ дар омӯзиши метеорҳоро дошт.

Вазифаҳои астрономии барномаи ГЛОБМЕТ аз таҳияи моделҳои воридшавии моддаи метеорӣ ба Замин барои диапазонҳои гуногуни масса, омӯзиши тақсимоти моддаи метеорӣ дар фазои наздизаминӣ ва тақсимоти радиантҳо, инчунин дақиқ намудани сохтори ҷараёнҳои метеории Квадрантидҳо, Геминидҳо, Персеидҳо, Эта-Аквaридҳо, Орионидҳо ва дигар ҷараёнҳо иборат буданд.

Вазифаҳои геофизикии ГЛОБМЕТ таҳияи моделҳои гардиши байналмилалии атмосфера дар минтақаи метеорӣ ва робитаи он бо равандҳои қабатҳои поёнтар, инчунин таҳқиқи робитаи гардиши атмосфераи Замин бо фаъолияти Офтобӣ ва геомагнитӣ буданд.

Дар татбиқи барномаи ГЛОБМЕТ коллективҳои илмии муассисаҳои академӣ, донишгоҳҳо ва дигар ташкилотҳои таҳқиқотии метеорӣ дар Харков, Душанбе, Қазон, Ашқобод ва дигар марказҳо фаъолона иштирок мекарданд.

Илми метеории Шуравӣ дар чунин самтҳо мавқеи пешсафро ишғол менамуд: таҳияи комплексҳои автоматикунонидашудаи радиометеорӣ; омӯзиши равандҳои глобалии гардиш дар атмосфераи болоӣ; таҳқиқи сохтори маҷмӯи метеорӣ дар наздикии мадори Замин; омӯзиши алоқаи радиометеорӣ; таҳқиқи таъсири мутақобилаи ҷисмҳои метеорӣ бо атмосфераи Замин дар асоси аксбардории фаврӣ ва спектографияи метеорҳо; истифодаи мушоҳидаҳои параллелии оптикӣ ва радиолокатсионӣ; таҳияи назарияи физикии падидаҳои метеорӣ, ки дар ин масир Пӯлод Бобоҷонов яке аз пешсафон маҳсуб меёфт.

Таҳқиқоти метеорӣ дар Тоҷикистон даврае густариш ёфт, ки астрономияи мушоҳидавӣ ва усулҳои нави таҷрибавии омӯзиши ҷирмҳои осмонӣ ба таври босуръат инкишоф ёфтанд. Омӯзиши метеорҳо имконият фароҳам овард, ки на танҳо хусусиятҳои худи ҷисмҳои хурди кайҳонӣ, балки ҳолати физикии қабатҳои болоии атмосфера низ таҳқиқ карда шавад. Аз ин ҷиҳат, корҳои анҷомшуда аҳаммияти ҳам астрономӣ ва ҳам геофизикӣ доштанд.

Яке аз дастовардҳои муҳими ин самт татбиқи «усули аксбардории фаврии метеорҳо» мебошад. Ин усул имконият дод, ки бори аввал дар ҷаҳон тасвирҳои фаврии метеорҳо ва спектри онҳо бо экспозитсияи 0,00056 сония ба даст оварда шуда, падидаи пора - пора шудани ҷирмҳои метеорӣ муқаррар карда шавад. Аҳаммияти ин натиҷа танҳо бо доираи таҳқиқоти метеорӣ маҳдуд нашуда, барои рушди минбаъдаи омӯзиши физикаи метеорҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ ва дигар кишварҳо низ замина фароҳам оварад.

Натиҷаи чунин таҳқиқотҳо барои ташаккули самтҳои нави илмӣ дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон доштанд. Дар ин замина, номи академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун яке аз олимони барҷастаи астрономии тоҷик бо рушди таҳқиқотҳои мушоҳидавӣ ва истифодаи имкониятҳои нави таҷрибавӣ дар омӯзиши падидаҳои кайҳонӣ пайваст мебошад.

Фаъолияти илмии ӯ ба таҳкими мавқеи Институти астрофизика ҳамчун яке аз марказҳои муҳими таҳқиқоти астрономӣ дар минтақа мусоидат намуд.

Мушоҳидаҳои аксбардорӣ ва радиолакатсионии метеорҳо, ки дар расадхонаи Ҳисор гузаронида шуданд, имкон доданд, ки ба робитаи байни шиддати тобиши метеор ва зичии ибтидоии электронии изи он диққати муайян дода шавад. Дар асоси мушоҳидаҳои радиолакатсионии садҳо ҳазор метеор, тақсимоти фазоии ҷараёнҳои ҳавоӣ дар қабати метеории атмосфера муайян гардида, равандҳои де-ионизатсионӣ пайҳои метеорӣ таҳқиқ шуданд. Ин натиҷаҳо барои омӯзиши динамикаи атмосфераи болои Замин аҳаммияти назаррас доштанд.

Бақайдгирии метеорҳои хеле суст бо истифода аз низоми радиотехникии «Горизонт» ва ҳамзамон таҳқиқи атмосфера тавассути истгоҳи автоматии ионосферӣ имкон дод, ки ҷойгоҳи метеорҳо дар ионизатсияи қабатҳои болоии атмосфераи Замин муайян карда шавад. Дар раванди чунин таҳқиқотҳо робитаи байни равандҳои атмосфера, ионосфера ва баъзе падидаҳои геофизикӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Кормандони Институти астрофизика зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов таъсироти сейсмоионосферириро муайян намуда, ба таҳияи усулҳои пешгӯии кутоҳмуддати заминҷунбиҳо оғоз карданд.

Яке аз самтҳои муҳими дигари таҳқиқотҳои илмӣ, ки аз ҷониби олимони Институти астрофизика гузаронида шаданд, ин омӯзиши таҳаввули тудаҳои метеорӣ, инчунин таҳаввули мадорҳои кометаҳои кутоҳдавр ва астероидҳои наздизаминӣ буд. Дар натиҷаи таҳқиқоти васеъмиқёс тасаввуроти нави илмӣ оид ба таҳаввул ва шакли тудаҳои метеорӣ ва динамикаи ҷараёнҳои метеорӣ ба вуҷуд омад. Муайян гардид, ки шумораи ҷараёнҳои метеорие, ки аз ҷониби як комета ба вуҷуд меояд, аз хусусиятҳои мадори комета ва буриши он бо мадори Замин вобаста мебошад.

Ҳамчунин Нишон дода шуд, ки аксари кометаҳои кутоҳдавр метавонанд чанд маротиба мадори заминро бурида гузаранд ва дар натиҷа барои ташаккули якчанд ҷараёни метеорӣ замина фароҳам оварад. Таҳқиқоти метеорӣ инчунин барои омӯзиши табиати баъзе астероидҳои наздизаминӣ аҳаммияти муҳим дошт. Аз рӯйи хусусиятҳои метеорӣ нишон дода шуд, ки як қатор астероидҳои наздизаминӣ метавонанд бо ядроҳои кометаҳои хомушшуда робитаи генетикӣ дошта бошанд.

Таҳқиқоти метеорҳо ва атмосфераи болои замин яке аз самтҳои муҳими ташаккул ва рушди астрономияи муосир дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин таҳқиқотҳо бо истифода аз усулҳои муосири мушоҳидавӣ, таҷҳизоти радиолакатсионӣ ва усулҳои нави коркарди маълумот имконият доданд, ки хусусиятҳои физикии метеорҳо ҳаракати онҳо, мадорҳои метеорҳо, динамикаи атмосфераи болоӣ ва равандҳои ионосферӣ ба таври комплексӣ омӯхта мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши муҳими амалии илмӣ доштанд. Онҳо барои ворид намудани маълумоти мушоҳидавии олимони тоҷик ба махзани байналмилалии маълумоти астрономӣ, густариши ҳамкориҳои илмӣ бо марказҳои хориҷӣ ва тарбияи насли нави муҳаққиқони соҳаи астрофизика замина гузошт. Дар ин раванди рушди астрономияи Тоҷикистон фаъолияти илмӣ Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун чеҳраҳои калидии ташаккули мактаби илмӣ дар Институти астрофизика мавқеи хос дорад.

Барои ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии академик Пӯлод Бобоҷонов баҳо додан зарур аст, ки тамоми паҳлуҳои васеъии корҳои илмии олимро зери назари таҳлил ва омӯзиш қарор дод.

Аввалин қадамҳои илмӣ - таҳқиқотии Пӯлод Бобоҷонов баъди хатми Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. Киров (соли 1950) оғоз мегардад. Пӯлод Бобоҷонов соли 1949 Институти давлатии омӯзгории Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

Бобоҷон Ғафуров) - ро хатм карда, ба фаъолияти илмӣ аз соли 1950 оғоз бахшида, баъдан дар Институти давлатии астрономии ба номи П. К. Штернберги назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов фаъолияти илмиашро идома дод.

Дар асоси таҳқиқотҳои илмии хеш ӯ масъалаи ҷудошавии метеороидҳоро аз ядрои кометаҳо ба масъалаи ҷудошавии синхронҳо, галосҳо, думҳои аномалӣ аз ядрои кометаҳо алоқаманд ҳисоб мекунад. Аз ҷумла, барои ин навъи ҳодисаҳои кометавӣ аз ҷониби ӯ қонунияти вобастагии байни ҷудошавии ҳиссачаҳо ва массаи онҳо муайян карда шудааст.

«Дар баробари ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ҳангоми омӯзиши суръати фавворазании метеоридҳо аз ядрои кометаи 1862 III нишон додааст, ки ҷиҳати ошкор кардани суръати ҳақиқии ҷудошавии метеоридҳо аз ядрои кометаҳо таҳаввули мадорҳои кометаҳо ва метеоридҳои аз таркиби ядрои онҳо ҷудошаванда бояд ба назар гирифта шавад. Ҷиҳати равшанӣ андохтан ба ин масъала зарурияти гузаронидани таҳқиқотҳо аз рӯи ҳаракати ошӯбангехтаи объектҳои омӯхташаванда дар воҳидҳои ниҳоят калони вақт пеш омада буд. Айнан бо ҳамин мазмун гузаронидани таҳқиқотҳо дар он давра ғайриимкон буд. Хушбахтона, пас аз даҳсолаҳо, бо дар амал татбиқ гаштани мошинҳои электронии ҳисоббарор ба П. Б. Бобоҷонов муяссар мегардад, ки ин орзӯи деринаи хешро амалӣ созад» [46, с. 3 - 9].

Соли 1954 Пӯлод Бобоҷонов рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Таҳқиқи суръати хориҷшавии модда аз ядроҳои кометаҳо (Оид ба масъалаи пайдоиши сели метеорӣ)» (Исследование скоростей извержения вещества из ядер комет: (К вопросу о происхождении метеорных потоков)) бо муваффақият дифоъ намуда, ба шаҳри Душанбе бозгашта, фаъолияти илмии хешро дар вазифаи ходими калони илмии Расадхонаи астрономии Сталинобод (ҳозира Душанбе) - и АИ ҶТ ва баъд аз соли

1958 ба ҳайси сарвари шуъбаи астрономияи метеории Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) идома мебахшад [50, с. 78 - 83].

Мавсуф, ба пешбурди усулҳои анъанавӣ ва нави мушоҳида аз рӯи метеорҳо ва болидҳо фаъолона машғул мешавад. Дар натиҷаи ин пажӯҳиш дар назди Пажӯҳишгоҳ таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ наззорони пурқуввати метеорӣ таҳия мегардад. Дар ин давра, диққати аввалиндараҷа ба сифат ва маълумотнокии мушоҳидаҳо равона карда мешавад. Ҳосили чунин саъю талошҳо аз рӯи мушоҳидаи метеорҳои дурахшон боиси ба даст овардани натиҷаҳои илмии аз ҳама ғанитар дар дунё мегардад.

«Натиҷаҳои таҳқиқотҳои метеорҳо дар Тоҷикистон ба тамоми олимони ҷаҳон маълум мебошанд. Аз ҷумла, каталог (феҳрист) - и мадорҳои метеорҳои дурахшон, таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи П. Б. Бобоҷонов мураттаб сохта, ба хазинаи ҷаҳонии Маркази метеории Лунд (дар Швецсия), дохил гаштааст. Барои аксарияти метеорҳои таҳқиқшуда, массаи метеоридҳои онҳоро бавуҷудоварда ва барои як қисми онҳо таркиби химиявӣ низ муайян карда шудааст» [50, с. 103 - 108].

Пӯлод Бобоҷонов дар баробари муайян намудани усули муқаррарии аксбардорӣ, ҳамзамон усули нави дигари аксбардорӣ ва спектрографии лаҳзавии шиҳобҳоро муайян намуд.

Истифода намудан аз ин усусл, дар ҷаҳон аввалин маротиба беш аз 3000 аксҳои лаҳзавии шиҳобҳо гирифта шуд, ки ин усул дар илм ба рушди омӯзиши ҳодисаҳои қайҳонӣ такон бахшид. Чунин вазъ боиси тарзи сифатан нави омӯзиши табиати ҳодисаҳои шиҳобҳо, гурӯҳбандӣ, муайян кардани андоза ва параҳои шиҳобҳо, таҷзияи ҷисмҳои шиҳобҳои ҳаҷман бузург, омӯзиши ҳаракат ва дараҷаи нурафшонии ҳар яки онҳо, муайян намудани бефосила тақсимшавии шиҳобҳо дар атмосфераи Замин ва муайян кардани андоза ва массаи параҳои аз онҳо бавуҷудомада гардид. Истифода кардан аз усули спектрографияи «Лаҳзавӣ» на танҳо ба муайян намудани сифати таркибӣ, балки ба

омӯзиши таркиби миқдории метеоридҳо мусоидат намуд. Ин натиҷаҳои нав дар солҳои 80-уми асри XX ба коркарди назарияи квазибефосилаи тақсимшавии метеоридҳо дар атмосфераи Замин оварда расонид [51, 52, с. 182 - 189, 192 - 199].

Ҷиҳати пурра таҳқиқ намудани метеор (шиҳоб) чун ҳодисаи партавафшонӣ ва ионизатсия, ки ҳангоми ба атмосфераи Замин дохил шудан ва заволи ҷисмҳои метеорӣ ба амал меояд, муайян намудани алоқамандии партавафшонӣ ва ионизатсия пеш меояд. Имконияти ҳалли масъалаи бамиёномада, танҳо дар баробари бақайдгирии метеорҳо тавассути системаҳои оптикӣ ва радиолокатсионӣ муяссар мегардид.

Бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои нав ва баланд дар ин самт, Пӯлод Бобоҷонов бо ҳамроҳии шогирдонашон бевосита дар Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ мушоҳидаҳои радиолокатсионии метеорҳоро ба роҳ монданд. Бартарии усули мушоҳидаи радиолокатсионии метеорҳо пеш аз ҳама дар он ифода мегашт, ки новобаста аз чӣ гуна будани вазъи обу ҳаво, дар кадом вақти шабонарӯзӣ набошад ҳам имконияти нисбатан бештари ба қайд гирифтани метеорҳоро фароҳам месозад. Ин усул ҳатто имкон медиҳад, ки метеорҳои бо мушоҳидаҳои аксбардорӣ дида нашаванда низ, пурра ба қайд гирифта шаванд. Ҳамчунин, имконияти комилан автоматикунонии раванди мушоҳидаҳо ва коркарди натиҷаҳои ба даст овардашуда, ки дар Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) руи кор омадаанд, дар маҷмуаи дастгоҳҳои МИР - 1 ва МИР - 2 бо истифодабарӣ аз Мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) татбиқи худро пайдо кардаанд. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки натиҷаҳои статистикии хеле зиёд доир ба баландӣ, суръат, радионҳо ва мадорҳои садҳо ҳазор метеорҳо ба даст оварда шаванд [62, с. 5 - 6].

Натиҷаи мушоҳидаҳои аксбардорӣ ва радиолокатсионӣ, ки бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи П. Б. Бобоҷонов дар Шуъбаи астрономияи метеории Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло

АМИТ) ба даст овардашудаанд, имкон доданд, ки зичии ҷисмҳои метеорӣ дар ҳайати селҳои гуногуни метеорӣ ва воридшавии моддаҳои метеорӣ ба Замин муайян карда шаванд.

Дар баробари доштани як қатор бартариҳо дар муқоиса бо дигар усулҳои мушоҳидавӣ, усули мушоҳидаи радиолокатсионӣ низ ба таври дақиқ таҳқиқ намудани мадорҳо ва массаҳои ҷисмҳои метеориро таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, дар ҳалли масъалаҳои муҳими астрономӣ зарурияти коркард ва татбиқи усули телевизионӣ ва ба қайд гирифтани ҳодисаҳои метеорӣ пеш меояд. Таҳти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов дар Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) воситаҳое сохта шудаанд, ки имкон медиҳанд, мушоҳидаи метеорҳо аз ду нуқта гузаронида, натиҷаҳои онҳо дар лентаи магнитӣ (тасмаи магнитӣ ё навори магнитӣ) сабт гардонида шаванд [61, с. 32].

Баъд аз гузаронидани таҳқиқотҳо бобати радиолокатсионии метеорҳо ва омӯзиши физикаи қабатҳои атмосфераи Замин дар марказҳои илмӣ усулҳои нави таҳқиқотӣ истифода бурда шуданд. Аз ҷумла, робитаи байни қабатҳои поёнии ионосфера, махсусан қабати Е, ва зарраҳои метеорӣ, таъсири мутақобилаи Офтоб ва Замин, инчунин робитаи байни қабатҳои ионосферӣ ва мавҷҳои сейсмикӣ мавриди омӯзиши махсус қарор гирифт. Ин самти таҳқиқот, махсусан дар охири солҳои 1970 - ум ва ибтидои солҳои 1980 - ум, аҳаммияти бештар пайдо намуд.

Бо ташаббуси академик Пӯлод Бобоҷонов ва ноиби директори Пажӯҳишгоҳи астрофизика, радиофизики варзида Лев Николаевич Рубцов дар расадхонаи Ҳисор маҷмӯи мураккаби таҷҳизоти радиофизикӣ ба истифода дода шуд. Ба ин маҷмӯъ, аз ҷумла, стансияи ионосферии наворгирии амудӣ (ВЗ), таҷҳизоти наворгирии нишебии қабатҳои атмосфераи Замин (ВНЗ) ва дастгоҳҳои махсус барои таҳқиқи инъикоси мавҷҳои радиоӣ (МҶС) дохил мешуданд. Мавриди истифода қарор додани таҷҳизоте, ки дар ҳамон давра яке аз дастгоҳи сатҳи

баланди илмӣ маҳсуб меёфт, имконият пайдо шуд, ки равандҳои физикие, ки дар қабатҳои гуногуни атмосфера ва ионосфера мегузаранд, бо саҳеҳият ва дақиқияти баланд муайян карда шаванд.

Бо роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов олими соҳаи физикаи атмосфераи Замин, номзади илмҳои физикаю математика Обидҷон Олимов параметри нави физикиро пешниҳод намуд, ки «нуқтаи буриш» ном гирифт. Ин нишондиҳанда хусусияти таъсири импулсҳои майдони электрикии дорои характери мавҷи сейсмикиро ба раванди ионизатсияи қабати Е-и ионосфера инъикос менамуд. Таҳқиқот нишон доданд, ки пайдоиши «нуқтаи буриш» дар ҷадвали тағйироти шабонарӯзии басомади ҳудудии қабати Е ва коҳиш ёфтани консентратсияи электронҳо метавонад ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои эҳтимолии фаъолияти сейсмикии шадид, аз ҷумла заминларза, баррасӣ гардад.

Натиҷаҳои мушоҳидаҳо нишон медоданд, ки пас аз ду - се шабонарӯзи пайдо шудани «нуқтаи буриш» ва афзоиши шумораи чунин ҳолатҳо дар нуқтаи мушоҳида, эҳтимоли ба амал омадани ҳодисаи сейсмикӣ зиёд мегардид. Ин натиҷаҳо барои омӯзиши робитаи байни равандҳои атмосфера, ионосфера ва фаъолияти сейсмикии Замин аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти анҷомдодаи устоду шогирдро метавон яке аз дастовардҳои назарраси илмии Пажӯҳишгоҳи астрофизика дар охири солҳои 1970 - ум ва ибтидои солҳои 1980 - ум арзёбӣ намуд [80, с. 265 - 271].

Дар баробари таҳқиқоти ионосферӣ, кормандони илмии Шуъбаи астрономияи метеории таҳти роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов солҳои зиёд ба омӯзиши эволютсияи сели метеорҳо таҳти таъсири қувваҳои ҷозибавӣ ва ғайриҷозибавӣ машғул буданд. Ҳамзамон, эволютсияи мадори кометаҳо ва астероидҳои гурӯҳҳои Аполлон, Амур ва Атон низ мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо доир ба тарқиби шиҳобҳо, хусусиятҳои динамикӣ ва

давомнокии туманнокии онҳо маълумотҳои илман асоснокшуда ба даст оварда шуд.

Муҳаққиқон нишон доданд, ки баъзе сели метеорӣ метавонанд дар вақтҳои гуногуни сол ва аз радиантҳои гуногун фаъол шаванд. Агар пайдоиши сели метеорӣ танҳо ба кометаҳо вобаста бошад, мебоист шумораи сели метеорӣ ба шумораи кометаҳои даврӣ мутаносиб ё наздик ба он мебуд. Аммо натиҷаҳои мушоҳидаҳо нишон медоданд, ки шумораи сели метеорӣ аз шумораи кометаҳои маълум зиёдтар мебошад. Таҳқиқоти Пӯлод Бобоҷонов ва шогирдони ӯ ба ошкор намудани омилҳои пайдоиш ва эволютсияи чунин сели метеорӣ мусоидат намуданд.

Гарчанде радиолокаторҳо, наззорони аксбардор ва воситаҳои телевизонии мушоҳидакунанда ва бақайдгирандаи ҷисмҳои гуногуни метеорӣ имконияти ба қайд гирифтани метеорҳои тира ва дурахшонро таъмин карда бошанд ҳам, минбаъд таваҷҷуҳи олимонро дар ин соҳа метеорҳои дорои партавафшонии хеле баланд, метеоридҳои болид ҳосилкунанда ба худ ҷалб менамоянд. Ба П. Б. Бобоҷонов муяссар мегардад, ки мушоҳидаҳои болидҳоро низ ба роҳ монад. Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, алалхусус, таҷрибаи пешқадами олимони собиқ Чехословакия, дар Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) нуҳ адад воситаҳои наворбардорӣ дорои объективҳои типи «Чашми моҳӣ» ба кор дароварда шудаанд. Ҳамин тавр, таҳқиқи метеорҳо ва метеоридҳо дар Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) характери комплексиро касб намуда, минбаъд ба кормандони ин маркази илмӣ имконияти муайян намудани ҷисмҳои метеории ором массаҳои дар худуди $10^3 \sim 10^6$ г хобида, фароҳам мегардад.

«Дар баробари усули оддии суратгирӣ П. Б. Бобоҷонов усули нави ба таври фаврӣ сурат гирифтан ва спектрографияи метеорҳоро кор карда баромад. Насби беназири 16 камераи ҳавоӣ имкон дод, ки тасвирҳои метеорҳои дурахшон бо экспозитсия то $5,6 \times 10^{-4}$ сония гирифта шаванд.

Бо ёрии он бори аввал дар ҷахон зиёда аз 3000 тасвири фаврии метеорҳо ба даст оварда шуд, ки ин имкон дод физикаи ҳодисахои метеорӣ аз мавқеи сифатан нав таҳқиқ карда, классификатсия тартиб додашуда, андозаи комаи равшанибахш муайян карда шавад» [85, с. 17 - 22].

Натиҷаҳои ба дастомада заминаи хуби илмӣ маҳсуб ёфтанд, ки соли 1980 назарияи нурпошии квазипайвастаи шиҳобҳо дар ҳудуди атмосфераи замин муайян карда шаванд. Пӯлод Бобочонов бо истифода аз ин назария усули таҳлили раҳҳои рӯшноиро муайян намуда, дар амал ҷорӣ кард. Ӯ маълум карда тавонист, ки ҳодисаи илман асоснокшудаи думҳои метеорҳо, ки бо услуби махсуси илмӣ муайян шудааст, асоснок намояд.

«Барои чуқуртар омӯхтани метеор ҳамчун ҳодисаи дурахшанда ва ионизатсия, ки дар атмосфераи Замин ҳангоми ҳуҷум ва несту нобудшавии ҷисмҳои метеорӣ ба амал меояд, алоқаи байни шуоъ ва ионизатсияро муайян кардан лозим буд. Ин танҳо дар сурати дар як вақт ба қайд гирифтани метеорҳо бо системаҳои оптикӣ ва радарӣ имконпазир аст. Таҳти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон низ мушоҳидаҳои радарии ҳодисаҳои метеорҳо ташкил карда шуданд. Афзалиятҳои усули радарӣ ин мустақилият аз шароити обу ҳаво, вақти рӯз, қобилияти бақайдгирии метеорҳо ва ба мушоҳидаҳои аксбардорӣ то +6 балл бартарӣ дорад. Инчунин, имкони автоматикунонии пурраи мушоҳида ва коркарди ҷирмҳои наздизаминӣ дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон дар комплекси аппаратураи МИР - 1 ва МИР - 2 бо компютер ба амал бароварда шуданд» [83, 84, с. 3 - 12, 17 - 20].

Самти дигари муҳими фаъолияти илмии академик Пӯлод Бобоҷонов омӯзиши метеорҳои хеле дурахшон - болидҳо буд. Ӯ таҷрибаи илмии бадастовардаи як қатор кишварҳоро дар ин самт омӯхта, аҳаммияти мушоҳидаҳои фотографии болидҳоро ба хубӣ дарк намуда буд. Ба

андешаи ӯ, мушоҳидаҳои дақиқи фотографӣ имконият медиҳанд, ки яке аз масъалаҳои муҳими метеоршиносӣ ин муайян намудани траекторияи ҳаракати болид, эҳтимолияти ҷойи афтидани пораҳои боқимондаи он ба сатҳи Замин ва ҷустуҷӯи метеоритҳо ҳал карда шавад [122, с. 88].

Масъалаи мазкур барои Тоҷикистон аҳаммияти хос дошт. Тоҷикистон кишвари асосан кӯҳсор буда, қисми зиёди ҳудуди онро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва дарёфти боқимондаҳои ҷисмҳои осмонӣ, махсусан метеоритҳо, дар чунин шароити релефӣ хеле душвор мебошад. Бо вуҷуди ин, масъалаи муайян намудани таркиби химиявии болидҳо ва метеоритҳо, муқоисаи онҳо бо ҳамдигар, муайян кардани пайдоиши ин ҷисмҳо ва ҳисоб намудани баъзе унсурҳои мадории ҷисмҳои осмонӣ яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти метеории Пӯлод Бобоҷонов ба ҳисоб мерафт.

Таҷрибаи байналмилалӣ низ аҳаммияти чунин таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Масалан, соли 1999 олимони Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Чехословакия бо истифода аз таҷҳизоти махсуси мушоҳидаи метеорӣ акси болиди хеле дурахшонро ба даст оварданд. Дар асоси ҳисобҳои траекторияи ҳаракати он унсурҳои мадорӣ ва эҳтимолии ҷойи афтидани боқимондаҳои болид муайян карда шуда, барои дарёфти метеорит тадбирҳои ҷустуҷӯӣ анҷом дода шуданд.

Натиҷаҳои илмие, ки Пӯлод Бобоҷонов тули солҳои зиёд ба даст оварда буд, дар асари бунёдии вай бо номи «Метеорҳо ва боқимондаҳои онҳо», ки соли 1987 дар нашриёти «Наука» - и шаҳри Москва ба табъ расида буд, ҷамъбаст гардидааст. Ин асар яке аз корҳои муҳими илмии ӯ дар соҳаи метеоршиносӣ ба шумор рафта, барои мутахассисони соҳа аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошт. Асар ба забонҳои англисӣ ва чехӣ низ тарҷума гардида, доираи истифода ва шинохти байналмилалии натиҷаҳои илмии муаллифро васеъ намуд.

20 октябри соли 2000 бо иштироки роҳбарияти Академияи илмҳои Тоҷикистон ва намояндагони зиёиёни пешқадами мамлакат 70 - солагии

академик Пӯлод Бобоҷонов бо тантана таҷлил гардид, ки дар он зумураи олимони ватанӣ ва хориҷӣ иштирок намуданд. Дар маросими ҷашнӣ намояндагони муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ ва марказҳои илмии хориҷӣ ширкат варзида, нақши арзандаи ӯро дар рушди астрономия ва астрофизикаи тоҷик таъкид намуданд.

Бо дарназардошти он ки Пӯлод Бобоҷонов хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров буд, намояндагони олимони шаҳри Хуҷанд, шогирдон ва ҳамсабақони ӯ низ дар ин чорабинӣ ширкат намуда, соҳибҷашнро табрик карданд. Дар раванди таҷлил аз ҷашни 70 - солагии олим, номаҳои шодбошӣ аз намояндагони мақомотҳои давлатӣ, дастгоҳи Ҳукумати мамлакат, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои илмии зертобеи он, ҳамзамон як зумура олимони табиатшинос аз мамолики ҷаҳон ба унвони вай ирсол гардиданд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар ҳаёти илмии Пӯлод Бобоҷонов соли 1998 ба қайд гирифта шуд. Бо қарори мақомоти байналмилалии астрономӣ яке аз сайёраҳои хурди системаи Офтобӣ бо номи «Бобоҷонов» номгузорӣ гардид. Ин рӯйдод на танҳо эътирофи байналмилалии фаъолияти илмии олими тоҷик, балки нишонаи саҳмгузории назарраси ӯ дар рушди астрономияи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои 1992 - 2002 мушоҳидаи болидҳо дар якчанд нуқтаҳои мушоҳидавии Пажӯҳишгоҳи астрофизика ва расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, мушоҳидаҳо дар расадхонаи астрономии Ҳисор, ки дар наздикии маҳалли ҷойгиршавии Пажӯҳишгоҳ воқеъ буд, инчунин дар ноҳияи Ғончӣ ва шаҳри Хуҷанд анҷом дода мешуданд. Ташкили чунин шабакаи мушоҳидавӣ имконият фароҳам овард, ки болидҳо аз нуқтаҳои гуногуни ҷуғрофӣ сабт гардида, маълумоти нисбатан дақиқтар оид ба траектория ва хусусиятҳои физикии онҳо ба даст оварда шавад [123, с. 312 - 320].

Соли 1992 Пӯлод Бобоҷонов бори дигар ба вазифаи директори Пажӯҳишгоҳи астрофизика таъйин гардид. Дар ин давра ӯ ба масъалаи таҳкими фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии муассиса ва нигоҳдории заминаи моддию техникии он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Бо мақсади шиносоӣ бо вазъи фаъолияти лабораторияи ионосферии Хуҷанд, ки ҳамчун филиали лабораторияи ионосферии Пажӯҳишгоҳи астрофизика дар назди факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд фаъолият мекард, инчунин муайян намудани имконияти ташкили минбаъдаи корҳои мушоҳидавии болидҳо, ӯ ба шаҳри Хуҷанд сафар намуд.

Ин давра барои рушди муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ бо мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳамроҳ буд. Вазъи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ба фаъолияти як қатор корхонаҳо ва муассисаҳо, аз ҷумла сохторҳои илмӣ, таъсири манфӣ расонида буд. Маҳдуд шудани имкониятҳои нақлиётӣ ва душвор гардидани рафтуомади кормандон зарурати аз нав ба тартиб даровардани инфрасохтори илмиро ба миён овард. Дар ҳамин шароит қисми таҷҳизотҳои радиофизикии озмоишгоҳ ба шаҳри Хуҷанд интиқол дода шуда, дар бинои пешинаи факултети таълими методика ҷойгир карда шуд.

Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, фаъолияти илмӣ дар самтҳои метеоршиносӣ, ионосферика ва омӯзиши физикаи атмосфера қатъ нагардид. Ин тадбирҳо барои нигоҳ доштани иқтидори илмии Пажӯҳишгоҳ, идомаи корҳои мушоҳидавӣ ва фароҳам овардани замина барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти астрофизикӣ ва радиофизикӣ аҳаммияти муҳим доштанд.

«Аз соли 1957 инҷониб мушоҳидаҳои метеорҳо имкон доданд, ки таҳқиқотҳо аз рӯйи хусусиятҳои физикии атмосфераи Замин дар минтақаҳои метеорӣ, яъне дар баландиҳои 80 - 120 км, дар доираи як қатор барномаҳои байналхалқӣ: Соли байналхалқии геофизикӣ (СБГ), Соли Офтоби ором (СОО), Соли байналхалқии Офтоб (СБО), Барномаи байналхалқии омӯзиши атмосфераи миёна, системаи глобалии таҳқиқи

метеорҳо ва ғайра амалӣ карда шаванд. Дар доираи ин барномаҳои сатҳи ҷаҳонӣ натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ ба даст оварда шудаанд» [122, с. 108].

Дар ҳамин давра Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) худро ба ҳайси маркази илмии пешбари собиқ СССР ва давлатҳои аъзои ИДМ доир ба омӯзиши моддаҳои метеорӣ муаррифӣ менамояд. Ширкат варзидани П. Б. Бобоҷонов ба сифати директори Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) дар барномаҳои байналхалқии номбурда, боиси такмил ёфтани қобилияту маҳорат ва кордонии кормандони ин Пажӯҳишгоҳ то дараҷаи байналхалқӣ гардида, бевосита ба фаъолияти илмии минбаъдаи эшон таъсири мусбат мерасонид. Айнан, баъд аз татбиқи чунин таҳқиқот соли 1968 Комитети байналхалқии геофизикии АИ СССР Пӯлод Бобоҷоновро роҳбари экспедитсияи экваториалии Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар Ҷумҳурии Сомалӣ мегузашт, пешниҳод ва таъйин менамояд, ки то соли 1970 ӯ ба ин экспедитсия роҳбарӣ мекард.

«Зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов ба ҳайати экспедитсионии экваториалии Иттиҳоди Шуравӣ муяссар мегардад, ки даври дусолаи мушоҳидаҳои метеорӣ, дрейфи изҳои метеорӣ ва гуногунҷинсии ионосфераро дар Африқои экваториалӣ ба анҷом расонад» [153, с. 208 - 216].

Маҳз дар ҳамин давра мушоҳидаҳои мазмунан якхелаи метеорҳо ва ионосфера дар шаҳрҳои Душанбе ва Харков метеорҳо ва ионосфера гузаронида шуд, ки дар ҷамъбасти он натиҷаҳои ҳам астрономӣ ва ҳам геофизикӣ ба даст оварда шуд.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои якҷоя натиҷаҳои ба даст омада имкониятҳои навинеро фароҳам сохтанд, ки дар раванди таҳқиқотҳои баъдӣ заминаи хубе маҳсуб меёфт. Аз он ҷумла, маълум кардани параметрҳои дохилшавии раванди моддаҳои метеорӣ ба шимол ва ҷануби Замин, омӯхтани қонуниятҳои умумии гардиши атмосфера дар

баландиҳои 80 - 120 километр, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додани ҷойгиршавии радиантҳои метеорӣ дар минтақаи экватории кураи осмон ва тартиб додани феҳристи садҳо ҳазор метеорҳои хурд имконпазир гардид. Натиҷаҳое, ки дар раванди омӯзиш ба даст оварда шуданд, бобати таҳияи модели тақсимшавии моддаҳои метеорӣ дар наздикии Замин, ҳамчун заминаи илмӣ истифода мешуданд. Модели мазкур аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, дар низоми стандартҳои давлатии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ мақоми дахлдорро соҳиб буд [138, с. 40 - 50].

Соли 1970 Пӯлод Бобоҷонов дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносов рисолаи докториашро зери унвони «Таҳқиқи ҳодисаҳои метеорӣ дар асоси мушоҳидаҳои аксбардорӣ» (Исследование метеорных явлений на основе фотографических наблюдений) бо муваффақият дифоъ намудааст. Дар рисолаи докторӣ ӯ натиҷаи илмӣ доир ба таҳлили мушоҳидаҳои муқаррарии аксбардорӣ, аскбардориҳои «Лаҳзавӣ» ва радиолокатсионӣ дар ш. Душанбе амалӣ гардонидашуда, пешкаш карда шудаанд.

«Ба ӯ муяссар гардидааст, ки таносуби байни бузургии партавафшонӣ ва ионизатсияи метеорҳоро муайян намуда, шкалаҳои аксбардорӣ ва радиолокатсионии ба қайдгирандаи массаи метеорҳоро мувофиқ гардонад. Аз ҷониби П. Б. Бобоҷонов селҳои нави метеорӣ ошкор карда шуда, мадорҳои селҳои таҳқиқшуда муайян карда шудаанд. Аввалин маротиба таснифоти метеорҳо дар асоси натиҷаи мушоҳидаҳои аксбардорӣ бо усули экспозитсияҳои «Лаҳзавӣ» ба амал оварда шудааст» [78, с. 22 - 30].

Таҳқиқотҳои Пӯлод Бобоҷонов бобати маълум кардани якчанд самтҳои нави омӯзиши метеорҳо ҳамчун заминаи бузурги илмӣ истифода карда шуданд.

Дар соли 1972 Пӯлод Бобоҷонов роҳбари гурӯҳи кории Шурои астрономии АИ СССР доир ба масъалаи «Моддаи метеорӣ» интихоб гардида, Пажӯҳишҳои астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) бошад,

ҳамчун мутобиқаткунандаи (Ҳамоҳангсоз) (координатор) - и таҳқиқотҳо дар соҳаи метеорҳо дар ҳудуди СССР муайян карда мешавад. Муддати 20 соли минбаъда П. Б. Бобоҷонов дар мавқеи роҳбари ягонаи ин гурӯҳи корӣ фаъолияти илмӣ мебарад. Ҳамаи ин муваффақиятҳо шаҳодат медиҳанд, ки мавсуф дар соҳаи астрономияи метеорӣ олими аввалиндараҷа ба шумор рафта, сатҳи гузаронидани таҳқиқотҳо аз руи ҳодисаҳои метеорӣ дар Тоҷикистон дар дараҷаи ниҳоят баланд қарор доранд.

Дар соли 1975 Пӯлод Бобоҷонов ба омӯзиш ва таҳқиқи таҳаввул (эволютсия) - и селҳои метеорӣ, ки дар зери таъсири ҷараёнҳои ҷозибавӣ (гравитатсионӣ) ва ғайриҷозибавӣ оғоз бахшид, дар ҳалли масъалаи мазкур низ мутахассисони ҷавони Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) - ро ҷалб намуда буд [138, с. 38].

Истифодаи технологияҳои пешрафтаи техникӣ ва усулҳои муосири таҳқиқотӣ шароити мусоид фароҳам месозад, ки параметрҳои мадории кометаҳо, астероидҳо ва ҷараёнҳои метеорӣ дар фосилаҳои тӯлонии замонӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, қонуниятҳои эволютсияи ҳаракати онҳо муайян карда шаванд. Саъю кӯшишҳои хеле зиёди П. Б. Бобоҷонов дар ҳамдастӣ бо шогирдонаш имкон додаанд, ки натиҷаҳои бемислу мазмунан хеле муҳим ба даст омаданд ва ин раванд идома ёфта истодааст. П. Б. Бобоҷонов ва шогирдонаш тасаввуроти навинро дар бораи шакли селҳои метеоридӣ ва динамикаи ба вуҷуд омадани селҳои метеорӣ пешкаши илм гардонида, нишон доданд, ки ҳар як сели метеоридӣ метавонад то 8 ҷараёнҳои метеории дорои радиантҳои гуногунро ба вуҷуд оварад. Ин натиҷаҳо аз ҷониби олимони варзидаи соҳаи астрономияи мамлакатҳои мутараққӣ хуш пазируфта шуда, ба як зиддияти солҳои тулонӣ дар соҳаи астрономияи метеорӣ ҷойдошта, ки таҳти мазмуни «...миқдори ҷараёнҳои метеорӣ аз миқдори кометаҳо манбаъҳои муайянкардашудаи онҳоро тавлидкунанда» ифода мегардид, хотима бахшад. Таҳқиқотҳои минбаъда нишон медиҳанд, ки ин ҳодиса

ҳам ба селҳои метеоридӣ ва ҳам ба ҷараёнҳои метеории аз баъзе астероидҳои гурӯҳҳои Аполлон, Амур ва Атон ҳосилшуда хос мебошад.

Чӣ тавре ки маълум аст, бо кометаи машҳуртарини Галлей ба вуҷуд омадани ду ҷараёни метеорӣ алоқаманд аст. Онҳо аз селҳои метеоридие ба амал омадаанд, ки бар асари таъзияи ядроӣ ин комета ҳосил шудаанд. То маротибаи охир ба Офтоб наздикшавии ин комета (солҳои 1985 - 1986), барои таҳқиқи мазмунан жарфи ин ҳодиса Барномаҳои байналхалкӣ (1Н \ У) ва Советӣ (СОПРОГ) тасдиқ гардида буданд. Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) ба ҳайси татбиқгардонандаи якчанд қисматҳои ин ду Барнома интихоб гардида, аз уҳдаи чунин масъулият сарбаландона мебарояд. Натиҷаҳои нодири ҳосилкардаи ӯ ба бойгонии (1Н \ У) дохил карда шуданд.

Соли 1990 дар пайи барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва сар задани нооромиҳои иҷтимоию сиёсӣ ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти мамлакати тозабунёд, бархе шогирдону ҳамкасбони Пӯлод Бобоҷонов Тоҷикистонро тарк намуданд. Дар натиҷаи ин вазъият корҳои мушоҳидавии радиолокатсионӣ боздошта шуда, фаъолияти расадхонаҳо ва марказҳои таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳ, инчунин мактаби илмии таъсисдодаи академик П. Б. Бобоҷонов бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид.

Бо вуҷуди чунин шароити душвор ва маҳдудиятҳои мавҷуда, П. Б. Бобоҷонов фаъолияти илмии худро пайгирона идома дода, барои нигоҳдорӣ ва рушди мактаби илмии хеш талош намуд. Самараи ин фаъолияти пурмаҳсул дар омода намудани кадрҳои баландихтисос низ зоҳир гардид: дар ҳамин давра ду нафар аз шогирдони ӯ рисолаи докторӣ ва ду нафари дигар рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуданд.

Пас аз муҳоҷирати як қисми мутахассисон аз ҷумҳурӣ Пӯлод Бобоҷонов як қисми асосӣ ва муҳими таҳқиқотҳои метеориро бар зиммаи худ гирифта, оид ба масъалаҳои муҳимтарини илмии атронимӣ -

таҳаввули орбитаҳо ва табиати объектҳои назди Замин (кометаҳо, астероидҳо ва метеоридҳои ба Замин таҳдидкунанда) равона месозад. Маҳорати баланди касбӣ, обсерваторияҳои ба таври замонавӣ ҷиҳозонидашудаи Пажӯҳишгоҳ ба ӯ имкон медиҳанд, ки дар таҳқиқи объектҳои назди Замин ба комёбиҳои беназир ноил гардад

«Аз ҷониби ӯ таҳқиқотҳо дар бораи таҳаввули мадорҳои (орбитаҳои) маҷмӯаи Таурид (дорои кометаи кӯтоҳдаври Энке) гузаронида шуда, тағйирёбиҳои асрии элементҳои мадорҳои 37 астероидҳои мадори Заминро рахнакунанда, дар зери таъсири ғалаёновари қувваи ҷозибаи сайёраҳои калон дар муддати 8 - 10 ҳазор сол, муайян карда шудаанд. Дар асоси назарияи такомули селҳои метеоридӣ, ки аз ҷониби худи ӯ кор карда баромада шудааст, П. Б. Бобоҷонов аввалин маротиба табиати якхела доштани 17 астероидҳои маҷмуаи Энке - Тауридии дорои 66 селҳои метеориро муайян намудааст» [73, с. 17 - 21].

Пӯлод Бобоҷонов дар раванди таҳқиқоти худ радиантҳои геосентрикӣ ва суръати боронҳои метеорҳоро маълум намуда, бо усулҳои Алфан - Горячев ва Эверхардт эволютсияи мадорҳои бархе аз астероидҳои гурӯҳи Адонис, Афина ва Гефестро мавриди омӯзиш қарор дод. Траекторияи (масири) ҳаракати астероиди FX11, ки эҳтимолан хатарнок аст ва санаи ба Замин наздикшавии онро 26 октябри соли 2028 муайян намуд.

Таҳқиқ ва пажӯҳиши таҳаввули мадорҳои ҷисмҳои хурд, ки дар системаи Офтобӣ мавҷуд мебошанд ва маълумотҳои дигаре, ки доир ба борони метеорҳо дар тамоми ҷаҳон мавҷуд мебошанд, Пӯлод Бобоҷонов ба чунин хулоса омад, ки баъзе астероидҳое, ки мадори Заминро убур мекунанд, кометаҳои «Нобуд» буда мебошанд.

Дар раванди омӯзиши таҳаввули мадорҳои ҷисмҳои хурди системаи Офтоб ва таҳлили натиҷаи доир ба селҳои метеории то ба имрӯз дар ҷаҳон гирдовардашуда, П. Б. Бобоҷонов ба хулосае меояд, ки як қисми астероидҳои мадори Заминро рахнакунанда, кометаҳои «Аз нурафшонӣ

бозмонда» маҳсуб меёбанд. Барои муайян кардани ядроҳои кометаҳои нестшуда, дар байни астероидҳое, ки ба Замин наздик мешаванд, методология кор карда баромада шудааст. Ин мафҳум ва усулро П. Б. Бободҷонов бо шогирдонаш то охири ҳаёт фаъолона истифода кардааст. Таҳти роҳбарии ӯ таҳқиқоти васеъмиқёси астероидҳои наздик ба Замин (NEA), ки то октябри соли 2008 кашф шуда буд, гузаронида шуд. Дар асоси меъёрҳои мавҷуда барои фарқ кардани орбитаҳои маъмулан кометавӣ ва маъмулан астероидӣ, аз 2872 астероидҳои наздик ба Замин, ки ба гурӯҳҳои Аполлон ва Амур тааллуқ доранд, 181 - тои он муайян карда шуд, ки дар мадори кометамонанд ҳаракат мекунанд.

Мавҷудияти боронҳои метеорӣ, ки бо астероидҳои наздик ба Замин алоқаманд аст, як меъёри муҳими он аст, ки чунин астероидҳо ядроҳои кометаҳои нобудшуда мебошанд. Ба ибораи дигар, пайдоиши кометаҳо он астероидҳои наздик ба Замин (NEA) мебошанд, ки дар мадори думдормонанд ҳаракат мекунанд ва як тудаи метеориди алоқаманде доранд, ки дар давраи фаъолияти кометаҳои он ташаккул ёфта, борони метеоридҳои ҳозира мушоҳидашавандаро тавлид мекунанд.

Омӯзиши эволютсияи динамикии 181 астероидҳои наздик ба Замин бо истифода аз усулҳои Алфан-Горячев ва Эверхарт нишон дод, ки 145 - тои онҳо чаҳорқабата ва 36 - тои онҳо ҳаштқабата байни мадори Замин мебошанд ва аз ин рӯ, тудаҳои фарзияи шиҳобҳои онҳо метавонанд мутаносибан чор ва ҳашт метеор ба вуҷуд оранд. Элементҳои мадор, координатаҳои радиатсионӣ ва суръатҳо барои ҷараёнҳои аз ҷиҳати назариявӣ пешбинишуда ҳисоб карда мешаванд. Ҷустуҷӯи радиантҳои аз ҷиҳати назариявӣ пешбинишуда, дар феҳристи борони метеоридҳо ва ҷараёнҳои алоҳида нишон дод, ки аз 181 астероидҳои наздик ба Замин 130-тоаш борони метеоридҳо мебошанд ва аз ин рӯ, пайдоиши кометаҳо мебошанд.

Дар байни 5530 астероидҳои наздик ба Замин, ки то 5 сентябри соли 2008 кашф шудааст, 130 объект ё 3% ядрои кометаҳои нестшуда

мебошанд. Ин таҳқиқоти назаррас соли 2009 дар шакли монографияи П. Б. Бободҷонов, Г. И. Қоҳирова «Борони метеоритҳои астероидҳо аз мадори Замин убуркунанда» дар ҳаҷми 185с. нашр шудааст [50, с. 38 - 55].

Таҳқиқотҳо дар ин самт фаъолона идома дошта, дар асоси ҳамон консепсия ва методологияи НЭА, ки то соли 2016 кушода шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифта, маълум гардид, ки дар байни онҳо 3 - 4% низ объектҳои пайдоиши кометаҳо мебошанд, аз ин рӯ, онҳо аз қабатҳои (блокҳои) калони ях иборат буда, бо чанги ғафс пӯшида шудаанд.

Баъзе аз кометаҳои нобудшудаи муайяншуда таваҷҷӯҳи ниҳоят муҳими илмӣ доранд ва аз ин рӯ, омӯзиши алоҳидаи онҳо хеле муҳим аст. Таҳаввули астероиди наздики Замин 2003EN1, ки ба гурӯҳи Амур тааллуқ дорад ва дар мадори думдормонанд ҳаракат мекунад, бо усули Эверхарт бо назардошти таҳаввулоти нуҳ сайёра дар тӯли як сол омӯхта шудааст.

Координатҳои назариявии геосентрикии радиантҳо ва суръати ҳашт борони метеорӣ, ки эҳтимолан бо астероиди 2003EN1 алоқаманданд, ҳисоб карда шуданд. Хусусияти мавҷудияти мадори метеориҳои мушоҳидашуда, ки бо ин объект алоқаманд аст, тахмин тасдиқ мекунад, ки астероиди 2003 EN1 воқеан ядрои нобудшудаи комета аст, ки ба мисли кометаи Махголз бо борони метеориҳои квадрантавӣ алоқаманд аст.

Дар соли 2006 гурӯҳи таҳқиқотӣ таҳти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов, гранти ISTC - ро барои лоиҳаи ҷустуҷӯи кометаҳои нобудшуда дар байни НЭА ва омӯзиши болидҳо дар асоси мушоҳидаҳои онҳо гирифтааст. Бори аввал мушоҳидаҳои болидҳо аз ду нуқта - расадхонаи астрономии Ҳисор ва расадхонаи байналмилалии астрономии Санглох оғоз ёфт. Техникаи мушоҳидавӣ, барои коркарди маводҳои астрометрӣ ва фотометрӣ кор карда баромада, мутобиқ карда шудааст. Татбиқи бомуваффақияти ин лоиҳа имкон дод, ки барои лоиҳаи дуюм грант

дарёфт карда шавад. Барои омӯзиши метеорҳои калон дар Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) бо дастгирии МБҲТ шабакаи болидҳо таъсис дода шуд, ки аввалин ва ягона дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки бо 5 нуқтаи мушоҳидаи дорои аксбардорӣ муҷаҳҳаз шудааст, 30 марти соли 2009 ба кор шуруъ карданд. Мушоҳидаҳои мунтазами болидҳо, аз ҷумла мониторинги рақамӣ, дар давоми солҳои 2006 - 2013 дар панҷ истгоҳи шабака дар ГисАО, МАОС, Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), Рашт ва Ховалинг гузаронида шуда, қимматтарин маводҳо ба даст оварда шуданд. 200 болидҳо аз соли 2006 то 2013 ба қайд гирифта шуда, маълумот дар бораи траекторияҳои атмосфера, суръатҳо, координатҳои радиатсионӣ, мадорҳо дар фазои байнисайёравӣ, каҷҳои рӯшноӣ, массаҳои фотометрӣ, зичӣ ва табиати пайдоиши метеоридҳое, ки ба вуҷуд омадани куракҳои оташакӣ гаштаанд, инчунин мансубияти куракҳои болидҳо ва борони метеорӣ маълум ва муайян карда шуд [153, с. 88].

Афзоиши пешгӯии фаъолияти Леонидҳо дар соли 2009 тасдиқ карда шуд. Хусусиятҳои физикӣ ва динамикии болидҳои Леонид, аз ҷумла таркиби химиявии метеоридҳо муайян карда шуданд. Борони метеоридҳо моҳи август θ - Aquillids ба қайд гирифта шуда, ҳамчун эҳтимолан метеоридҳо тасниф карда шуданд ва ҷисми марказии борон муайян карда шуданд. Натиҷаҳои ба даст овардашуда фонди маълумоти умумиҷаҳониро хеле пурра карда, барои ҳалли проблемаҳои ҳозиразамони астрономия, ки бо омӯзиши вазъияти метеорид дар фазои наздикии Замин алоқаманданд, инчунин барои муайян кардани алоқаҳои генетикии байни ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ заруранд. Мушоҳидаҳои асосии фотографии болидҳо дар ГисАО ва МАОС бо коркарди минбаъдаи маводи мушоҳидавӣ ҳоло ҳам идома доранд.

Зери роҳбарии П. Б. Бобоҷонов аз рӯйи маълумоти мушоҳидаҳои аксбардории метеорҳои суст, ки бо таҷҳизотҳои «Супер Шмидт» акс гирифта шудаанд, усули муайян кардани зичии метеоридҳоро кор карда

баромаданд. Дар асоси назарияи физикии метеорҳо ва натиҷаҳои мушоҳидаҳои ду стансияи аксбардории метеорҳо дар Душанбе, Киев ва Одесса бори аввал зичии миёнаи минералогию метеоридҳо, ки ба нӯҳ борони метеорӣ ва заминавии спорадиҳӣ тааллуқ доранд, муайян карда шуд. Зичии миёнаи минералогии метеоридҳо аз 2,2 г/см^3 (Персеидҳо) ва 3,4 г/см^3 (Квадрантидҳо, Акваридҳои Делта ва Альфа Кофридҳо) мебошанд. Зичии миёнаи миқдори метеоридҳо, ки дар асоси назарияи квазидавсими метеороидҳо дар атмосфераи замин пайдо шудаанд, аз 0,4 г/см^3 (Леонидҳо) то 2,9 г/см^3 (Геминидҳо) фарқ мекунанд. Бо истифода аз таносуби байни зичии минералогӣ ва ҳаҷмӣ, ковокии метеороидҳо ҳисоб карда мешавад. Нишон дода шудааст, ки метеоридҳои Геминидҳо дорои ковокии пасттарин мебошанд, яъне хеле фуҷур мебошанд, дар ҳоле ки метеороидҳои Драконид ва Леонид 83% сохтори ковоктарин доранд. Ин натиҷаҳо ковок будани ҷисмҳои сарчашмавии метеороидҳо - кометаҳо ва астероидҳоро тасдиқ мекунанд.

Натиҷаҳое, ки аввалин бор аз ҷониби П. Б. Бобоҷонов, дар якҷоягӣ бо Г. И. Қоҳирова ба даст оварда шудаанд, аҳаммияти хеле муҳими бунёдӣ ва татбиқӣ доранд. Табиати астероиди эҳтимолан хатарноки наздик ба Замин 2007CA19 дар асоси мадори думдормонанд ва робитаи муқарраршуда бо тудаи метеориди η - Виржинида, ки дар рӯи Замин чаҳор бориши метеориро тавлид мекунад, ошкор шудааст [58, с. 110 - 116].

Пӯлод Бобоҷонов ҳамроҳи шогирдонаш бо усули моделсозии математикии эволютсияи мадорҳои наздики Замин комплексҳои нави астероид - метеороидҳои Пискид, Иота - Аквариди, Дельта - Скорпидҳо, Сигма - Коприконҳо, Виржинидҳо, Либрид ва ғайра ро кашф карданд.

Таҳқиқоти комплексии астероид - метеориди Квадрантид давом ёфта, алоқаи кометаи 96 / P Мачхолтс 1 бо астероиди 2003EH1 ва бо тудаи метеориди Квадрантид, ки дар руи Замин 8 бориши метеоридиро тавлид мекунад, исбот карда шуд.

Муайян шудааст, ки кометаи 96P / Machholtsa 1 ва объекти наздики Замин 2003 EH1 дар соли 2014 дар масофаи 1,6 В. А.(воҳиди астрономӣ) ҷойгир шудаанд ё ин ки 260 миллион км аз ҳамдигар дуранд ва 9,5 ҳазор сол пеш як ҷисми ягонаро ташкил медоданд, ки парокандашавии он бо суръати тақрибан 30 м/с ба амал омадааст. [Бар асоси натоиҷи соли 2017 дар маҷаллаи байналмилалии Astronomy and Astrophysics мақолае нашр шуд. (П. Б. Бобоҷонов, Қоҳирова Г. И., Обрубов Ю. В., Вильямс И. П.)].

Таҳавулоти орбитаи астероиди эҳтимолан хатарноки (PHA) 2015TB145, ки 31 октябри соли 2015 ба Замин наздик шуда буд, мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Таҳқиқ нишон дод, ки агар вай характери комета дошта бошад, метавонад як тудаи метеориди ба ҳам алоқаманд дошта бошад, ки ҳашт шиҳобро ба вуҷуд меоварад. Параметрҳои назариявии ин ҳашт боронҳои метеорӣ, ки эҳтимолан бо 2015 TV145 PHA алоқаманданд, ҳисоб карда шуданд ва дар байни ҳамаи маълумоти нашршудаи мушоҳидавӣ ҷустуҷӯи автоматии ҷараёнҳои мушоҳидашуда ва метеорҳои алоҳида бо параметрҳои наздик ба назариявӣ пешгӯйӣ карда шуд [70, с. 3 - 4].

Маълум карда шуд, ки аз ҳашт пешгӯишаванда ҳафтоаш бо ҷараёнҳои мушоҳидашуда муайян карда шудаанд. Ҳамин тавр, мадори кометамонанди тероид, албедои паст ва алоқа бо тудаи метеороид, ки борони мушоҳидашудаи метеорҳоро ба вуҷуд меорад, пайдоиши кометавии объектро, ки ҳоло ядрои кометаи нестшуда ё пораи он мебошад, тасдиқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, Баъзе натиҷаҳое, ки аз ҷониби Пӯлод Бобоҷонов ба даст оварда шудааст, айни ҳол мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шуданд. Бояд иброз дошт, ки маълумот дар бораи мадори 154 метеоре, ки аз мушоҳидаҳои фотографии солҳои 1975 - 1983 ва баъдан соли 1998 ва солҳои баъдӣ ба даст оварда шудаанд, ба хазинаи Маркази байналмилалии метеорҳои IAS дохил карда шудаанд.

Хулоса, фаъолияти илмӣ - педагогӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳиссагузории арзишманди ӯ дар рушди илм, маориф ва ҷомеаи Тоҷикистон баррасӣ гардид. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки академик П. Б. Бобоҷонов ҳамчун донишманд, омӯзгор ва шахсияти фаъоли ҷамъиятӣ дар ташаккул ва пешрафти соҳаи фаъолияти худ нақши муҳим бозидааст. Фаъолияти ӯ на танҳо ба дастовардҳои назарраси илмӣ маҳдуд мешавад, балки дар омода намудани мутахассисони баландихтисос ва рушди мактаби илмии миллӣ низ аҳаммияти бузург дорад.

Таҳлили фаъолияти педагогии академик П. Б. Бобоҷонов нишон медиҳад, ки ӯ тамоми фаъолияти меҳнатии худро бо таълиму тарбия ва омодасозии кадрҳои илмӣ пайвастааст. Дар раванди омӯзгорӣ ӯ ҳамчун устоди соҳибтаҷриба ва мутахассиси баландихтисос шинохта шуда, дар таълиму тарбияи чандин насли донишҷӯён, муҳаққиқон ва олимони ҷавон нақши назаррас гузоштааст. Маводи таълимӣ, дастурҳо ва тавсияҳои методии таҳиянамудаи ӯ барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва такмили раванди таълим мусоидат намудаанд. Хусусияти муҳими фаъолияти педагогии ӯ дар он ифода меёбад, ки ҳамеша кӯшиш мекард донишҳои назариявиро бо таҷрибаи амалӣ пайваст намуда, ҷаҳонбинии илмии шогирдонро ташаккул диҳад.

Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ, академик П. Б. Бобоҷонов дар корҳои ҷамъиятӣ низ иштироки фаъол дошт. Ӯ ҳамчун шахсияти маъруфи илмӣ дар рушди сиёсати илмӣ ва маърифатии кишвар саҳм гузошта, дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ, шӯроҳои соҳавӣ, комиссияҳо ва анҷуманҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона иштирок намудааст. Маҳз тавассути чунин фаъолият ӯ тавонист барои таҳкими ҳамкориҳои илмӣ, густариши мубодилаи таҷриба ва муаррифии дастовардҳои олимони тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намояд. Аз фаъолияти пурмаҳсули илмии Пӯлод Бобоҷонов муайян мегардад, ки ӯ пайваста бобати рушду равнақ бахшидани илмҳои бунёдӣ ва табиӣ-

риёзӣ, ташаккули соҳаи маориф ва тарбияву ба камол расонидани ҷомеаи ҷавонон корҳои назаррасу арзишмандеро анҷом додааст.

Натиҷаи омӯзиши фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии академик П. Б. Бобоҷонов собит менамояд, ки ӯ аз ҷумлаи олимони пешсаф ва ташаббускори соҳаи худ ба ҳисоб меравад. Самтҳои асосии таҳқиқоти илмии ӯ ба масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ бахшида шуда, натиҷаҳои онҳо барои рушди минбаъдаи илм аҳаммияти назаррас доранд. Академик Пӯлод Бобоҷонов дар тӯли фаъолияти зиёда аз 70 солаи илмии худ осори зиёди илмӣ, аз қабили мақолаҳо, монографияҳо ва дигар каталогҳо, дастуру васоитҳо ва дигар корҳои таҳқиқотиро ба нашр расонида, дар пешбурди донишҳои илмии мамлакат ва ҷаҳон нақши бориз ва арзишманд гузоштааст. Осори илмии ӯ бо навоварӣ, асоснокии назариявӣ ва аҳаммияти амалӣ фарқ намуда, ҳамчун манбаи муҳими илмӣ барои муҳаққиқон хизмат мекунанд.

Ҳамзамон, фаъолияти илмии академик П. Б. Бобоҷонов бо ташкили мактаби илмӣ ва роҳнамоии муҳаққиқони ҷавон алоқаманд мебошад. Зери роҳбарии ӯ шумораи зиёди муҳаққиқон корҳои илмии худро анҷом дода, ба ҳайси мутахассисони варзида ба камол расидаанд. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки мероси илмии ӯ танҳо дар шакли осори таълифшуда маҳдуд нашуда, балки дар идомаи фаъолияти шогирдон ва пайравонаш низ таҷассум меёбад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти дар боби сеюм анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки академик П. Б. Бобоҷонов шахсияти барҷастаи илмӣ буда, фаъолияти ӯ дар се самти асосӣ - илму таҳсилот ва ҷомеа аҳаммияти калони таърихиро касб кардааст.

Дастовардҳои бузурги илмии ӯ бобати ташаккул ва рушди илми ватанӣ, омода ва ба камол расонидани мутахассисони сатҳи баланди илмӣ ва тақвияту баланд бурдани нуфузи илми тоҷик дар ҷаҳони муосир нақши бориз гузошт. Бинобар ин, мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор додани фаъолияти академик Пӯлод Бобоҷонов барои ҳисси баланди

равандҳои рушди илм ва таҳсилоти Тоҷикистон аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад барои наслҳои баъдӣ ҳамчун намунаи хизмат ба илм ва пешрафти ҷомеа хизмат намояд.

ХУЛОСА

1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар охири ҳар як боб ба таври хулосавӣ ҷамъбаст гардидаанд. Ҳангоми омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, ки ба ҳаёт ва фаъолияти академик Пӯлод Бобоҷонов ва ташаккули илми астрономияи Тоҷикистон алоқамандӣ дорад, мақсаду вазифаҳои асосии пажӯҳишро ҳаматарафа иникос кардааст.

Қобили зикр аст, ки бори нахуст дар таърихи таҳқиқоти илмӣ ва техникӣ масъалаи саҳмгузории Пӯлод Бобоҷонов дар рушду такомули илми астрономияи тоҷик ба таври мукаммал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Пӯлод Бобоҷонов яке аз астрофизикони маъруфи назариявии даврони Шуравӣ ва пасоШуравӣ ба шумор рафта, фаъолияти илмӣ, педагогӣ ва ҷамъиятии ӯ намунаи барҷастаи нақши фарзандони миллати тоҷик дар пешрафти илм ва фарҳанги кишвар мебошад. Фаъолияти бисёрсолаи илмии ӯ ба рушди илми ватанӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва имкониятҳои илмии минтақа равона гардида буд. Мавсуф дар давраи фаъолияташ солҳои зиёд дар маъмурияти АМИТ, аз ҷумла дар вазифаи ноиби Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) кор карда, дар пешбурд ва рушди илмҳои академии мамлакат хидмати арзишманди худро гузоштааст [3 - М; 1 - М; 4 - М].

Пӯлод Бобоҷонов дар таҳқиқ ва рушди соҳаҳои физика, астрономия, астрофизика ва дигар самтҳои илмҳои кайҳонӣ нақши арзанда гузоштааст. Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва мероси илмию таърихии ӯ барои таҳкими заминаҳои илмии кишвар ва рушди минбаъдаи илмҳои астрономӣ аҳаммияти муҳим дошта, омӯзиши онҳо метавонад барои наслҳои минбаъдаи муҳаққиқон ҳамчун сарчашмаи арзишманди илмӣ хизмат намояд.

Инкишофёбӣ ва комёбиҳои олим дар ҳудуди мактаби олии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба амал омада, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ташаккул ёфтааст. Пӯлод Бобоҷонов яке аз пажӯҳишгарони нотакрори соҳаи астрономия бо дастовардҳои худ исбот кард, ки ҳаётро ҳамеша бояд зери итоати худ қарор дод. Ӯро дар фазои илмии мамлакат ва ҷаҳон ҳамчун таҷассумкунандаи илмҳои кайҳонӣ, созандаи таърихи илм ва соҳиб ахлоқу соҳиб мактаб мешинохтанд.

Хулосаҳои баровардашударо, ки дар раванди таҳқиқ муайян карда шудаанд, дар шакли зерин ҷамъбаст намудан мумкин аст:

1. Арбоби илм ва ташкилотчии илмӣ, академик Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷонов яке аз чеҳраҳои намоёни илми тоҷик маҳсуб меёбад. Вай бо нерӯи баланди хастанопазир фаъолияти фаъолонаи илмӣ, ҷамъиятӣ ва роҳбарӣ кардааст. Ӯ роҳбарии яке аз калонтарин муассисаи илмии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 1971 - 1982) - ро бар души худ гирифта, дар авҷи салоҳият, эҷод кардан ва маҳорати роҳбарикунӣ ва ташкилотчигӣ ба вай имкон дод, ки ғояҳои зиёдеро ба ҳаёти ҷомеа татбиқ намуда, кулли коллективи муассисаро бо маҳорати баланди инсондустӣ, муҳаққиқи илмӣ ва роҳбари кордону ботаҷриба дар гирдаш муттаҳид созад [1 - М; 5 - М].

2. Таҷрибае, ки Пӯлод Бобоҷонов дар давраи фаъолияти кориаш ба даст овардааст, метавон гуфт, ки ӯ яке аз донишмандони давраи Тоҷикистони навин мебошад, ки ба рушди илмҳои бунёдӣ саҳм гузоштааст. Фаъолияти роҳбарии ӯ дар Институти астрофизикаи назди АМИТ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ташаббусҳои созанда ва сиёсати самараноки идоракунӣ ба пешрафти илмму таҳсилоти мамлакат заминаи мусоид фароҳам овард ва низоми илмӣ ва таълимиро ба сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ намуд [1 - М; 4 - М; 5 - М].

3. Вай фаъолияти илмиашро ҳангоми таҳсил дар зинаи аспирантураи Институти физикаю техникаи ба номи академик А. Ф. Иоффеи Ленинград оғоз бахшида, баъдан масъулиятҳои гуногуни

роҳбариро ҷиҳати анҷом додани корҳои илмӣ бар душ дошт. Доир ба фаъолияти серҷабҳа ва ҳаёти рангоранги Пӯлод Бобоҷонов, ки ба ҳайси омӯзгор, ходими илмӣ, хизматчии давлатию ҷамъиятӣ ва ташаккулдиҳандаи соҳаи маорифи мамлакат ба таври мухтасар баён кардан ғайри имкон мебошад. Хизматҳои Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷоновро дар назди халқ ва таҳқиқоти ӯро оид ба як қатор проблемаҳои илми афлокшиносӣ ба назар гирифта, дар соли 1971 ӯро ба ҳайси ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешбарӣ карданд [1 - М; 2 - М; 3 - М; 4 - М 5 - М].

Пӯлод Бобоҷонов ҳангоми фаъолият ва роҳбарии худ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бобати пешрафт ва ташаккули илмҳои бунёдӣ диққати махсус медод ва ҷиҳати омода намудани кадрҳои соҳибтахассус дар бахшҳои математика, химия, физика ва дар маҷмӯъ илмҳои табиатшиносӣ имкониятҳои беҳтаринро барои таълим ва иҷроиши корҳои илмӣ созгор додааст. Бо ташаббуси ӯ заминаҳои зарурӣ барои такмили ихтисос ва идомаи таҳсилу фаъолияти илмии ҷавонон ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои илмии хориҷӣ муҳайё гардиданд [1 - М; 2 - М; 3 - М; 4 - М].

Бо мақсади тавсеа ва таҳкими илмҳои физикаву математика, тарбияи кадрҳои илмии ҷавон ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии донишгоҳ зарурати густариши робитаҳои илмӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои бонуфузи илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омад. Тавассути дастгириҳои ҳамаҷонибаи илмӣ ва ташаббусҳои созандаи вай як гурӯҳ аспирантон, донишҷӯён ва омӯзгорон бобати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, идомаи таҳсил ва дигар масъалаҳои марбут ба раванди таълим, ба шаҳрҳои калони Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла, Москва, Ленинград, Киев ва шаҳрҳои дигар фиристода мешуданд [2 - М; 5 - М].

Шогирдон ва ҳамкорони ӯ дар хотираҳо ва ёддоштҳои хеш нақши созанда ва муносибати ғамхоронаи Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷоновро нисбат ба тарбияи кадрҳои ҷавон бо некӣ ёдовар шудаанд.

Ҳамин тавр, бо корбарӣ ва роҳнамоии бевоситаи Пӯлод Бобоҷонов бобати омода намудани мутахассисони соҳибкасб, дар асоси Барномаи омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ, хусусан дар бахшҳои математика, физика ва астрономия нафарони лаёқатманд ҷиҳати такмили ихтисос ва таҳсил дар зинаи аспирантура ба марказҳои бузурги илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ равон карда мешуданд. Дар натиҷаи ин тадбирҳо иқтидори кадрии донишгоҳ тадриҷан тақвият ёфта, то охири давраи роҳбарии ӯ ба сатҳи назаррас расонида шуд.

Дар баробари пешрафти бомуваффақияти онҳо дар донишгоҳ кафедраи астрономия кушода, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов раванди таърихдонӣ, худшиносӣ ва омӯхтани таърихи халқи хешро дарк намуда, бо ибтикори хеш ва устодони таърихшинос, декабри 1974 дар Донишгоҳ кафедраи таърихи халқи тоҷикро созмон дод. Воқеан, ин кафедра яке аз марказҳои неруманди илми таърихшиносӣ дар Тоҷикистон аст. Инчунин бо назардошти афзоиши тадқиқотҳои илмию амалӣ, соли 1973 дар Донишгоҳ шӯъбаи илмӣ - тадқиқотӣ созмон ёфт. Академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун кашшофи асрори кайҳон, дар 20 ҷаласаву конфронсҳо, сессияву симпозиумҳо ва машваратҳои байналмиллалии хориҷ аз ИДМ, ки дар Австралия, Британия, Италия, Фаронса, Шветсия, Чехия, Словакия, Юнон, Югославия, Ҷумҳурии Федералии Олмон, ИМА, Канада, Эрон, Ироқ, Ҷумҳурии Сомалӣ, Ҳиндустон ва Ҷопон доир ба ҳаллу фасли паҳлуҳои гуногуни илми астрофизика баргузор гардида буд, иштирок намуда, кашфиётҳои хешро ба тариқи маъруза ба оламиён баён кардааст.

2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Ба назари мо, ҷиҳати омӯзиши минбаъда ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси илмӣ ва эҷодии академик Пӯлод Бобоҷонов иҷрои тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дастовардҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов доир ба рушди илму маориф, масъалаҳои муҳими соҳаи таҳқиқоти илмии ӯ ва саҳмаш дар пешрафти илм дар раванди таълими курсҳои махсус, фанҳои тахассусӣ ва семинарҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ васеъ истифода карда шавад;

2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи милии илмҳои Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки ҷиҳати қадрдонӣ намудан ба хизматҳои шоён ва арзандаи академик Пӯлод Бобоҷонов, бо номи вай номгузорӣ кардани яке аз муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва ё кучаҳои шаҳр мавриди омӯзиш ва мусоидат қарор дода шавад;

3. Ба Ҳукумати мамлакат, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки бобати ба номи академи Пӯлод Бобоҷонов таъсис додани стипендия барои донишҷӯён, магистрантон, докторантон ва олимони ҷавоне, ки дар бахши илмҳои табиӣ - риёзӣ корҳои назаррас анҷом медиҳанд, чораандешӣ намуда, ҷиҳати таъсиси он мусоидат намоянд;

4. Бобати арҷгузорӣ ва кушода намудани паҳлуҳои дигари фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар назди ягон муассисаи таҳсилоти олӣ мактаби Пӯлодшиносӣ таъсис ёфта, дар он муҳаққиқони ҷавон ба пажӯҳиш ҷалб карда мешуданд.

5. Асарҳои илмӣ, мақолаҳо, дастуру васоитҳои таълимӣ ва дигар натиҷаҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва дар шакли маҷмӯаҳои алоҳида нашр карда шуда, барои истифодаи муҳаққиқон, омӯзгорон ва донишҷӯён дастрас гардонида шаванд;

6. Нақш академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди илм ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва

корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ бештар инъикос ёбад, то насли ҷавон аз фаъолияти пурсамари ӯ огоҳии бештар пайдо намояд;

7. Таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба ҳаёт, фаъолият ва мероси илмӣ - педагогии академик П. Б. Бобоҷонов идома дода шуда, натиҷаҳои онҳо барои рушди таърихи илм ва маорифи Тоҷикистон истифода бурда шаванд

РУЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

[1]. Абдуллоев Н. Астрофизик: Ректори Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, роҳбари шуъбаи метеори Институти астрофизикаи Академияи фанҳои Тоҷикистон Пӯлод Бобоҷонов [Матн] / Н. Абдуллоев. Тоҷикистони советӣ. - 1977. - 28 декабр.

[2]. Адхамов А. А., Бабаджанов П. Б., Баратов Р. Б. Бахрулло Нарзуллаевич Нарзуллаев: [К 50 - летию со дня рожд. ученого - физика] [Текст] / А. А. Адхамов, П. Б. Бабаджанов, Р. Б. Баратов - Изв. АН Тадж ССР. Отд - ние физ. - мат. и геол. - хим. наук. 1977. - № 4. – С. 100 - 101.

[3]. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] - / 70 соли фаъолияти илмӣ ва фаъолияти илмӣ – техникӣ - Душанбе: Дониш, 2021. - 696 с.

[4]. Академияи илмҳои Ҷумҳурии - Тоҷикистон [Матн] / Ҳайати шахсӣ. - Душанбе: Дониш, 2011. - 216 с.

[5]. Андреев Г. В., Бабаджанов П. Б. Влияние гравитационного поля Земли на структурные характеристики метеорных потоков [Текст] / Г. В. Андреев, П. Б. Бабаджанов // Метеорное вещества в межпланетном пространстве. – М., Казань, 1982. – С. 261 - 263.

[6]. Асимов М. С., Адхамов А. А., Бабаджанов П. Б. и др. Стариков Виктор Андреевич: [Крупный ученый в обл. орошения и гидроэнергетики. Некролог] [Текст] / М. С. Асимов, А. А. Адхамов, П. Б. Бабаджанов и др. // Изв. АН Тадж ССР. Отд - ние физ. - мат., хим. и геол. наук. - 1983. - №2. - С. 96.

[7]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Распределение спорядических метеороидов по массасам. Результаты радиолокационны радиолокационных наблюдений переуплотненных метеорных следов [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Бибарсов Астроном, вестник. - 1992. - Т. 28, N1. - С. 103 - 108.

[8]. Бабаджанов П. Б. Астрономия в эпоху Саманидов // 1100 – летие образования Государства Саманидов. [Текст] / П. Б. Бабаджанов СПб, 1999. – С.93 – 101.

[9]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Ш., Колмаков В. М. Распределение по массам и плотность потока спорадических метеорных тел [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов, В. М. Колмаков; Отв. ред. Лебединец В. Н., МПС при Президиуме АН СССР. - // М. 1990. - 55 с. 1991.

[10]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Ш., Нарзиев М., Чеботарев Р. П. О параметре дробления метеорных тел [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов, М. Нарзиев, Р. П. // Чеботарев Метеорьное вещества в межпланетном пространстве. – М.; Ка - Зань, 1982. – С. 190 - 192.

[11]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Ш. Определение параметров мелкомасштабной турбулентности по комбинированным наблюдениям метеоритов [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов // Докл. АН СССР. - 1969. - Т. 189, №1. – С. 67 - 69. Библиогр.: 11 назв.

[12]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Ш. Определение скорости прилипания электронов по комбинированным фотографическим и радиолокационным наблюдениям метеоров [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов // Астрон. Циркуляр, издаваемый Бюро астрон. Сообщ. АН СССР. - 1969.- №532. – С. 5 - 6.

[13]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Ш. Определение скорости прилипания электронов по комбинированным фтографическим и радиолокационным наблюдениям метеоров [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов // Геомагнетизм и аэрономия. – 1971. – Т. 11, № 2. – С. 303 - 307.

[14]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов, Р. Ш. Параметр распределения по массам спорадических метеорных тел [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов // Докл АН Тадж ССР. - 1985. - Т. 28, № 6. - С. 330 - 333. - Рез. тадж. Библиогр.: 12 назв. - Реф. в: РЖ. 51, Астрономия. Отд. вып / ВИНИТИ. - 1986. - № 3. - С. 26 (304).

[15]. Бабаджанов П. Б., Бибарсов Р. Ш. Полусуточная вариация скорости прилипания электронов в метеорных следах [Текст] / П. Б. Бабаджанов, Р. Ш. Бибарсов // Астрон. Циркуляр, издаваемый Бюро астрон. Сообщ. АН СССР. – 1971. № 647. – С. 6-7. – Реф. в: РЖ. 51, Астрономия. Отд. вып. // ВИНИТИ. – 1972. - № 3. – С. 46 (395).

[16]. Бабаджанов П. Б. Биобиблиография, [Текст] / П. Б. Бабаджанов Душанбе, Дониш, 2020. - 123с.

[17]. Бабаджанов П. Б. Высоты и звездные величины ярких метеоров [Текст]. / П. Б. Бабаджанов АН Тадж ССР. Ин-т астрофизики – // Душанбе: Дониш, 1969. – 44 с: ил. – Реф. в: РЖ 51, Астрономия. Отд. Вып. // ВИНИТИ. – 1970. - № 4. - С. 41 (327 К).

